«ШАРҚИ ОЗОД»



**Нур Табаров**



# ЯК КОСА ОБИ ҶОНПАРВАР

Душанбе
«Шарқи озод»
2015

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
Т-65

Муҳаррири масъул:
*Д.Т.Нурзода*

**Нур Табаров. Як коса оби ҷонпарвар** *(маҷмуаи ҳикояҳо)*.
– Душанбе, «Шарқи озод», 2015, 224 саҳ.

Аннотация

ISBN

© Нур Табаров, 2015

# ДОСТОНИ ПОСИ ОШНОИҲО

Китоби ҳар адиб, кам ё беш, шабоҳате ба нигорандаи он дорад. Аз ин ҷост, ки дар як ҳикмати машҳури тоҷикӣ омадааст:

*Косаи чинӣ, ки садо мекунад,*
*Худ сифати хеш адо мекунад.*

Ман, вақте, ки ба мутолиаи дастнависи маҷмӯаи ҳикоёт ва ёдгунаҳои устод Нур Табаров «Як коса оби ҷонпарвар» пардохтам, дар ҳар сатреву ҳар барге аз ин навиштор симои дурахшони муаллиф: ботини нуронӣ, тинати пок, нигоҳи хушбин ва ҷаҳонбинии пурвусъату рангини эшон ба мушоҳида расид.

Ба таври мисол, дар нахустин ҳикояи (эссе)-и Нур Табаров «Қиссаи як сурат» чанд лаҳзаи пурҷилое дар хотирам нақш баст, ки ҳокӣ аз волотарин хислатҳои ҳамидаи инсонианд.

Қаҳрамони «Қиссаи як сурат» Раҳматулло Аҳмадов дар арафаи соли нав ба утоқи кории вазир занг мезанад ва баъд аз ироаи саломуалейк мегӯяд:

– Салом, Нурмуҳаммад, соли нават муборак. Ман Аҳмадов Раҳматулло.

– Шинохтам, муаллим, – посух медиҳад вазир, – Соли нави Шумо ҳам муборак.

– Ту амакатро дидан мехоҳӣ?

Ва зимни баёни як муколамаи зебо маълум мешавад, ки Раҳматулло Аҳмадов бо муҳаббат ва сидқу ихлос ба вазир (муаллифи ҳикоя) ишора карда, то

таърихчаи китоби дӯстии хонадони шарофатманди ӯ бо шахси мӯътабар ва қаҳрамони майдони ҷанг Султон Ҳомидовро дар шоҳидӣ ва ҳузури ҳамин фард якояк баён созад.

... Султони дар кӯдакӣ ятиму бекасу бепарасторро амаки Холмуҳаммад Табаров дар қатори дигар азизону пайвандонаш – Қаландару Искандар ва Шарифу Маҳхонум (ҳамсари Холмуҳаммад), сарфи назар аз ҳама сахтиҳову қаҳтиҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), зери боли тарбият мегирад. Кӯдаки ятим дар ҳамин манзил ба камол мерасад ва рӯзе дар сафи мардони корзор ба ҳимояти Ватан мешитобад.

Робитаи дӯстӣ ва мукотибаи Султон бо ин хонадони ятимпарвару босидқ ҳатто дар айёми ҳузури Холмуҳаммад ва бародараш Нормуҳаммад дар ҷабҳаи дуввуми Украина идома пайдо мекунад. Ва номаеву аксе ба расми ёдгор аз Кофарниҳон ба дасти Султони ҷанговар мерасад, ки онро чун санади муқаддаси дӯстӣ ба дида мемолад.

Пас аз гузашти чанд даҳсола Султон Ҳомидови акнун Файзободӣ акси ёдгориро аз ҷайбаш берун меорад ва мегӯяд:

– Нурмуҳаммад, ана ҳамин сурати замони тифлии ту дар кисаи гимнастёркаи солдатии ман, аз миёни обу оташи ҷанг ними Аврупоро гашта, боз ба Ватан омад... Намедонам, ман ин суратро ҳимоят кардам ё ин сурат маро...

Дар оғози сухан бесабаб набуд, ки гуфтам: китоби ҳар адибе, кам ё беш, шабоҳате ба нигорандаи онро

дорад. Нур Табарови шоир, тарҷумон, драматург ва нависандаву публитсист худ ва волидайни ҷаннатмаконияш низ мисли қаҳрамони қиссааш – Султон Ҳомидови ҷанговар диле лабрез аз шароби садоқат ва дӯстӣ ба инсонҳоро доштанду доранд. Ва ҳамин дили содиқу дардошно адибро водор ба таҳияву тасвири меҳрномаҳо месозад.

Дар рӯзгори шӯрангези мо, ки офтоби муҳаббати одам ба одам ба сардӣ, хушунат ва ҳатто ба бераҳмӣ мегароянд, Табаров бо зикри ҳикоёту ёдгунаҳои латифу фасеҳаш морову хонандаашро ҳушдор медиҳад: «Эй, бани башар! Некиро фаромӯш макун ва косаеро, ки аз он оби ҷонбахш хӯрдаӣ, нашикан, намакашро пос дор, вагарна...».

Ва аз лобалои ҳарфу ҳиҷои ёдномаи «Як коса оби ҷонпарвар» фарёди ҳушдордиҳандаи падари ҳама маъниҳои бикру сара – ҳазрати Бедил басо дардмандона ба гӯши дил мерасад:

*Ба дил гуфтам, кадом як шева душвор аст дар олам?*
*Нафас дар хун тапиду гуфт: поси ошноиҳо!*

Ва гоҳо аз замири Фирдавсии покзод моро огоҳ мекунад адиб:

*Ба як рӯй ҷустан баландӣ равост,*
*Агар дар миёна дами аждаҳост!*

Қаламфарсоёни каммутолиа, камзарф, маддоҳ ва маҳдуд ба маҳал ва қавму қабилаи хеш, фикр меку-

нам, огоҳиҳои равшане аз замири мунири Нур Табаровро надоранд. Агар ӯ дар ёддоштҳояш хулқу хислати банданавозӣ, сағирапарварӣ, олитарин дастоварди инсони хокӣ дар рӯйи замин – эъмори кохи безаванди дӯстӣ ва сидқу ихлосро ба тасвир меоварад, ин худ бозтоби ҳамон хуршеди муҳаббатест, ки муаллиф ва хонаводаи шарофатмандаш дар мағзи ҷон парвардаанд. Зеро даҳҳо ва садҳо ҳамсабақони донишгоҳии Нур, ҳампешагони ҳизбиву давлатию фарҳангияш дар Душанбеву Кофарниҳон (ҳоло Ваҳдат) намакпарвардаи хони пурнеъмати ӯву волидайни ҷаннатмаконияш ва сӯҳбатҳои ҷонфизои эшон будаанд, аз онон ёрии моддӣ ва маънавӣ дидаанд.

Мо дар ёддоштҳои ин маҷмӯа «Шоҳи мо рафт» (манзури нависанда шодравон устод Шоҳмузаффар Ёдгорӣ аст), «Он рӯзгорон ёд бод», «Некӣ бимонад ҷовидон», «Як каф гелос барои шоир», «Паёми дӯстӣ» ва амсоли он бо чеҳраҳои тобноки ашхоси фарҳангӣ ошно мешавем; ашхосе, ки аксари онҳо бо муаллиф ҳамкору ҳамақида ва ҳамнафас будаанд. Аз ин рӯ, Нур Табаров симои якояки онҳоро бо самимитарин сатрҳо мавриди таҳқиқи адабӣ ва публитсистӣ қарор додааст.

Муаллиф тақрибан ба ҳама гӯшаву канори Тоҷикистони азиз, аз Мурғоб то Кӯҳистони Мастчоҳ сафарҳои хидматӣ ва фарҳангӣ доштааст ва аз кишоварзи оддӣ то олими вораставу шоири нуктасанҷ дар ёддоштҳояш бо далелҳои равшан устодона чеҳранигорӣ гардидаанд.

Қадамҳои устувор ва қалами сабзи Нур Табаров

борҳо фаротар аз марзҳои Ватан рафта, дар гӯшаҳое аз замини паҳновари мо бо шаҳрҳои муъаззам ва инсонҳои мӯътабар саодати ошноӣ доштааст ва умедворем, ки бо он вусъати назар, таҷрибаи талху ширин ва мутолиаи амиқу густарда, ки ӯ дар адабиёти ҷаҳон дорад, бахши дигаре аз сафарномаву ёддоштҳояшро дар оянда бо ангезаи баланд ба риштаи тасвир кашида, манзури ҳаводорони осораш хоҳад кард.

Афроди соҳибназар ва забондоне амсоли устод Нур Табаровро дар гузашта зуллисонайн мегуфтанд, ки чунин адибон имрӯз ангуштшуморанд ё аслан вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, ёддоштҳои эшон дар ин маҷмӯъа ба ду забон – тоҷикӣ ва русӣ омадаанд ва барои хонандаи закиву огоҳ аз ҳарду забон, бешак, судманду дилписанд хоҳанд буд.

Мо барои муаллифи маҷмӯаи «Як коса оби ҷонпарвар» ва мухлисони осораш умри оби равон ва рӯзу рӯзгори хуш таманно дорем.

***Мирзо Шукурзода,***
*Корманди шоистаи ҷумҳурӣ,*
*барандаи Ҷоизаи адабии*
*ба номи устод Айнӣ,*
*апрели соли 2014*

## ҚИССАИ ЯК СУРАТ

Арафаи соли нави 1988 буд. Он вақтҳо соли кӯҳнаро бо тантанаҳои хоса ҷамъбасту гусел мекарданд, соли навро бо шукӯҳу ҷалол истиқбол мегирифтанд. Он айём шиносу ношинос ба назари якдигар хеле ширин метофтанд, гӯё ки ба ҳамдигар ягон кори савоб карданӣ бошанд, басо нарму некхоҳона муносибат медоштанд. Гуфтугӯҳои телефонӣ ҳам аз сухани табрикӣ ба муносибати соли нави оянда оғоз меёфт.

Ман ҳам он рӯз дар Вазорати фарҳанг сари мизи корӣ нишаста ҳисоботи солонаи кадом як ташкилотро мехондам, ки ногоҳ телефони сераҷама (ҳукуматӣ) занг зад.

– Салом, Нурмуҳаммад, солҳои нав муборак, ман Аҳмадов Раҳматулло.

– Шинохтам, муаллим, – гуфтам дар ҷавоб. – Соли нави Шумо низ муборак.

– Ту амакатро дидан мехоҳӣ?

Ягона амаки ман, яъне бародари хурдии падарам-Нормуҳаммад Табаров ба ҷанги зидди фашизм рафту барнагашт ва худи Раҳматулло Аҳмадов ҳам инро медонист, зеро ҳамсинну соли падарам буд ва ҳарду дар як ноҳия кор ҳам карда буданд. Ин кас ҳам иштирокчии ҷанг...

Қадре таҳаммул карда гуфтам:

– Муаллим, худатон медонед, ки амаки Нормуҳаммад аз ҷанг барнагашт, ман дигар амак надорам...

– Не, дорӣ, вале ту ӯро надидаӣ... Ҳоло бархезу назди ман биё, шинос мешавӣ.

– Хуб, меоям.

Ҳуҷҷат ба посбон нишон дода, ба сӯи утоқи кории мудири коргузори он вақтаи Шӯрои вазирон равон

гаштам.

Ба ғайр аз худи Раҳматулло Аҳмадович, ки як марди қоматбаланди хушсурату хубсират буд, як нафари дигари дар синну сол ба ӯ баробар, вале дар сар тӯпии чустӣ, дар тан костюми тирафом менишаст. Шахси ношинос баробари ворид шудани ман ба утоқи кории Аҳмадов аз ҷо бархоста, оғӯш кушода маро ба бағал кашид ва бӯсида гуфт:

– Раҳматулло, бин, Нурмуҳаммад як марди калон шудааст, Худойро шукр, ба дидори якдигар расидем.

– Нурмуҳаммад, – ба гап ҳамроҳ шуд Аҳмадов, – ин кас амаки дуюми шумо – Султон Ҳомидов, аз Файзобод омаданд. Шин, чорта чақ-чақ кунед, хешҳои бегонагашта...

Ман худро ноҳинҷор ҳис мекардам аз он ки чунин хеш доштему ман бехабар... Ба ҳар сурат, дер ҳам бошад, кори хуб шуд, ки ба дидори якдигар расидем...

– Нури ҷон, – ба қисса оғоз кард амаки Султон.

Ман як сағераи бекасу кӯ будам дар қишлоқи Анатуруши Кофарниҳон, ҳамон қишлоқе, ки дар он тағои калонии шумо – амаки Ҳомид зиндагӣ мекард ва тағоҳои ту Қаландару Искандару Шариф ва модарат Моҳхоним ҳам дар тарбияи ӯ буданд. Рӯзе ӯ маро дар кӯча сарсону саргардон дида пурсид:

– Ҳа, бача, ту чӣ ном дорӣ?

Фарзанди кӣ мешавӣ, ин хел бечораҳол метобӣ. Чаро?

– Номам Султон, номи падарамро намедонам,- гуфтам ман, – бепадару бехонаву дар, бекор, бесоҳиб...

Амаки Ҳомид дигар савол надоду «Ҳамроҳи ман биё»,– султони бемулк гуфт. – Он ҷо ки чаҳорто ҳаст, барои панҷумаш ҳам ҷой меёбем.

Хулоса, ӯ маро ҳам илова ба чор нонхӯр фарзанд хонд, ба ҷои падарам номашро нависонда

шаҳодатномаи таваллуд, баъдҳо паспорт гирифта дод. Як рӯз падарат, ки алаккай оиладор шуда буд, маро дида хонааш бурда гуфт:

– Султон, биё, сару рӯятро шуста, либосатро дигар кунем. Ман фардо туро ба мактаб мебарам.

Ба Худо, аҷаб одамҳои нек буданд онҳо! Маро, ки аллакай бачаи болиғ будам, падарат гирифта, даруни тағораи калони оҳанини пур аз оби ширгарм ба сару рӯям собун зада шуст. Мефаҳмӣ, ман бори нахуст фаҳмидам, ки чашмро қадре сӯзонад ҳам, чи кайфияту ҳаловат мебахшидааст бо собун шустушӯ кардан. Баъд либоси навро пӯшониданд. Аз шодӣ ашк мерехт аз дидагони ман...

Хулоса, падарат рӯзи дигар маро оварда ба хонаи бачагон супурд ва ҳар гоҳ омада хабар мегирифт, худо раҳматаш кунад. Мактаби миёнаро тамом кардаму ... ҷанги ҷаҳон сар шуд.

Аввал падарат ба фронт рафт, хаёлам, ту чилрӯза будӣ, ё не...

Рафту зуд-зуд аз фронти дуввуми Украина нома менавишт ва мепурсид, ки ҳоли писараш, яъне ту, Нур, чи хел ҳаст?

Чанде баъд бародараш Нормуҳаммадро ва манро низ ба фронт фиристоданд. Ман дар фронти якуми Украина будам ва гоҳ-гоҳе ба ҳам нома менавиштем.

Дар ҳамин ҷои нақлаш амаки Султон аз ҷайбаш суратеро бароварда ба ман дароз кард.

– Мешиносӣ?

– Ин кас модарам барин, ин бача...

– Ин бачаи беэзор – худат! – гуён, қаҳ-қаҳзанон хандид ӯ.

Ман ба зоҳири он писарчаи болои зонуи модар истода нигаристам ва бисёр аломатҳои бароям шиносро

дарёфтам ва дар шигифт шудам.



*Нур Табарови хурдсол бо модараш.*



*Холмуҳаммад Табаров*

Ин аксро тобистони соли 1942 падарат Холмуҳаммад аз фронти дуюм ба фронти якуми Украина ба ман бо нома фиристода навишта буд, ки бин, Султон, бачаи ман чи хел калон мешавад. Ту медонӣ, Нурмуҳаммад, ана, ҳамин сурати ту дар киссаи гимнастёркаи солдатии ман, аз миёни обу оташи ҷанг, ними Аврупоро гашта, боз ба Ватан омад. Росташро гӯям, намедонам, ман ин суратро ҳимоя кардам ё ин сурат маро. Ҳам падарат, ки аз ҷанг саломат баргашт ва ҳам модарат аз шунидани қиссаи сурат ба завқ омаданд ва гуфтанд, ки бигзор минбаъд ҳам бо ту бимонад. Имрӯз овардам, ки ба худат нишон диҳам, марҳамат, бигиру нусха бардошта аслашро ба ман баргардон. Майлаш?.. Аз ин пас мо бояд аз ҳоли якдигар бохабар бошем. Амаки Нормуҳаммад аз ҷанг барнагашт, падарат худораҳматӣ шуд, акнун ягона амакат ман мондам. Биё, ба деҳаи Кавгрези Файзобод, биё...

Вақте ки ин суратро ба модарам нишон додам, хушҳол гашту пурсид:

– Ин суратро кали Султон овард? Соли 1942 ман ба падарат фиристода будам, ба фронти дуюми Украин.

– Ҳа, ба қарибӣ дар идораи Раҳматулло Аҳмадов бо вай шинос шудам.



*Нужна надпись под рисунком*

Аҷоиб чизҳо нақл кард. Вай ҳам дар хонаи тағои Ҳомид калон шуда будааст?

– Ҳа, мӯйсафеди сағирапарвар буд, баъд падарат Султонро ба хондан фиристонд, калон шуд, муаллимӣ мекард, дар ҷанг ҳам иштирок кардааст.

Одами хуб аст, рӯзи марги падарат омада буд, хуб гирист, бечора. Чанде пеш амаки Аҳмадов занг зада гуфт, ки ба муносибати соли нав савғотӣ дорам, ана ҳамин сурату мулоқот бо амаки Султон будааст ҳадяи ӯ, – гуфтам ман.

– Хонааш даъват накард?

– Даъват кард, гуфт, ки ҳатман ба қишлоқи Кавгре-

зи Файзобод биё, меҳмон шав, вале афсӯс, фурсат ҳанӯз даст надода.



*Нур Табаров бо модараш ва набераваш Суҳайл.*

Аз он мулоқот чанд сол сипарӣ шуд, ман аз он расм нусха гирифтам ва аслашро ба амаки Султон баргардонданӣ будам.

Сад афсӯс, ки дар ин байн амаки Султон Ҳомидов ва дертар Раҳматулло Аҳмадов – қаҳрамонони ҷангу меҳнат, дунёро падруд гуфтанд. Ёдашон ба хайр.

Сурат акнун дар кисаи ман мегардад, чун ёдгоре аз падару модар, дӯстони падарам ва шаҳодати айёми бачагии худам... Намедонам, ман онро ҳимоят мекунам, ё ин сурат маро, зеро акнун аз ду нафари дар он

акс ёфта рӯи замин ман танҳо мондам... Модарам, ки умри бобаракаташ аз навад гузашта буд, гоҳ – гоҳе аз пирӣ шикваҳо мекарду мегуфт: – Худованд кош гирифтани амонаташро ба дарозо накашад...

Маро аз Душанбе ба Ваҳдат бубаред. Хешу ақрабо, падар ва бародаратон он ҷо хуфтаанд... Мехоҳам паҳлӯи онҳо бошам... – гуфт.

Ҳамагӣ як ҳафта нагузашту мо маҷбур будем вопасин дархосташро ба ҷо орем – турбаташро паҳлӯи хешу ақрабояш дар хамӯшистони Мавлавӣ Юсуфи Чархӣ ба хок супурдем.

Кӣ медонад, азбаски исми шарифашон Моҳхоним буд, равони покашон, аҷаб не, дар гӯшае аз он ҳамраҳи бовафои Сайёраи Замин ҷой гирифтаву ба фарзандону наберагон ба нуру зиёи ширмаҳтоб дуруд мефиристад.

– Дуруд, модарҷон, дуруд, дуруд, дуруд!!! – ҷавоб мегӯем мо.

*Арафаи Наврӯз. Моҳи марти с. 2014*

## БОЗОР СОБИР ВА ДИГАРОН
***Ёддоштҳои давраи донишҷӯӣ (1957 – 1962)***

### *ПАИ ПОИ МАЗҲАБШОҲ*

Бозор дар байни шарикони ҳамдарс бо озодагии гуфтору рафтор ва афту андом фарқ мекард ва одамони осемасару сергапу серҳаракатро нағз намедид. Вале бештар мекӯшид, ки онҳо ислоҳ шаванд. Яке аз рафиқони донишгоҳии ӯ, ки баъдҳо чун журналисти чирадаст машҳур гардид, равоншод Мазҳабшоҳи Муҳаббатшоҳ буд.

Рӯзе аз рӯзҳо вақти хӯроки нисфирӯзи Мазҳабшоҳ ғайб мезанад. Ҳама ҳайрон: куҷо рафта бошад? Ӯро набарем, гушна мемонад. Аҳволи донишҷӯӣ ба ҳама маълум.

– Ман ӯро меёбам!– якбора нидо кард Бозор,– рафтем!

Инро мегӯяду чанд қадам пештар рафта, мисли пайҷӯён изи одамонро рӯи хоки саҳни факулта мековад.

– Ана, паи пои Мазҳаб!– гӯён рафиқонро ҷеғ мезанад Бозор – Бинед, ин ҷо паи кафши ӯст, зеро миёнаи тагчармаш хӯрда шудагӣ, ана, паи ангуштонаш. Ба Худо, ки дар ин шаҳр каси дигар чунин из надорад,-рафтем, вай дар чойхона!

Ҳама ҳайратзада аз кашфиёти Бозор чойхона меоянд, ки Мазҳабшоҳ бо ду нафар ҳамшаҳриаш борш мехӯрад. Берунтар ҷеғ мезананд, мебарояд.

– Илтимос, туфлии пои чапатро каш,-мегӯяд Бозор.

Ӯ дар хиҷолат монда, мегурезад ва чӣ мегӯед, ки ҳамоно изи пойҳояш дар замин мемонанд: якеш бо паи ангуштон.

Ҳама боз механданд ва дар ин ханда истеҳзо аз таассуфу ҳамдардӣ камтар буд, на зиёд. Зеро дӯсти мо Мазҳабшоҳ фарзанди кишваре буд, ки ба қавли Семё-

нов-Тиёншанский, «Здесь все рождаются царями, а умирают нищими». Дӯсти мо низ дар бисоташ ба ҷуз ному насаби ашрофӣ ва дили пурмуҳаббат чизи дигаре надошт. Дурустар агар нигарем, он вақтҳо кафшҳои кадоми мо ба ҳоламон намехандиданд?

### *КОРИ НАҒЗИ БОЗОР СОБИР*

Замоне шуд Бозору Мазҳабшоҳ дар як рӯзнома- “Маориф ва маданият” кор мекарданд. Азбаски Мазҳабшоҳ таҷрибаи хуби рӯзноманигорӣ ва макетсозӣ дошт, бештар ба кори котибот андармон буд. Мардуми огоҳ медонад, ки котиби масъул дар рӯзнома шахси калидист ва аксар аз камбуди маводи арзандаи чоп асабонӣ шуда, бо ҳама даст ба гиребон мешавад. Кам андар кам рӯзномаест, ки дар он котиби масъулро дӯст доранд.

Пас аз сафари эҷодии ду ҳамсабақи дорулфунунӣ, ду ҳамкору ду рафиқ – Бозору Мазҳабшоҳ ба яке аз ҷумҳуриҳои Наздибалтик, дар редаксияи «Маориф ва маданият» миш– миш паҳн шуд, ки гӯё Бозор ҳамсафари худро хуб мурдачин карда бошад.

Ин гап ба яке аз кормандони собиқадори рӯзнома Маҳмудов мерасад ва ӯ назди Бозор даромада, бо шеваи ба худаш хос, канда –канда, мулоим мепурсад:

– Рафиқ Собиров, мегӯянд, ки шумо ҳангоми сафар ба Рига ҳамин рафиқ Муҳаббатшоевро задед. Ҳамин гап дуруст-мӣ?

Бозор чизи нохушеро ба ёд овардагӣ барин сурху сафед мешавад ва ба дуруштӣ ҷавоб медиҳад:

– Ҳа, задам, чӣ буд?

Пурсида ҳам бо ҳамон оҳанги муқаррарӣ– мулоим мегӯяд...

– Ҳеҷ чиз. Бисёр кори нағз кардед.

(Сабаби хархаша ва ҷазо додани дӯсташро Бозор

дар як рафтори «нетактичний»-и дӯсташ ҳангоми меҳмонӣ медонист). Вассалом.

Ҳар чи буду набуд, миёни дӯстони ҳамсабақ – Бозору Мазҳабшоҳ, онҳо чанде зиндаҷудо буданд. Мисли мову шумо аз реҳлати дӯсти гаронқадри хеш, Бозор Собир аз паси Уқёнус номаи худро ба марги Мазҳабшоҳ фиристод, ки чунин аст:

*АНДЕШАИ ШОИРОНА МЕКАРД МУДОМ...*

Ба рӯзноманигори машҳур, рафиқи ҷавониям, Мазҳабшоҳ, ки тахаллусаш Хуршед буд:

*Бо панҷа,ки мӯй шона мекард мудом,*
*Андешаи шоирона мекард мудом.*
*Хуршеди азиз дар димогам, бӯи*
*Ранги тари чопхона мекард мудом.*



*Бозор Собир дар ҳалқаи ҳамкурсон.*

## *БОЗОР, ХЕЗ, КИ КӮДАК ҒАЛТИД!*

Як дӯсти ману Бозор, ки Қурбоналӣ ном дошт ва худаш дар деҳаи Қуймоти ноҳияи Ёвон муаллимӣ мекард, ҳангоми тафси маъракаи имтиҳонсупорӣ дар мактабҳои олӣ, ҳашшосзанон пеши ман омаду гуфт:

– Нур, хез, даррав. Бозора биёв, ӯ ягон бало накунад, кӯдак аз имтиҳони математика меғалтад!

Инро гуфта аз киса як вароқи ғиҷимгаштаро баровард.

– Ана, ҳамон масъалаҳои лаънатӣ, худи имтиҳонгирандаҳо ҳисобашонро гум кардагӣ. Рафтем, ин мушкилотро додари Бозор – Темур ҳал накунад, ҳеҷ каси дигар наметавонад. Рафтем!

Бозора кофта ёфтем.

– Бозорҷон, садқаи номат, худат ягон бало накунӣ, ин кӯдак аз имтиҳони якум меғалтад. Шарманда мешем, ҳама шарманда мешем. Ина, падарлаънатӣ, масъалаҳое омада, ки худи имтиҳонгиранда ҳайрон...

– Ин қоғаза кӣ навишт? – пурсид Бозор.

– Кӣ менавишт? Бачам, Бобокалон... аз имтиҳон,-партофт, гирифтем, – гуфт падари «кӯдак».

– Чӣ хел? – боз пурсид Бозор

– Кори осон: пешакӣ як сангчаро гирифта буд, коғазро печонида партофт, аз ошёнаи ду. Мо дар поён гирифтем.

– Фарз кардем, масъала ҳал шуд, онро чӣ хел ба «кӯдаки» дар ошёнаи ду буда мерасонӣ?– боз пурсид Бозор.

– Бо рогатка! Медонӣ, ин чист? То ошёнаи даҳ тираш мерасад. Бозорҷон, маро пеши Темур бар.

– Темур ҳоло дар касалхона, аппендисит шудагӣ, ҷарроҳӣ дид. Шояд намонанд...

– Кай шуд ин кор, Бозорҷон?

– Дирӯз.

– Имрӯз ба худ омадагист, Бозорҷон? А, дар номат мурам. Ман боз ба дорулфунун меравам. Бо Нур пеши Темурҷон рафта ҳамин корро бинед, ҷон, Бозорҷон.

Хулоса, мову Бозор беморхона рафтем. Бечора Темури маҷрӯҳ қалам ба даст гирифта, арақшор шуда, он «масъалаи лаънатӣ»-ро ҳал кард. Ҷавобро оварда ба пеши Қурбоналӣ монда рафтем. Оқибат муаллимони имтиҳонгири ҳайратзода ба Бобокалон баҳои «аъло» монданд, вале ҳамин ки диданд даҳ нафари дигар ҳам ин тарзи ҳалро айнан кӯчонидаанд, ба дигарон баҳои «4» монданд.

Аҷаби кор дар он буд, ки Бобокалони аз имтиҳон баҳои «аъло» гирифта, як сол ҳам нахонда, мактаби олиро чун шахси ноӯҳдабаро тарк гуфт ва ҳамаи заҳматҳои кашидаи Бозору ману падараш ва Темури мариз низ барҳадар рафт. «Кӯдак» ин дафъа дар ҳақиқат афтид...

## *ЯК КАФ ГЕЛОС БАРОИ УСТОД*

Фасли пухтани гелос дар Тоҷикистон ба авҷи баҳорони Маскав рост меояд. Баҳори соли 1975 ман дар курси дувуми бахши рӯзноманигории Мактаби олии ҳизбии назди КМ ҲКИШ мехондам ва қадре мариз шуда, ба бемористони Кунтсево афтодам. Рӯзе хоҳари шафқат, ки тоҷик буданамро медонист, ба ман гуфт:

– Дар бемористони мо як ҳамшаҳриатон, шоири тоҷик, табобат мегирад.

Ҳайрон шудаму дарҳол пурсидамаш:

– Намедонед кӣ буданашонро?

Духтарак дар хиҷолат афтоду посухам дод:

– Кӣ буданашонро намедонам, вале мардест хушандому басе меҳрубон.

Эҳсос намудам, ки ин «марди хушандому басе

меҳрубон» устод Мирзо Турсунзодаанд. Аз ӯ хоҳиш намудам як миқдор гелоси навпухтаро, ки ҳамон рӯз аз ватанамон ба ман оварда буданд, ба устод бирасонад. Ӯ пешниҳоди оқилонае кард:

– Беҳтараш худатон баред. Бо ин баҳона он касро мебинед. Аёдати бемор савоб аст, он кас хурсанд мешаванд.

«Супориш»-ро ба ҷо овардам, вале устодро дар палатаашон наёфтам: ба «протседура» рафта будаанд. Гелосро болои миз гузоштаму рафтам. Субҳ маро ҷавоб доданд. Қаламу коғазамро ғундошта берун баромадам ва чанд қадам нагузошта, рӯи хараки ҳавлӣ ҳамон пайкари шиноси устод Мирзо Турсунзодаро нишаста дидам: ҳамон мӯи сафеди ба қуллаҳои барфпӯш монанд, ҳамон тамкин, ҳамон ҷозиба... Гӯйё маҳбубтарин шахс, падар ё бародари бузургамро дида бошам, дилам гум зад, беихтиёр ҷониби он кас гом ниҳодаму беҷуръатона гуфтам:

– Ассалому алайкум, устод!

Устод, ки китоберо қироат мекарданд, айнакашонро аз чашм гирифта ҷонибам дида дӯхтанду маро зуд шинохтанд.

– Эҳа, мулло Нурмуҳаммад! Ин савғоро аз ватан шумо оварда будед–да? Ду–се моҳ боз Тоҷикистонро надидаам, гелоси шумо ҳадяи оличаноб шуд. Ташаккур, хонданҳо чӣ тавр? Ин ҷо чӣ кор мекунед? Нотоб шудед?

– Ҳа, устод. Қадре мазаҳо гурехт, барқарор кардем.

– Мазаи умр дар ҷавонист, худро эҳтиёт кунед. Умеди мо ба шумо – ҷавонҳост, ба адабиёту санъати мо низ кадрҳои нав зарур. Мо кам-кам пир шудан дорем... Ин беморӣ ҳам...

– Устод, ҳамон дарди қумоч азият медиҳад?

– Оре, дарди бедаво...

– Ин тавр нагӯед, устод. То ҳол шумо «ишқ»-ро «дарди бедаво» мегуфтед... « Бе ту танҳоӣ кашидам, дарди ман боло гирифт...»

– Оре, оре. Дид ҳоли ман табибу дар бари ман ҷо гирифт.

– Устод, – гуфтам як даста коғази тозаро пешашон ниҳода. – Ин коғазҳоро бигиреду аз шеър пур кунед. Инҳоро барои навиштани рисола гирифта будам, беҳтараш аз шеъри Шумо пур шавад.

– Албатта, чунин хоҳам кард, ташаккур. Ба ёру дӯстон саломи маро бирасонед...

Чанде баъд ман ҳам мактабро хатм намудаму ба Душанбе баргаштам ва дар шӯъбаи тарғиботу ташвиқоти кумитаи шаҳрии ҳизб ба кор шурӯъ кардам. Кадом як маъракаи муҳими сиёсӣ пеш омаду котиби якуми кумитаи шаҳрӣ Гулҷаҳон Бобосодиқова фармуд, ки ба хонаи устод Турсунзода рафта, фикру андешаи он касро роҷеъ ба ин рӯйдод бифаҳмам.

Занги дари манзили иқомати устодро пахш кардам. Завҷаашон бо меҳрубонӣ истиқболам гирифта, сари миз нишонданду гуфтанд, ки он кас рӯй мешӯянд, ҳамин дам ҳозир хоҳанд шуд. Воқеан, лаҳзае пас дар во шуду устод дар тан хилъати сап-сафед, сачоқи азиме дар гардан овезон бо чеҳраи ба нони навпухтаи қатра-қатра обзадамонанд вориди ҳуҷра гардиданд. Хаёлам хона мунаввар шуд, ҷилои тозае ёфт.

– Ин шумо-мӣ, мулло Нурмуҳаммад? Салом, салом. Ман худи ҳозир аз корҳои анҷом додаам ба Шумо ҳисобот медиҳам.

– Устод, бовар мекунам...

– Не, не. Канӣ онеш, ҳамон силсилаи шеърҳои ба занон бахшидаи маро биоред. Ман ба ин кас, ҳеҷ набошад, номбар кунам. Вақте ки порсол дар бемори-

стони Кунтсево мехуфтам, мулло Нурмуҳаммад ду кори савоб карданд: дар баҳори деройи Маскав як панҷа гелоси Ҳисор оварда, дарди ҳиҷрони Ватанро даво бахшиданд ва ҳам як даста коғази сафед ҳадя карданд, ки ман шеър бинависам. Илоҷам набуд, супориши ин касро ба ҷо овардам. Ана, бинед: «Зан агар...», «Чашми ман», «Дасти ту медонад», «Зан посбони оташ аст», «Кокулат», «Зан зан аст», «Бӯи гул ояд зи ту»...

*Гул миёни мову аммо бӯи гул ояд зи ту,*
*Рангу бӯи ин гули бишкуфта афзояд зи ту...*

– Офарин, устод! Аз гул гулдаста сохтед... ва онро ба занҳо ҳадя кардед...

– Гӯш кунед. Ба фикрам, ин шеър бад не барин:

*Зан агар оташ намебуд, хом мемондем мо,*
*Норасида бодае дар ҷом мемондем мо.*
*Зан агар моро намебахшид умри бардавом,*
*Бетахаллус, бенасаб, беном мемондем мо...*

– Шеъри олист, устод! Янга чӣ мегӯянд?

– Маъқул, – бо нармӣ ҷавоб доданд завҷаашон.

Он рӯз бо як ҷаҳон шодиву фараҳ аз хонаи устод берун шудам ва дар бораи олиҳимматии он кас фикр мекардаму худ ба худ мегуфтам: «Бубин, устод ба ҳамон як амали начандон арзандаи ман ин қадар баҳои баланд доданд: як каф гелоси ҳисориву як даста коғази сафед».

Устод худ як хазинаи панду ҳикмат, чашмаи ҷӯшони меҳру муҳаббат буданд. Ёдашон бахайр.

*Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»*
*№ 33 (1588). 8 августи с. 2011.*

## ЯК КОСА ОБИ ҶОНБАХШ

Дашти беканору доманвасеи қазоқро ҳамагӣ як роҳи пурчангу хок аз мобайн бурида мегузашт. Агар нимрӯзӣ пой дар хоки мисли абрешим судаву гарми ин роҳ гузошта то ба заминҳои хоҷагии ба номи Абай рафтанӣ шавӣ, яқин ҳаст, ки худро андаруни тануri тафсон эҳсос мекунӣ – лаб ташна, ҳалқ ташна, тану туш-ташна, вале арақшор. Аз ду тарафи роҳ садои ҷиззасу вижжаси малаху чустаку ҳазору як ҷонзоди дигар, ки дар ин ғаллазори хушаҳояш расида ҷо гирифтаанд, гӯшатро кар мекунанд. Гӯё ба ҳоли зори ту механдида бошанд. Аммо ... Як дам ист,– аз даруни ғаллазор як садои дигаре ҳам баланд мешавад ва батадриҷ наздик меояд. Ин чӣ садоест? Садои одам ва ғиҷироси чархҳои ароба... Эҳа, аробакаши худамон-ку! Ин суруди ӯст.

*Сари кӯи баланд буд хонаи ман,*
*Фалак тире задаст бар шонаи ман.*
*Фалак тире задаст пайкон надорад,*
*Ба ҳасрат пур шуда паймонаи ман.*

Аробакаш, ки ҷавони галифе ва гимнастёркаи аскарӣ дар тан, мӯзаи кирза дар по ва кулоҳи аскарӣ дар сар дошт, мусофирро мебинад ва ба аспаш фармон медиҳад:

– Тррр, ист, ҷонвар, ин ғариба гирем, поҳош сӯхтагист дар ин гарди сӯзон ... Иэъ! Старшина Икромӣ? Аз куҷо меоӣ?

– Аз маркази совхоз, ҳисоботи якҳафтаина бурда будам ... Як мошин то гардиша овраду сӯи Экибастуз рафт. Пиёда мондем.

– Зуд шин ...

– Обгирӣ меравӣ, Мирзо?

– Бале. Ташнаӣ?

– Напурс, мурдам аз ташнагӣ ...

– Ана, аз ин фляшка камтар хӯр, бисёр не, якбора арақ шуда берун меҷаҳад.

– Медонам ... Ин дашти қазоқ аз дашти Чордағал ҳам гармтар будаст-э. Дӯзахи таёр.

Ӯ фляшкаро аз дасти Мирзо мегирад ва оби онро беихтиёр то қатраи охир ба гулӯ мерезад.

– Қанда зан, старшина, то қатраи охирин! Офарин!

Старшина Икромов, ки ҳамсабақи Мирзост, лабу даҳонро бо пушти дасташ пок карда мегӯяд:

– Илоҳо, бачам саворaи ҳамин ароба прямо ба биҳишт бирасӣ. Оллоҳу Акбар!

– Ташаккур, то биҳишта-ку роҳ дур аст, вале то ҷӯи Сари тол боз камтар монд. Бочкаро, ки пуроб кардем, биҳишти накд мешавад пайдо. Ҳа, ҷонвар бизан чорхез!...

Аспи лоғари аробакаш ҳам бо фармони соҳибаш ночор сар мефарорад ва суръати гашти худро як камтарак мефизояд ... Харду савора ҳам ба оҳанги кадре болида ба хондан медароянд:

*Дар биёбон нола кардам, хирмани гул дар гирифт,*
*Майдае, майда,*
*Ҳайфи рӯи бегуборам чангу хокистар гирифт,*
*Майдае, майда ...*

Аз ҳамон фасли тобистони соли 1957, аз ҳамон рӯзҳои тафсони беохиру шабҳои серуни зудгузари дашти қазоқ ин манзараи ғаллазори пур аз хӯшаҳои гандуми расидаи мавҷзан, ҳамон роҳи яккаву ягонаи

мошину одамгузар, ки моро то Қарағанда ва Экибастуз мепайваст, боз ҳам хира – хира симоҳои тракторчиҳои белорусӣ бо либосҳои тирафоми маҳбасиашон, чеҳраҳои ҳамсабақони курси аввали бахши филологияи тоҷику рус дар ёдҳо монда.

Шаб, пас аз бардорузани шаш-ҳафтсоата дар мошини боркаш, омадем ба маркази як қитъаи совхози ба номи Абай, ки ба ҷуз як вагон ва ду хонаи похсагин манзили дигаре надошт, на дарахте, на ҷӯе, на гулу гиёҳе. Дилам ба Абай сӯхт:

Як гушаи дӯзахро ба номи ин адиби номӣ гузошта буданд. Вале атроф ҳама ғаллазор – хирман ҳама пур аз гандум. Не, ин ҷоро ба дӯзах наметавон монанд кард. Дар дӯзах гандум бо ин фаровонӣ куҷост?!

Аммо шаби аввал, ки моро андаруни яке аз он ду манзили мавҷуда ҷо карданд, фаҳмидем, ки ба чӣ гӯшае уфтодаем. Пас аз рӯбу чини зиёд мо аввал коҳи гандум рехтем ва баъд кӯрпа, ҷилдҳои сафеди оҳарӣ, болинҳо партофта ба хуфтан омода шудем. Ягон ним, ё як соат нагузашта буд, ки садои Ашӯр Ғуломов баланд шуд :

– Ин чӣ бошад, мегазаду мегазад? О лаънатие...

– Ман ҳам ҳайрон, як гӯгирд зан!

Касе гӯгирд зад. Болои ҷилду болину кӯрпаву ҷогаҳ ҳама ҷо пур аз канаи сурхчатобу сиёҳ буд... Ва қатра-қатра хун...

Ҳамагӣ якбора кӯрпаву палосро гирифта аз ҳуҷра берун шудем, аксар дар ҳавлӣ, баъзеҳо болои бом ҷо гирифта он шабро як бало карда рӯз кардем.

Пагоҳӣ барвақт Мирзои мо либоси кории солдатиашро пӯшида, аз ҳама пеш ба кор омода шуд ва вазифаи бо ароба обкаширо ба ӯҳда гирифт. Ҳар гоҳ, ки ташна мемондем, Мирзоро суроғ мекардем. Ҳоло ҳам,

ҳар гоҳ, ки ташна монам, ҳамон ҷавони гимнастёркапӯши кулоҳи солдатӣ ба сару пойҳояш аз соғуи ароба овезонро ба ёд меоварам, ки паҳлӯяш як бочка оби хунук шалапас зада, панҷа-панҷа берун меҷаст ва аз танаи бочка поин мешорид ... Об набуд, роҳати ҷон буд, обе, ки Мирзо дар ароба мекашонд.Аз ҳамон Саритол ном ҷӯе дар дили дашти қазоқ.

Баъд аз хатми донишгоҳ Мирзои мо дар радиою телевизион кор кард, қалами хуб дошт, аммо корҳои ташкилотчигӣ вақти зиёдашро мерабуданд. Оқибат комилан гузашт ба коргузорӣ дар Иттифоқи журналистон – котиби Иттиҳоди рӯзноманигорони ҷумҳурӣ буд то рӯзҳои охирини ҳаёташ, чанде дар Афғонистон тарҷумонӣ кард. Баргашт. Бо Ғ.Н.Қаландаров, О.Латифӣ, Ш.Саидов, М.Муҳаббатшоев ва дигар воломақомони соҳаи журналистика ҳамкорӣ дошт. Қатъи назар аз мушкилоти айём мекӯшид дар сафҳои Иттифоқ дӯстиву рафоқат пойдор бимонад. Дар кор ва рӯзгори шахсияш чун ҳама инсонҳо бекаму костӣ набуд. Хешу ақрабо, ёру дӯстон аз баъзе корҳои ӯ, аз ҷумла, аз майли зиёд ба май, аз ӯ нигаронӣ доштанд. Гоҳ механдид, гоҳе ба ҷаҳл меомад ва ҳамон тарзе рафтор мекард, ки дилаш мехост, шояд ба тағйири ҳолаш қудрат надошт ... Аҷаб не ...

Аммо чи меҳрубоние, чи лутфе дошт, дастонаш гуё ҳамеша омода бар он буданд, ки ба касе як коса об ва нон диҳанд, ҳотамие дошт беандоза.

Рӯзе, арафаи 60-солагии банда, ки хостам ӯро ба як пиёла чой даъват кунам, пурсид:

– Ту чӣ унвон дорӣ?

– Ҳеҷ, – гуфтам.

– Чаро? – пурсид ӯ!

– Намедонам, – гуфтам.

– Ту соҳиб дорӣ, ё не? – боз пурсид вай.

– Намедонам, – гуфтам ман.

– Узви чанд Иттифоқи эҷодӣ ҳастӣ?

– Узви сетоаш – журналистон, нависандагон ва ходимони театр.

– Чёрт возми! – гуфту даст ба сӯи гӯшаки телефон дароз карда, рақамеро чинд ва ба мусоҳибаш аз хусуси кору бори ман ва ҷашни ман ҳарфҳое гуфт ногуфтанӣ.

Хуллас, чанде пас бо тавсияи раёсати Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва фармони Раиси Ҷумҳур, Ҷаноби Олӣ, унвони «Корманди шоиста» насиби банда гардид.

Ин ҳам як хӯшае буд аз боғи ҳиммати дӯсти зиндаёди мо Мирзоҳаёт Давлатов, ки ҷашни 70-солагии ӯрову маро бо ҳазор таассуф бе ширкати ӯ қайд кардем.

Ёдаш ба хайр! Умедворам, ӯ аз ҳавзи кавсар бе насиб нахоҳад монд.

Кӣ медонад, шояд вай дар он дунё ҳам ба ташнагон об тақсим мекунад...

## ШОҲИ МО РАФТ,
## МЕҲРАШ БА ЁДГОР МОНД...

*Мисоли кӯҳҳои Тоҷикистон,*
*Сарафрозему вазнинему хомӯш.*
*Касе бо мушт кӯҳи хора нашкаст,*
*Касе нашнид оҳи кӯҳ бар гӯш ...*

**Шоҳмузаффар Ёдгорӣ**



Шоҳмузаффари мо худаш низ чунин буд – мисоли теғаи кӯҳ пораи абри сафед ё барф бар сар буд ва ҳам хоксору фурӯтан. Ҳама шоҳидем – зебою барномарде буд. Доно буд. Ҳассос. Ба аҳли байт ва дӯстону рафиқон якзайл меҳрубон буд. Олиҳиммат буд, то ба дараҷае, ки ҷонашро дареғ намедошт.

Соли гузашта, арафаи анҷумани адибон буд. Барои аз қайд гузаштан вакилон ба Иттифоқи нависандагон меомаданд ва бо ҳамин баҳона аз дидори якдигар изҳори шодмонӣ мекарданд ва ба сӯҳбатҳои аҷоибу ғароиб мепардохтанд. Чунин шуд, ки мо чанд нафар рӯи дивани даромадгоҳи ҳуҷраи кори устод Мӯъмин Қаноат нишаста сӯҳбат доштем. Худи устод Қаноат низ ҳамроҳи мо буданд ва низ Шоҳмузаффар, Шоҳҳайдар – бародари ӯ, Одина Мирак, боз чанд каси дигар. Аз чи буд, ки сухан аз қазову қадар, аз ҳаёту мамот рафт. Зеро ки аз чанд адиби аз олам даргузашта ёд кардем ва таассуф хӯрдем аз фавти эшон.

Шоҳмузаффар гӯё ки лаҳзаи баёни ошкорои сирри ниҳони дилаш фаро расида бошад, гуфт:

– Чӣ ҷои таассуф, чӣ ҷои маломат, масалан, ман ҳеҷ парвое надорам, агар хоҳад, ҳозир амонаташро бигирад. Он тарафаш як ҷон будааст-да, додемаш!

– Ай, Шоҳ, саросема нашав, паймона, ки пур шуд, мерезад, – гуфтам ман.– Дунё ба умед. Корҳои нокарда бисёранд...

– Ту афсона мехонӣ. Ҳама гап маълум, чӣ ҷои таҳаммул?

Ҳатто устод Қаноат ҳам аз ин ҳарфҳои Шоҳмузаффар ба ҳайрат афтода гуфтанд:

– Шоҳмузаффар, додарам, саросема нашав ... Ин мавзеи ҷилваи ғурур ҳам нест.

Шоҳ гӯё аз олами рӯъё ба рӯи замини нарм фуруд омада бошад, ки гуфт:

– Гуфтем-да ... Вагарна, як сағираи хокӣ куҷову олами улвӣ куҷо?

Вай ин суханҳоро низ, аҷаб не, ба хотири оромиши вазъи рӯҳии мо гуфт, вагарна ин шоири хушкаломи маъниҷӯ ба ҳама паҳлуҳои рӯзгори инсон сару кор дошт ва мекушид ба суолҳои умдатарини тақдирсоз ҷавоб дарёбад. То чанд соли ахир ӯ як силсила китобҳои асосан ба назм эҷодшударо ба табъ расонд: «Як шоха гул», «Соҳили бахт», «Даргоҳи деҳқон», «Симои халқ», «Ишқи мо пирӣ надорад», «Ҳеҷ кас монанди ман дилдода нест».

Вақте ки дар шумораҳои 10 ва 11-и соли 2006-ӯми маҷаллаи «Садои Шарқ» романи Шоҳмузаффар Ёдгорӣ «Васваса» чоп шуд, мо дӯстони ҳамсабақи ӯ ҳам дар ҳайрат афтодем ва ҳам шод шудем. Ҳайрон аз он будем, ки Шоҳ як умр шеър мегуфт ва дар жанрҳои хурди насрӣ таҷрибаи кофӣ наандӯхта, якбора аз гиребони «роман» доштааст ва шодмон аз он будем, ки вай аз ӯҳдаи ин кори басо мушкил ба хубӣ баромада. Яъне

Шоҳи мо гапи гуфтанӣ дорад ва он дар чаҳорчӯбаи назм намеғунчад. Муаллиф ба усули қисса андар қисса асар офарида буд ва ҳар як боби роман ба як муколамаи одаму шайтон оғоз меёбад, ки дар он зоҳиран моҳияти низои дар пеш ҳикоятшаванда ишораи худро меёбад. Ба қавли маъруф, аз баъзе корҳои фарзанди одам худи шайтон ҳам дар шигифт мемонад.

Аммо агар аз симоофарӣ ва тасвири ҳолатҳои рангини ҳаёти қаҳрамонҳо гап равад, муаллиф чун фарде ба назар мерасад, ки худ дар ҷӯши ҳамин рӯзгорон сабзидааст ва одамони асари ӯ на ашхоси сохтаю бофта, балки имрӯз ҳам сокинони он деҳу навоҳианд, зиндаву барҳаёт!

Ба вуҷуди ҳамаи ин ман ба шарикдарсам гуфтам, ки забони баъзе қаҳрамонҳоят ончунон фардӣ кунонида шудаанд, ки ғайр аз худи онҳову ҳамдеҳагонаш каси дигар фаҳмиданаш душвор аст.

Дар ин ҳолат калимаҳои ғайри маъмулро дар поварақ шарҳ бидеҳ. Ин корро Толстой ҳам мекард, устод Айнӣ ҳам.

Намедонам, шояд дигарон ҳам ин нуктаро ба ӯ гӯшрас карда бошанд, ки дар қисмати дуюми роман чунин ҳолатҳо камтар ба назар мерасанд.

Се сол гузашт ё нагузашт, ки маҷаллаи «Садои Шарқ» (соли 2009, №8.9) романи дуввуми Шоҳмузаффар Ёдгорӣ «Талош»-ро чоп кард ва ин кор ҳам боиси сарбаландиҳои дӯстдорони назму насри ин адиби хушзавқу боистеъдод гардид ...

... Замоне буд мо дар як курси донишгоҳ мехондем, пас аз хатми он дар рӯзномаҳои гуногун ба кор шурӯъ кардем, вале охирҳои солҳои шастум ману Шоҳмузаффарро, ки акнун соҳиби оилаву фарзанд будем, ба хидмати афсарӣ бурданд ва мо маззаи нони

аскариро чашидем. Такдир чунин фармуд, ки ман пас аз 9-10 соли ҷудоӣ аз васоити ахбори тоҷикзабон баргаштам ба рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» ва афтодам дар ҳалқаи дӯстони ҳамсабақ– Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ғуломҳайдар Муродалиев, Асадулло Саъдуллоев, Мирзоҳаёт Давлатов, Раҷаб Мардонов ва дигарон. Мисли аксари намояндагони аҳли фарҳангу маориф, ки бо тақозои замон гуфтори кориашон бештар забони русӣ буд, низ як соли дароз бо кӯмаки дӯстон кӯшидам ба гуфтори худӣ-забони модарӣ баргардам, ҳарчанд навиштoрам бо ин забон ҳаргиз қатъ нагардида буд. Бадбахтии саросарӣ буд омехта кардани калимоти тоҷикӣ ба русӣ, ҳамон тавре ки ҳоло кормандони рӯзномаи «СССР» ин усулро истифода мекунанд, вале ба фикрам, ба хотири оммафаҳм гардидани ҳадафҳошон, на чизи дигар. Дар ҳар сурат, ҳамкорони ман ин камбудии маро таҳаммул мекарданд ва азбаски сифати кори онҳо асосан хуб буд, аз КМ, хусусан аз ҷониби Котиби якуми он Ҷаббор Расулов, на як бору ду бор тавсифу таҳният шунида буданд. Чунин суханҳои роҳбари замон моро ба ҷустуҷӯҳои тозаи эҷодӣ ҳидоят мекарданд ва маҳз ҳамин ҷаҳду талош буд, ки аксари ходимони онвақтаи рӯзнома баъдтар худашон роҳбарони нашрияҳои вилоятиву ҷумҳуриявӣ шуданд. Аз ҷумла, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ. Вақте ки маро аз ин рӯзнома ба кори дигар гузарониданӣ шуданд, дар КМ пурсиданд: киро метавонед ба ҷои худ тавсия кунед? Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ва Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоевро ном гирифтам.

Таассуф, бо кадом сабабе ҳамон вақт Шоҳ аз «конкурс» нагузашт, вале боз ҳам яке аз ҳамдарсони мо муҳаррири «Тоҷикистони Советӣ» шуд–М. Муҳаббатшоев, ёдашон ба хайр.

Ш.Ёдгорӣ низ барои андӯхтани таҷрибаи муҳаррирӣ ба рӯзномаи вилоятии Кӯлоб фиристода шуд. Ва пухтатар гашта, ба Душанбе баргашт – ба сифати муҳаррири «Ҷумҳурият». Ба ҳамин минвол, орзуи деринаи ман, ки дидани дӯсти ҳамсабақам дар ҳамин вазифа буд, амалӣ гашт. Шоҳмузаффар бо ҳама хоксориаш салобати ашрофона дошт ва аз пайи ҳар гуна майда-чӯйда вақташро сарф намекард.

Ҳар ҷо ки буд, корашро ҳалол ба ҷо меовард. Зебову барно марде буд. Корҳои неку хушнамое ба сомон расонид. Фарзандони неккисол, асарҳои сараву пурмаъно ба ёдгор монд.

Хамӯшиву сукути зоҳирии вай аз ғановату заковаташ буд. Олиҳиммат буд, то дараҷае, ки ҷонашро дареғ намедошт. Шояд наздик омадани соати вопасинро эҳсос карда буд, ки романи «Талош»-ро нуқтаи таммат гузошту ба фарқаш навишт: «Ба шарафи 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Ин меҳрномаи ба ёдгор мондаи ӯст – ба хешу ақрабо, ба дӯстон, ба тамоми мардуми Тоҷикистон, ба кишваре, ки онро ба ҷонаш баробар медонист. Ин садои Шоҳи мост, гӯш диҳед:

*Ҳар саҳар аз бӯи гул дигар шавед,*
*Хушдилу хушрӯву барнотар шавед.*
*Дар қадамгоҳи азизони диёр,*
*То нафас боқист, гулпарвар шавед.*

P. S. Ман ҳозирак бо қаҳрамони романи охирини Ш. Едгорӣ – Афзали дилаш пур аз орзу, пур аз умед ва дар сараш ҳазору як хаёлоти талху ширин хайрбод гуфтам. Зеро ӯ бо қалби пуризтироб бо деҳаи худ, бо хонаву дари худ, бо ҳақу ҳамсояҳо, бо Гулдастаи хушбуву

хушрӯву хушхироми худ – зани бевамондаи ҳамсояаш, ки дар пирӣ ба дили вай як пора оташи меҳр афканда буд, хайрбод мегуфт.

Лаҳзаи видои ин як инсони поксириштро бо аҳли деҳ – ёру дӯстон, хусусан, бо ҳамсоязан – Гулдаста, ки риштаи умри боқимондааш дар ихтиёри ӯст ва низ хайрухуши кампири Қадами навадсола, ки нафақаашро «Раҳпулӣ кун, бачам, дар ягон чойхона як ғарфа нону як чойникак чой харида мехӯрӣ!», – гуфта ба вай медиҳад, бе фишори қалбу дар гулӯ дармонданҳои нафас наметавон хонд. Ҳарчанд аз оҳанги тасвир ва гуфтори муаллиф хонанда метавонад пай барад, ки ин сафари вопасини Афзал нест. Ӯ ҳатман ба деҳаи азизаш, ки дар он ҳавлӣ, боғи ободу пурсамари худро ба ихтиёри як мавҷудоти барояш азиз – Гулдаста монда, меравад, бармегардад.

Ин қадар пурғановату пурфурӯғ аст ишқи дермондаи Афзали занаш фавтида нисбат ба Гулдаста, – як зани барнои бахтбаргаштаи шавҳараш мурда! Худоё, мегӯям, бигзор девори миёни ин ду ҳавлӣ фурӯ равад, аз шохаҳои пур аз меваи себи ҳавлии Гулдаста бе ягон монеа ба ҳавлии Афзал рехтан гиранд ва ниҳоят, ин ду ҳавлӣ, ин ду дил якто шаванд!

Чунин як талоши дилҳои пур аз хурӯши баҳоронаи умеду орзу зинда бод!

Дилам ба тақдири симоҳои офаридаат, эй Шоҳмузаффар, ба ёди худат, дар такопӯй аст.

# ЁВАРИ БАХТ БУДАН КОРЕСТ НА ОСОН !

– Бахтиёр куҷост? Чаро наменамояд?

– Дар кишвари ҳамсоя, меҷангад, дар адои қарзи интернатсионалӣ...

– Худо нигаҳбонаш бошад, қаламаш бурро, адиби умедбахш аст.

– Медонам, дӯсти ман аст, пазмони дидору хандаҳои баланду хушадои ӯ гаштам. Ҳамин ки пайдо шуд, ба ман дарак деҳ.

– Албатта!..

Мошинаи боркаши ГАЗ, ки соғуаш пур аз халтаҳои орду шакар ва қуттиҳои чои ҳиндиву гурҷӣ буд, бошиддат ҷониби Қубодиён раҳ мепаймуд. Оғози фасли зимистон бо шамолу барфрезаҳои хушк ин ҷодаи қадимаро рӯфта пок мекард. Он ҷорӯбкаши ноаён гӯё огоҳӣ дошт, ки бори ғизоро дар хонаи бачагону мактаб ва бемористонҳои ин ноҳияи дурдаст интизоранд ва аз ин рӯ монеаҳои сари роҳро мерӯфт.

Гоҳ-гоҳе аз ҷониби теппаҳои ҷомаи ало бар тан як селапораи думдарози барфолудаи гарду чанг худро ба сари роҳ зада печутоб мехӯрду дар як лаҳза андаруни хамии паҳлӯи ҷода буда паноҳ мешуд. Лӯлаву лундачаҳои заррапошаш чанде боз пешопеши мошини мо ларзону рақсон тоб хӯрда низ ғайб мезаданд. Мо се нафар – ронанда, Бахтиёр ва ман аз ин нағмаҳои боду барфрезаҳо дар сарираҳ завқ мебурдем... Соат ҳам ба яки рӯз наздик мешуд.

– Бачаҳо, – гуфт ронанда, – дар сари роҳи Ғаравтӣ як ошхонача ҳаст, як косагӣ шӯрбо хӯрда, баъд сафарро давом диҳем-чӣ?

– Мо розӣ, – якбора ҷавоб додем мо.

Аз кабина баромадан замон чӣ ният доштани зимистони имсолаи водии Вахшро мо зуд пай бурдем: ҳамон боди сард ҳазору як зарраи сӯзанвори барфро ба сару рӯ мезад ва аз пайи сар ба гиребон задану тани одамро ларзондан буд.

Ҳуҷраи начандон калони ошхона аз дуд ва ҳаври дегу даҳани мӯйсафедон пур буд, кӯрдуд буд. Аз як марди танаманди ба сараш телпаки аскарӣ, дар миён пешдомани тирагун, дар як даст кафлези калон, дар дасти дигар папирос, ки сари дег меистод, пурсидем:

– Амак, чӣ доред?

– Шӯрбо, нони хлеб, араќи водка!

Дар ин саҳрои сармозада, барои мусофирони сармозада беҳтар аз ин ҳадя боз чӣ мешавад?

Аз ҳама номгӯи хӯрданӣ ва ошомиданӣ гирифтем ва бо завқи том нӯши ҷон кардем. Ман аз Бахтиёр, ки аз ин роҳ зуд-зуд гузашта Қубодиён – хонаи падар меравад, пурсидам:

– Чаро риштаҳои гӯшт ин қадар ғафсу тирафоманд?

– Аз сармо,ҷавоб дод ӯ.– Шояд буқачаро сармо зада бошад, гӯшташро... Мазааш бад не ку?

Рonанда, ки болои пораи калони гӯшт намак пошида боиштиҳо мехӯрд, гуфт: – Ангура хӯру боғаша напурс.

Мо ҳам дигар аз чизе суол накарда, омин гуфтему рафтем...

Ба тақ-тақи дарвоза падари Бахтиёр –амаки Қосим Муртазо баромада, моро дидан замон, аз чашмони мешии пур аз меҳр як даста нур ҳадя карданд ва оғӯш кушоданд.

– Зуд хона дароед, имсол зимистон қаҳратун омад, мо– мардуми водии Вахш тамоман интизораш набудем. Дароед, ҳоло бо лаган алав меорем, гарм мешавед. Мо печка надорем...

Чанде пас мо дар як ҳуҷраи озода сари дастурхони пурнозу неъмат, дар паҳлӯямон як лаган лахчаи лолагун сӯҳбат оростем.

Сафари хидматии ману Бахтиёр, ки солҳои шастуми асри гузашта ҳарду ходимони рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» будем, вобаста буд ба тафтиши аризаи шикоятии як гурӯҳ кормандони мактаб-интернати шаҳраки Қубодиён аз болои кирдорҳои ношоистаи Жукиев ном роҳбараш. Оқибати фелетони мо, ки «Жукиев нӯшидан мехоҳад» ном дошт, хеле пурсадо буд, роҳбари баднафс аз вазифа озод шуд...

Роҳҳо, роҳҳо. Ин раҳ тӯлонитар аз роҳи Каҳкашон менамуд. Душанбе – Дарвоз – Ванҷ, Рӯшон, Хоруғ, Ҷиландӣ, Мурғоб... Ману Бахтиёр боз ҳамсафарем – ҳадаф Мурғоб. Оғози ин раҳи дур низ бе ҳодисаи таҳлукадоре набуд. Субҳи содиқ аз хоб бархоста ба истгоҳи мошинҳои сӯи Мурғоб раванда ҳозир шудем. Касе нест, мошин ҳам. Пас аз ним соат як мошини пурбор– боз ҳам халтаҳои орд буд ё шакар, надонам, омаду наздамон истод. Ронандааш гуфт, ки моро то Ҷилондӣ мебарад, он ҷо ба мошини дигар савор шуда меравем ба Мурғоб. «Ҳайронам, – гуфт ӯ, – дар ҳамон Мурғоби бе мурғ шумо чӣ гум кардаед?»

– Мо журналистем, дар бораи сокинони он ҷо бояд чизе нависем, – гуфтем ба ӯ.

– Магар аз боби ситораҳою қутосҳо менависед, дигар чизе надорад, боз ихтиёратон. Рафтем?

– Рафтем!

Тахминан ним соат нагузашта буд, ки мани ғанабрафтаро Бахтиёр бедор карда таъкид намуд, ки бубин, мошинамон оҳиста ба лаби ҷӯ майл дорад. Ҳарду якбора ба ронанда фарёд задем ва бечора аз ваҳм чашмони пӯшидаашро дарҳол кушода бо пояш

тормозро зер кард. Дер шуда буд– мошин ба тадриҷ майли якпаҳлӯ ҷониби ҷӯйбор афтодан дошт.

Хайрият, суръаташ баланд набуд, чаппа нашуд. Ронанда аввал, Бахтиёр, сипас бо кӯмаки онҳо ман аз кабина берун шудем...

Пас аз се чор соат расидем ба ҳуҷраи сари роҳ, ки дар рӯи қоғазпора навиштаанд:

«Ошхона». Аз ошпаз, ки марди сари деги чойхонаи Ғаравтиро мемонд, пурсидам, ки «чӣ доред?»

– Гуфт:

– Шӯрбо, нон, водка, ҳатто – намак!

Бори аввал фаҳмидам, ки намак дар кӯҳистони Бадахшон чи қадри бузург дорад. «Шукри неъмат»,– гуён аз ҳама чизи муҳайё сохтаи мизбон нӯши ҷон кардем– басо хушмазза буд.

Ана дар ҳамон як гӯшаи сари роҳи дар чакалакзор гумшудаи Хоруғ-Мурғоб дӯсти азизи ман Бахтиёр нодиртарин хабарро ба ман гӯшзад намуд:

– Ҳамон гӯшти риштаҳояш ғафси тирарангги дар ошхонаи Ғаравтӣ хӯрдаамон медонӣ, гӯшти чӣ буд?

– Не, намедонам, аммо хеле бамаза буд.

– Гӯшти тойхарча буд, гӯсола не.

– Хайр чӣ, дар Чехия гӯшти тойхарча деликатес шумурда мешавад, алафхӯр-да. Баҳроми Гӯр ҳам харгӯр шикор мекард. Дар Осиё бадном шудагӣ, як ҷонвараки зебост, меҳнатист.

– Ин гап кай маълум шуд?

– Порсол ҳамон ошпазро барои гӯшти харфурӯшӣ се сол доданд, ҳоло дар маҳбаси Ёвон хар барин бор мекашонад...

Шомгоҳ ба Мурғоб расидем. Ростӣ ҳам, осмонаш он қадар пурситора буд, ки мегуфтӣ ҳамин ҳоло аз домани пурсаховати худ бобои деҳқон каф-каф донаи

гандум не, мушт-мушт зарраҳои нурафшон пошида бошад.

Баъзеҳошон ҳалқа бар гӯши кӯҳпора шуда, даст дароз куну чида ба ҷайбат андоз! Аммо ба зоҳир чунин наздику дастрас менамояд ин ҷирмҳои осмонӣ, то ба онҳо роҳ тӯлонист, тӯлонӣ. Танҳо хаёлан расидан метавонӣ...

Хулоса, соатҳои даҳуним – ёздаҳи шаб мо дари меҳмонхонаи шаҳраки Мурғобро кӯфтем. Зани хоболудаи миёнсоли қирғиз моро дидан замон гуфт:

– Ҷой нест! Имрӯз рӯзи сарҳадбонҳо – ҳама ҳуҷраҳо пур. Хонаи рассомдухтари душанбегиро низ забт карданд.

– Ин чӣ бедодӣ? – гӯён мову Бахтиёр ба шӯр омадем ва ҷониби утоқи духтар шитофтем. Лариса – донишҷӯи курси сеи Омӯзишгоҳи рассомии Душанбе барои «этюд» ба Мурғоб омада, дар меҳмонхона ҷо гирифта.

Аз омадани боз ду нафар душанбегӣ ӯ хурсанд шуд ва гуфт, ки имшаб маҷбур аст шабзиндадорӣ кунад, зеро болои каташ афсари сарҳадбон, бо сару либос ва мӯзаҳояш хуфтааст. Чӣ илоҷ, вай мард, афсар, ман як духтари мушти пар.

– Тревога! – гӯён ман якбора фарёд задам. Афсар аз шунидани бонги хатар якбора аз ҷо хеста моро дидан замон пурсид: «Тревога?» Мо низ тасдиқ кардем ва ӯ базудӣ сару абзорашро дуруст карда тохта баромада рафт. Шодии Ларисаро ҳад набуд, аммо хоби бафароғат ҳам нарафт – мо аз нуқлу навои худ барояш зиёфат созмон додем.

Бозгашти мо аз Мурғоб ба Хоруғ бемоҷаро набуд. То гардиши роҳ сӯи Ишкошим, наздикии Яшикӯл моро мошинаи боркаше оварду «ин ҷо ҳуҷраи нозири

роҳ аст, ӯ ба шумо ёрӣ медиҳад», – гуфту рафт. Ҳарду боз мондем сари роҳи се ҷониб равандаи сокит.

Ин қиссаҳоро худи Бахтиёр метавонист рӯи қоғаз биорад, вале ӯ ҳоло банди корҳои ҷиддитар аст – дар бораи одамони меҳнатқарини кишвар, корнамоиҳои меҳнатии онон очерку қиссаҳо менависад. Дӯсти ман устоди пухтакори ин жанр аст.

# НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН

Нозирҷон Арабзода, ки аввалҳо насабаш Қулматов буд, аз шарикдарсони табиатан басо боназокат ва озодаандом ва хушгуфтору хушрафтори мо буд. Болобаланду хубчеҳра буд. Тарбиятдида, таълимгирифта ҷавоне буд, ки самимона мехост ба аксари суолҳои фалсафӣ ҷавоб дарёбад. Шояд адабиёту шуғли дигари ҳунарҳои нафиса ба ҷустуҷӯҳои файласуфҳо мусоидат дорад, ки аксари уламои ин бахши илму ирфон аз каломи бадеъ шурӯъ мекунанд таҳқиқи худро. Батадриҷ дидед, ки яке шоири сӯфитабиат гашт, дигаре носири мӯшикофи маънӣ, саввумӣ – пардохт ба ковишҳои олимона.

Ман ёд надорам, ки дӯсти хушзавқу хубсалиқаи мо Нозирҷон ягон шеъре аз худ гуфта бошад ё қиссае рӯи қоғаз оварда бошад. Не, вай аз моли адабиёт завқ бурдану маънои таҳтонии шеъру достонҳоро бо ҷаҳду талоши кашшофи маъдан кофта ёфтан ва ҳикматеро чун ҳосили ранҷи худ ба хонанда пешниҳод карданро дӯст медошт. Ин буд касби олимонаю шоиронаи ӯ.

Ба фикри ман, ҳам савдои шеъру шоирӣ, қиссапардозии адабӣ – бадеӣ ва ҳам ҷустуҷӯҳои фалсафӣ ба хотири дарёфти ҷавоб ба умдатарин саволҳои замон аз як сарчашма манша мегиранд, ки номаш худшиносӣ ё ҳуввияти шахсу миллат мебошад. Агар ҳадафи ниҳонии инсони комил ин шинохти мавқеи хеш дар ҷомеа ва талоши воқеии вай дар рушду такомули он бошад, пас метавон гуфт, ки Нозирҷони мо дидаву дониста худашро ба шуғли мушкилписанди муҳаққиқи андешаю диди

илми фалсафа омода карда буд. Агар он ҳақиқати бебаҳсро низ ба ёд орем, ки фалсафаро аввалҳо «илми илмҳо» меномиданд ва табиист, ки шахси бо ин фан иштиёқ дошта бояд ҳамаҷониба аз донишҳои фунуни гуманитарӣ ва низ дақиқ мусаллаҳ бошад. Азбаски заминаи мактаби миёна (падари ӯ муаллим буд!) басо қавӣ буд, Нозирҷони мо аввалҳо барои хуб аз бар кардани забонҳо мекӯшид – баробари забони форсӣ – тоҷикӣ ба забони русӣ, арабӣ ва англисӣ рағбат дошт ва ин кор барояш баъдтар, ҳангоми таҳсил дар аспирантура ва тайёрӣ барои иншои корҳои илмӣ чи кӯмаки кории дод. Ин буд, ки вай соли 1968 аз боби «Таълимоти ахлоқии Саъдӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд. Мавзӯи ақоиди илмию фалсафӣ, ҷаҳонбинии арбобони илму адаби қадимаи тоҷик аз ин ба баъд ҳадафи асосии ҷустуҷӯҳои олими ҷавон гашт. Баробари боло рафтани зинаҳои кашфиёти илмӣ худи Нозирҷон чун шахсият нумӯъ мекард, камол меёфт. Ин аст, ки аз соли 1970 шурӯъ карда вай ба кафедраи фалсафаи УДТ чун дотсент ба донишҷӯёну аспирантҳо аз «Таърихи фалсафа» ва «Таърихи фалсафаи тоҷик» дарс мегуфт. Солҳои 1994-1999 корро чанде дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва пасон дар донишкадаи соҳибкорию хизмати Тоҷикистон идома дода, баъд ба кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон ба вазифаи профессорӣ даъват шуд. Моҳи сентябри соли 1998 дар мавзӯи «Фалсафаи исмоилияи Носири Хисрав» диссертатсияи докторӣ ҳимоя кард.

Китобҳои «Фахриддин Розӣ» ва «Носири Хисрав» пештар пешкаши хонандагон шуда буд. Мақолаҳои

сершумори олим, ки ба масъалаҳои гуногуни илму адаб бахшида шудаанд, дар рӯзномаю маҷаллаҳо ба табъ расидаанд ва теъдоди онҳо беш аз 19-тоанд. Н. Арабзода аз муаллифони китоби «Очеркҳои таърихи фалсафа», «Фалсафа» (2 ҷилд), «Масъалаҳои таърихи фалсафа», «Мушкилоти Сино» ва «Барномаи таърихи фалсафаи тоҷик» мебошад.

Нозирҷон Арабзода ба ҳамин тариқ расид ба мартабаи баланди устоди донишгоҳ, устоди чандин олимони ҷавон. Аз боби сахтгир, вале бофарҳангу бофаросату боинсоф будани ӯ қиссаҳо бисёранд. Ман танҳо яке аз онҳоро ба ёд меорам: Се донишҷӯ байни худ дар бораи мушкилфаҳм будани бахшҳои «истмат» ва «диамат» баҳс мекунанд. Сеюмӣ мегӯяд, ки «лаънат ба ҳарсе!»

– Сеюмаш кӣ?

– Қулмат! – ҷавоб медиҳад ӯ.

Ман то кадом дараҷа воқеият доштани ин қиссаро аз худи Нозирҷон рӯзе ҳангоми вохӯрӣ– назди ТВ «Сафина» пурсидам.

– Рост, – гуфт ӯ. – Инҳо балоя намедонанд, китоб кам мехонанд. Оқибати корашон чӣ мешавад, ман ҳайрон. О ту-ку русиро хуб медонӣ, завқ ҳам дорӣ, биё, аспиранти бахши эстетика шав...

– Нозирҷон ман ба илм рағбат дорам, аммо на ба дараҷаи муҳаққиқ, маро мон, барои ҷомеа журналист ҳам даркор...

– Журналист бисёр, файласуф кам.

– Файласуфа камаш хуб нест? Кам– кам бошаду доно бошад, ту барин ...

– Нася таъриф мекунӣ-да ... Мо дӯст-ку...

– Бе муболиға, китобатро дар бораи Носири Хис-

рав хондам. Оличаноб. Қиссаи исмоилиҳову қарматиҳоро хеле рӯшан кардӣ. Пас аз наҳзати Маздак, ин ҷараёнҳои динӣ ба ҳалли масоили иҷтимоӣ даст зада буданд.

– Аз афташ китобро хондаӣ ... Раҳмат. Ман ҳоло шитоб дорам, дар академия як ҷаласаи илмӣ. То дидана!

Ин ҳарфҳоро гуфту Нозирҷони як лаҳза пеш ҳозир ғайб зада рафт ...

Бо ҳазор сӯгу ҳасрат фаҳмидам, ки дили озодаву озоди ӯ аз фишори баланди хун аз кор монда...

Аммо корҳои шоиста, номи нек, фарзандони хуб ба ёдгор монд, чун як хулосаи мӯъҷази фалсафӣ: Некӣ бимонад ҷовидон!

## «КАДУЧА» ДАР МЕҲМОНИИ «МУСИЧА»

Панҷ сол пеш-арафаи ҷашни 80-солагии «Тоҷикистони Советӣ», ки ҳоло номи «Ҷумҳурият» дорад, аз ман хоҳиш карданд, ки ёддоште аз он айёми кор дар ин даргоҳи маърифати рӯзноманигорӣ нависам. Тавре шуд, ки аз ҳама пеш симои ҳамкороне пеши назарам омаданд, ки мутаассифона, ин оламро падруд гуфтанд. Дар қатори онҳо номи мухбири собиқадори нашрия Мавлон Узоқов (тахаллусаш «Мусича») низ аз ноогоҳии муаллиф омада буд. Афсӯс, ки масъулони идора низ иштибоҳро пай набурдаанд ва матн ислоҳ нашуда интишор ёфт. Имсол – яъне соли 2010 низ Абдуқодири Раҳим занг зада аз ман хоҳиш кард, ки ба ҷашни 85-солагии рӯзнома чизе нависам. Азбаски дар ин нашрия як пораи рангини рӯзгорам дар ҳалқаи дӯстони ҷонӣ гузашта буд, ин фармоишро наметавонам рад кунам. Аммо пеш аз ҳама пурсидам, ки ҳамон Мавлон-ака Узоқов – Мусича зиндаанд?

– Ҳа, – гуфт Абдуқодир, – ҳоло ҳам бардаму бақувват.

Агар Раҷаб Мардон дар чунин ҳолат гӯяд, ки ба Мусича гӯед, собиқ муҳаррири газетаи ҳизбиро «подводить» накунад, ман ин корро нахоҳам кард, зеро аз зинда будани он кас шод шудам ва аз Парвардигор хоҳони умри дарози он кас буданамро изҳор менамоям.

Ҷашни навбатии рӯзномаро баҳона карда, чанд пора аз ёддоштҳои он айёми хушро ба шумо пешкаш мекунам, агар писанд ояд, чоп кунед, агар не, ихтиёр доред.

Ошноии мо бо устод Мавлон Узоқов, ба фикрам,

аз тантанаи ҷашни 60-солагии «Тоҷикистони Советӣ» оғоз ёфт. Ёдам меояд, ки аксари ходимони редаксия, аз ҷумла, мухбирони дар вилоятҳо буда низ ба Душанбе даъват шуда буданд. Меҳмонҳо, аз ҷумла, устод М. Осимӣ, ҳамроҳи ҳайати таҳририя ва ходимон дар тарабхонаи сари роҳи Регар гирд омада буданд. Вақти суханронии устод М. Осимӣ касе бо овози баланд мастона-мастона чизе луқма партофтан гирифт. Ман аз котиби масъул Наҷмиддин Азизов пурсидам, ки ин беодоб кист?

Ӯ оромона ҷавоб дод: – Мусича.

Ман гуфтам:

– Дами мусичаро баста метавонӣ? Мусичааш кӣ?

Гуфт: – Узоқов. Дами ӯро чор-панҷ муҳаррир баста натавонист, ман аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонам.

– Набошад, ман мебандам, ин чӣ расвоӣ?!

Пасон ду-се нафар ходимони ҷавонтарро ҷеғ зада гуфтам, ки Мусичаро ба мошин савор карда Душанбе бурда монед ва баргашта биоед. Пас аз бурдани Мусичаи «вайронкор» маҷлис ҳам батадриҷ идомаи мантиқӣ ёфт.

Пас аз чанде маълум, шуд, ки Мавлон-ако бо сабабҳои номаълум ба кор намебарояд, супоришҳоро ба ҷо намеорад. Худам ба хонаи он кас занг задам, аз духтарашон хоҳиш кардам, ки падарро ҷеғ занед. Бечора духтараш базӯр ҷавоб дод, ки «Падарам касал, назди телефон омада наметавонад». Чӣ хел касал гуфта пурсам, гуфт: «Унзайлин».

– Унзайлинаш чӣ?

Касе ба ин савол ҷавоби саҳеҳ на он вақт ва на баъд ба ман надод. Гуфтам, ки ба рафиқ Узоқов фармон диҳед – чаҳор рӯз пас барои ҳисобот дар ҷаласаи

ҳайати таҳририя ба Душанбе биояд. Омад. Қарори маҷлис чунин буд: барои ба таври муттасил вайрон кардани тартиботи меҳнатӣ аз кор озод карда шавад. Қарор барояш ногаҳонӣ буд, ки аз маҷлис баромада, ба яке аз дӯстонаш гуфтааст:

– Ин Табароваш аз Горбачев ҳам гандатар будаст.

Аммо ду рӯз баъд устод Фазлиддин Муҳаммадиев ба назди ман омада гуфтанд:

– Муаллим Нурмуҳаммад, дар байни ҳамин қадар Лочинҳои шуҷоъ наход ба як Мусича ҷой ёфт нашавад?.. Хоҳиш мекунам, ӯро бо ҳазору як шарт ба кораш барқарор кунед, ҳамсабақи ман аст, дӯстам, ба Худо, журналисти хуб аст, аммо гирифторие дорад ... Чӣ гӯям, «Унзайлин».

– Унзайлин? Устод, ҳамин «унзайлин»-аш чӣ бало?

Устод ба маънои «худро ба нодонӣ назан» маншаи ханда карда чизе нагуфтанд.

– Устод, садқаи саратон, ман фармонро ҳанӯз имзо накардаам. Мефаҳмам. Агар шумо хурсанд шавед, онро дарронда мепартоям. Вале ба Мусича гӯед, ки қум-қума зиёду қул-қула камтар кунад ...

Баъд аз чанде Мавлон-ако тӯй карда Ҳилолиён Аскарро, ки тахаллуси ниҳониашон «Каду» буд, ба тантана даъват мекунад. Бечора Аскар ба хотири табрики дӯсту ҳамкораш аз Хуҷанд ба Конибодом меояд. Соҳиби маърака, ки аллакай сархуш буд, Аскарро пешвоз гирифта мегӯяд:

– Мур-э, Кадуча, сад грамм арақу як табақча ош мехӯрам гуфта, аз Хуҷанд хеста зӯр зада омадӣ-мӣ?

Ҳамин дам мебинад, ки аз мошин ҳамсари Аскар мефуроояд.

– Ваҳ, занатро ҳам гирифта омадӣ-мӣ? Э муре, пирсиён...

Аскар Мавлонро дашном дода занашро боз ба мошин мешинонад ва сӯи Хуҷанд ба ҳаракат медароянд. Мавлон одам фиристода Аскарро бо ҳамсараш бозгардонда ба тӯйхона меоранд. Мусича Мавлон меҳмонашро дида писханд мезанад:

– О, Кадуе, қаҳр карда-ку рафтӣ, боз омаданат чӣ маъно дорад?

– Дамата гир, Мусича, кафида мурӣ ҳам, арақата мехӯрам, ҳам ошата. Рав, шишая биёр!

– Ин хел «қилиқхунук» – гӯед, ин Мусича.

Умраш дароз бодо!
Ёди рафтагон бахайр.



*Журналистони тоҷик пас аз мулоқот бо ҳамкасбони амрикоии худ дар яке аз нашриёҳои шаҳраки ИМА.Соли 1995.*

## ДУРӮҒИ МАСЛИҲАТОМЕЗ
***Аз шӯхиҳои Мақсудҷон Ҳусейн***

Мақсудҷон як ҷавонмарди дар журналистикаи тоҷик нотакрор буд– ҳам сурат мегирифт, ҳам менавишт, ба тасвири рӯйдодҳои табиат, ваҳшу тайр шавқу рағбати зиёд дошт. Рӯзи нишоту рӯзи ғами ёру дӯст ва рафиқон вай доимо дар хидмат буд. Ҳамроҳи Мақсудҷон бошӣ, ҳеҷ фурсате ба ғаму андӯҳ ва афкори ғашовар намемонд...

Он вақтҳо Мақсудҷон дар шӯъбаи ахбору варзиш, ки мудираш Наҷмиддин Азизов буд, кор мекард ва чун ҳамеша ба кор дер меомад. Чунон ки Нарзулло Латиф нақл мекунад, ҳар гоҳ ки ӯ дер мекард, Наҷмиддин аз набудани ходим ба қаҳр меомаду таҳдид мекард, ки ин дафъа дар ҳаққи ӯ чораи қатъӣ мебинад. Нарзулло, ки аз қабили одамони латифабозу латифасоз аст, мегӯяд, ки «Ако, аз дасти шумо ҳеҷ кор намеояд, ин таҳдиди беҳуда».

– Как? – гуфта мепурсад Азизов.

– Вот так, – ҷавоб мегӯяд Нарзулло. – Ҳозир Мақсудҷон меояд, шуморо дида чорқат шуда «салом, акаҷон», мегӯяд ва якбора чойҷӯши электрикиро гирифта,- «Як чой монам» ,-гуфта мебарояд. Тамом. Ё ягон афсонаи хуб мебофаду ҷонро халос мекунад.

– Ничего подобного, – мегӯяд Наҷмиддин, – ҳозир ин маймунбоз биояд, я ему покажу, где раки зимуют.

Вай гапашро тамом карда буд, ки Мақсудҷон халтаи чармин дар гардан овезон медарояд ва сӯи «шеф» таъзим карда, «Салом, акоҷон» мегӯяд ва халтаро болои мизи корӣ монда чойҷӯшро ба даст гирифта аз паи об равона шуданӣ мешавад. Ҳамин дам садои Азизов баланд мешавад: – Стоп,

Мақсудҷон! Ту кай сари вақт ба кор меоӣ? Имрӯз чаро дер кардӣ?

Мақсудҷон лаҳзае тез-тез мижа зада ҷавоб мегардонад:

– Наҷмиддин Азизович, ҳозир сабабашро гӯям, бовар намекунед.

– Гӯй, росташро гӯй, бе масхарабозӣ.

Мақсудҷон ноилоҷ чойҷӯшро болои мизи кории Нарзулло мемонад ва бо як самимияти олӣ баёнот медиҳад.

– Акоҷон, шумо медонед, ки ман ҳар шаб то соатҳои яку ду плёнка проявка мекунам, баъд аксҳоро чоп кардан лозим, матни онҳоро тахт кардан даркор. Дина шаб ба ҳамин корҳо банд будам, ногаҳон занги телефон шуд, гӯед. Пурсам, кӣ, мегӯяд ман директори Боғи ҳайвонот, фалонӣ. Ба ман мухбири суратгир Мақсудҷон Ҳусейнов лозим. Ҳа, ман, гуфтам. Зуд ба Зоопарк биёед, гуфт:-модашер бача карданӣ. Ин хела кор дар шароити ғайри муқаррарӣ хеле кам рух медиҳад ... Ночор такси гирифта рафтам. Чӣ илоҷ? Касбам ҳамин...

– Интересно, – гуён Азизов ба доми Мақсуд партофта майли афтодан кард.

– Ну-ка, давай, говори. Баъд чӣ шуд?

– Пули таксия додаму дар роҳ дастгоҳи аккосия равон – равон омода сохтаму назди панҷара биоям, ҳама гӯлу гаранг, интизор.

– Чия интизор? Бача кард ё не?

– Наҷмиддин Азизович, ҳамон соат не, накард.

– Почему?

– «Ложная схватка» гирифта будаст модашерро. Яъне дарди аслӣ не, дурӯғин.

– Хайр, баъд чӣ?

– Баъд, шеф, мо як байторро навбатдор мондему ба ҳуҷраи кории директор даромада интизор шудем.

– Арақ хӯрдед?

– Не, устод, инҳо арақ не спирт мехӯрдианд, об қатӣ аралаш карда.

– А повод? Шербача-ку ҳоло тавлид наёфт, инҳо кайфу сафо! Нарзулло, ну как тут быть? – Баъд чӣ?

Мақсудҷон:

– Баъд, як ё ду соат пас байтор тохта омада гуфт, ки шер бача кард ва худаш аз чизе ба ҷаҳл омада онро гирифта аз як гӯшаи ҳуҷраи оҳанин ба дигар сӯ ҳаво медиҳад.

– Значит, убил свое дитя-да? – ба ҳаяҷон омада мепурсад Азизов.

– Так бывает. Модашер, ки бечора худаш дар ҳуҷраи танги панҷарадор, гӯё дар ҳабсхона аст, худ ба худ гуфтаст, ки бачем, мурданат беҳ аз он ки дар чунин шароит зиндагонӣ кунӣ. Не так, Мақсудҷон?

– Бале, устод, ҳамин хел ... Афсӯс...

– Ладно, молодец, Мақсудҷон, садись и пиши об этом случае в номер. Худам хонда ҷо мекунам! Я жду! – гуён Азизов дарро кушоду баромада рафт. Мақсудҷон қадре ба худ омаду чойҷӯшро ба даст гирифта буд, ки ман ҳам таъкид кардам:

– Стоп, Мақсудҷон, росташро гӯй, шаб ҳамин кор шуда буд ё не?

– «Ложная схватка». Дурӯғи маслиҳатомез – беҳ аз рости фитнаангез,– ҷавоб дод Мақсудҷон, каф ба даҳон бурда.

## ҲАММОМИ УСТО ЯЪҚУБ

Мақсудҷон бо рӯзноманигор ва шоир Файзулло Ёдгори раҳматӣ рафтуомади хуб дошт. Ман борҳо шунидаам: Файзулло, ки дар хонаи дуутоқаи назди «хлебзавод» танҳо мезист, гоҳ–гоҳе Мақсудҷонро наздаш ҷеғ зада мегуфт, ки:

– Ту, бачаи шум бошӣ ҳам, нағзат мебинам. Имшаб хона биё, дукаса як палавча карда, чорта чақ–чақ мекунем. Мабодо ягон чиз нахарӣ, якта нимтагӣ гиру бас, ним кило гӯшти гов харӣ, шуд, сари роҳ аз нонвойхона чор нони гарма фаромӯш накун. Фаҳмо?

Мақсудҷон ба ин пешниҳод як чашмашро милт-милт пӯшонда мекушоду мегуфт: – Файзулло-ако, зиёфат аз ҳисоби мизбон ё меҳмон?

– Оши шарикӣ бамазза мешавад, Мақсудҷон. Меоӣ ё ягон каси дигара ҷеғ занам?

– Албатта, меоям, дигар масолеҳа тайёр карда шинед...

Хуллас, дар чунин як ҳамнишиниҳо ду ҳамшаҳрӣ хуб маишат мекунанд ва ниҳоят Файзулло дуторашро гирифта, суруди ғарибонаи хуҷандиҳоро бар ғазали Камол боалам мехонад, то ба дараҷаҳое, ки ин ду каси уфтода дар ғурбат гирёну нолон мешаванд, хусусан бо хондани мақтаи он:

*Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,*
*Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо во ғариб!*

Файзулло одатан баъд аз хондани ин ғазали ҷонсӯз, дутори дастадарозу пардадори шикамаш нақшинро ба оғӯш мегирифт ва ба он такя карда ғанаб мерафт. Чанде пас нармакак як паҳлу меафтод ва дутор ҳам аз бағалаш раҳо ёфта, бо расидани нӯги ангушташ садои вопасин мебароварду наздики соҳибаш ба сукут мерафт. Ана ҳамин ҳолат, ки бо

соҳиби хона рух дод, Мақсудҷон аз анорҳои ба девор овезон се-чортоашро гирифта, бо корд дукафон карда, донакҳояшро чида ба як пиёла меандохт ва аз он як мушт ба кафи даст мегирифту ба даҳан мепартофт. Шарбати гуворои анор вайро қувват мебахшид ва ба найрангҳои нав ба нав илҳом. Ниҳоят, пӯсти анорҳои хӯрдаашро ғун карда ба сатил мепартояду дари хонаи Файзуллоро маҳкам карда баромада меравад.

Азбаски раги шӯхиаш ӯро беқарор карда буд, чанд метр дуртар аз хонааш ба ҳуҷраи оҳанини телефон – автомат даромада рақами телефони Файзуллоро мечинад. Чанде пас бечора Файзулло бо овози хаста гӯшакро мебардорад:

– Лаббай, гап занед...

Мақсудҷон бо овози сохта:– Ассалому алайкум, ин ҷо ҳаммоми Усто Яъқуб-мӣ? – мегӯяд.

Файзулло: – Чиии? Ҳаммом не, ин хонаи ман. Шумо ғалат кардед, – гӯён гӯширо ба ҷояш мемонад.

Пас аз ду-се дақиқа Мақсудҷон боз рақами Файзуллоро гирифта мепурсад.

– Ӯй, инсон, ба ту гуфтам-ку, ин хонаи шахсии ман, Файзулло Ёдгор, ҳаммом не. Илтимос, мана азоб нате, ман худам маст...

Ин беинсоф ба ҳоли ҳамшаҳриаш раҳм накарда, дарунакӣ хандида-хандида, боз рақами телефони Файзуллоро мегирад ва мепурсад:

– Ин ҳаммоми Усто Яъқуб-мӣ?

– Ҳаммоми зани дадот, фаҳмидӣ мӣ? Ту, аз афташ, як муттаҳами оддӣ не, ҳо, ҷоҳои дурба рафта гашта меомадагиш. Лаънатӣ! О ту мемонӣ-мӣ, як бечора дусе соат тинҷакак хоб равад ё не? Муттаҳам!

Мақсудҷон дигар тоқат накарда, гӯшакро ба ҷояш мегузорад ва хона омада барои аз байн бардоштани

гумонҳои имконпазир дар дили Файзулло, ба як тоҷики маскавӣ занг мезанаду таъкид мекунад, ки ҳамин саволро ба соҳибхона диҳад шуд, рақами телефонаш ана ҳамин.

Чанде пас занги байнишаҳрӣ бечора Файзуллоро боз аз хоб бедор мекунад ва гӯшакро мебардорад:

– Ало, это Душанбе? Будете говорить с Москвой.

Файзулло хурсанд, ки аз Маскав ягон хабари хуш будагист.

Аммо ...

– Ало, ин ҷо ҳаммоми Усто Яъқуб-мӣ? – гуфтани муштарӣ вайро девона мекунад.

– Ҳӯй, лаънатӣ, агар танат хоришак гирифта бошад, ҳамон шаҳри Маскавба ҳаммоми Сандуновский ном ҳаст. Рафта ҳамон ҷо худата хунук кун!

Пас аз чанд рӯз Мақсудҷон Файзуллоро дар кӯча вомехӯрад ва он бечора аз ҳамин зангҳои кадом як аблаҳ сахт шикоят мекунад ва аз афташ, дар ваҷоҳати ҳамсӯҳбаташ тағйироте пай мебарад, ки мепурсад:

Ҳӯй, бачаи шум, ҳамин қилиқҳои ту не-мӣ?

Мақсудҷон ба тамоми муқаддасоти замину осмон қасам хӯрда, ӯро бовар кунонданӣ мешавад, ки ин кори вай нест.

– Ту-мӣ, дигараш-мӣ, тоза боб кардам. Як лаънатиш аз Маскав занг зада адреси ҳаммома пурсид. Сандуновский баняба фиристодам, аҳли авлодаш қатӣ.

Мақсудҷон: – Ако, биёед, аз ҳисоби ман имшаб як палавча кунем.

– Не, Мақсудҷон, афту андома бин, пас аз ҳамон шиштанамон, рӯҳо худди таппак боин. Мон, камтар дам гирем ... Ҳӯй, ҳамон чор анори Қистакӯза ту худат танҳо хӯрдӣ-мӣ?.. О, ноинсофе!...

# МАҚСУДҶОН ДАР СИЭТЛ

Хамсафари бисёр ҳам хушсӯҳбати ман дар саёҳати Амрико соли 1995 боз ҳам Мақсудҷон буд. Бо даъвати Созмонҳои журналистии ИМА мо – як гурӯҳ кормандони матбуоти тоҷик ба ин кишвар омада, бо кору бори ҳамкасбон, зисту зиндагии мардуми кишвар ошно шудем. Сафари хубе буд ва азбаски чойпулӣ ҳам дошт, ҷомадонҳои меҳмонҳо аз диёри дур дар бозгашт нисбат ба омадан гаронтар гаштанд.

Як шаб ману Мақсудҷон дар Сиэтл меҳмони оилаи як лётчики ҳарбии ин кишвар, ки дар ҷанги Ветнам ширкат доштааст, шудем. Он кас савори мошинаи худ омада ману Мақсудро гирифта, ба як мавзеи басо хуррам – лаби як кӯли обаш мусаффо овард ва ба иморати хуштарҳи дуошёна даъват кард ва бо хонумаш – як зани тахминан панҷоҳсола шинос кард. Мизбонҳо моро бо утоқҳои манзили худ шинос карда, сари миз хонданд. Мо ба ҳарду аз ҳадяҳои тоҷикӣ пешкаш намудем, онҳо низ ҷавобан ёдгорие ба ҳар дуи мо пешниҳод карданд. Пасон ғизо хӯрдем, қадре шароби виски, пасон мусиқӣ гӯш кардем. Ҳарчанд онҳо забони моро намефаҳмиданд ва мо забони онҳоро, вале сӯҳбати оличанобе шуд. Мақсудҷон баногаҳ гуфт, ки ман аз намоиши «Шаби гирифтани моҳ» порчае, тақлид ба нақши девонаи Ҳошим Гадо бозидаро нишон диҳам. Майлаш, гуфтам ва аз ин боб ба соҳибони хона як навъ карда фаҳмондам. Онҳо бо хурсандӣ пешниҳодро пазируфтанд ва Мақсудҷон аз ҷо хеста сару руяшро ба тартиб овард ва пасон мӯйҳои ҷингилаашро бо панҷаҳояш гирифта титу пит кард ва ба чеҳрааш ваҷоҳати девонаеро, ки акнун

худро пеши Танҳобегим партофта ба зорию лоба медарояд, бахшиду ба муноҷот шурӯъ кард. Ба тадриҷ овози ӯ баландтару суханҳояш бурротар мегаштанд ва ниҳоят, вай худро башаст сари зону партофта тахминан се – чор қадам, бо ҳамон авзои ваҳшатнок – даҳону бинии аз ҳаяҷон қадре каҷ гаштаву чашмони чархофалак шудааш худро то сари зонуи соҳибхоназан бурда расонда «Танҳобегим!» гуфта нидо бароварда буд, ки он бечора занак аз ваҳм дод гуфта ҷаста хесту берун тохт.

Шавҳараш – он лётчики ҳарбӣ бошад, беист механдиду кафкубӣ мекард. Ман аз паи мизбонзан рафта бинам, бечора, пушти дар ларзида меистод. Ӯро ором карда хона даровардаму ба Мақсудҷон гуфтам: – Мақсудҷон, ту девонаӣ? Занаки бечораро талхакаф кардӣ.

– Устод, кадом одами сиҳат девонаро бозӣ мекунад?

Лётчик ҳамоно механдид ва кафкубӣ мекард.

Бегоҳӣ баъд аз меҳмонӣ ба ҳутал баргашта, сару рӯй шуста хоб рафтам. Нимаҳои шаб буд, ки бинам садои чалап-чалап чизеро майда кардану хӯрдани Мақсудҷон ба гӯшам расид. Чашм кушоям Мақсудҷон сари миз нишаста баҳузур ғизо мехӯрад.

– Ҳа, Мақсудҷон, гурусна мондед?

– Устод, дидед-ку, роли девонаба даромада, аз ужин мондем, тарси он занак ҳам, ростӣ, маро тарсонд. Иштиҳо мурд, гӯед. Ана аз гуруснагӣ хоб набурд, хеста ҷевони шуморо бинам, нон будаст, афлесуни бедонак, нимта коняки тоҷикӣ. Ин ҳарсея одам якҷоя карда хурад, кайф мекардаст, устод.

– Афсӯс, Мақсудҷон, мо аз ин кайфият маҳрум

мондем. Шумо ин хелак таҷрибаҳои гувороро ба танҳоӣ мегузаронед, чӣ илоҷ?

Мақсудҷон аввал як чашмак заду баъд бо овози баланд ба ханда даромад.

– Устод, ман худам ҳам ҳайрон, ки чӣ тур шуду дусе нону як кило афлесуни бедонаку нимта конякро паққос зада бехабар мондам ...



*Муаллифи китоб бо Мақсудҷон дар меҳмонии оилаи амрикоӣ.*

## БА МУШИ КАС КОРАТ ЧӢ?

Дар қатори даҳҳо кормандони эҷодии дигар Абдуҳомид Воҳидов ном як марди миёнсоли миёнақади нармгуфтори табиатан ҳушёр низ буд. Як мошинаи «Запорожец»-и нави сафед дошт ва гоҳ-гоҳе маро ҳам ҳамроҳи ҳамсояҳо то маҳаллаи 191 – яъне «Обшорон» бурдааст. Аҷобати кор дар он буд, ки шофери ин мошин аз дур ягон кӯлмак ё дӯнгиеро сари роҳаш бинад, таъкид карда мегуфт, ки «Бачаҳо, ҳо ана ҳамон кӯлмак ё дӯнгиро мебинед? «Ҳа» – мегуфтем мо. «Ана, ҳозир рафта рост ба ҳамон кӯлмак (ё дӯнгӣ) мезанем». Воқеан, ӯ мошинро ба ҳамон ҷои гуфтааш бурда башаст мезанонд ва баъд мегуфт: «О ман гуфта будам-ку: «Мезанем! Ана дидед, задем» ...

Ҷояш ҷаннат бошад, Воҳидов дар шӯъбаи мактубҳо кор мекард ва аз рӯи номаҳо ё мушоҳидаҳои худаш қиссаҳое мебофт хонданиву шуниданӣ.

Яке аз онҳо қиссаи меҳмони як ҳамсабақи хуҷандӣ шуданаш аст.

– Рӯзи аввали сафари Хуҷанд корро аз тамошои Панҷшанбебозор оғоз кардем, зеро бозор ҷоест, ки ҳам тамошо мекунӣ, ҳам худро тамошо медиҳӣ,– ба гап оғоз мекунад акои Воҳидов. – Он рӯз аз растаи хушбӯи нонфурӯшон мегузаштам, ки ногоҳ касе номамро гирифта садо кард. Қафо гашта бинам, ҳамкурси донишгоҳиам – Дадаҷон. Бо ҳаёҳуи зиёд оғӯш кашида, вохӯрӣ кардем, аз кору бори якдигар пурсон шудем ва ниҳоят, ӯ аз рӯи одоби тоҷикӣ гуфт:

– Ҳӯй, Абдуҳамид, Хуҷандба омада, як ба ҳавлии ман намедаройӣ?

– Чаро не, рафтем,– гуфтам ман.

– Бо шумо кӯҳистониҳо, шӯхӣ ҳам карда намешад-е, – хандида гуфт ӯ.

– Мешавад, як хоната нишон деҳ бинем-чӣ, кирои шӯхӣ ҳаст ё не.

Дадаҷон ба нею нестони ман нигоҳ накарда, чизҳои барои оши палав заруриро аз бозор хариду ҷониби ҳавлиаш раҳсипор шудем.

Омадан замон маро ба як ҳуҷраи ҷудогона, ки наздики дарвоза буд, дароварда рӯи кӯрпача шинонду гуфт:

– Ҳӯй, ҷӯра, ту як дам зиқ нашуда шин, ман рафта дастархона дуруст карда биём, ҷой фармом. Хуб-мӣ?

Чанде ман ба равоқҳои аз чойнику пиёла, косаю табақҳои чинӣ оро додашуда ва ду-се аксҳои аҳли хонавода, аз ҷумла, сурати якҷояи аҳли курсамонро тамошо кардам. Ба гузаштани айёми зебои ҷавонӣ акнун изҳори таассуф карданӣ будам, ки ногаҳон бинам аз як гӯшаи хона ба зеҳи кӯрпачаю бехи девор чизи мушмонанде тохта рафту таги болишт пинҳон шуд. «О, падарлаънат, мушай»,– гуфтаму оҳиста рафта сари зону нишаста он болинро муштборон кардам. Чизе зери болин аз ин зарбаҳо чанд бор чир-чир карду баъд сокит шуд. Рафтаму ба ҷои худ нишастам, гӯё кори ба манфиати ҳамкурсам басо боарзишро адо карда бошам ва ҳамин ки Дадаҷон дастархон ба даст аз дар ворид шуд, боифтихор гуфтам:

– Дадаҷон, ман ба фикрам, бароят як хизмати шоиста кардам.

– Чӣ хизмат будааст, ҷӯраҷон, канӣ гуй.

– Хонаат муш карда будааст, ман онро куштам,– гуфтам ман.

– Муш? О, ин хонаи нав, муш аз куҷо? Канӣ вай?

– Он ҷо, таги болишт,– гуфтам ман.

Дадаҷон дастархонро накушода мобайни ҳуҷра монду рафта болинро оҳиста бардошту ҳуш за сараш парид: он ҷо ҷисми беҷони мурғаки хол-хол, – бедонааш мехуфт. Дадаҷона фиғонаш баромад:

– Ҳӯй, Воҳидов, о ту медонӣ чӣ кор кардӣ? Мана хонасалот кардӣ! Ин бедоная нархаш чанд? Медонӣ мӣ? Не, ту гӯлу гаранг, ина чӣ мефаҳмӣ? Аз сад сӯм зиёд меистад! Метавонист ба ман ҳазорҳо сум даромад биёрад! Ин бедонаи ҷангӣ буд, ҷангӣ!

– О ман, гумон кардам ки ин мушай, гуфтам ҷоната халос кунам аз ин махлуқи вайронкор. Мебахшӣ, Дадаҷон.

– Ин гапҳоя мон. Ман ҳайрон, о меҳмони лаънатӣ як ҷои ба вай нишондодагиба қиссонда мешинад. Ӯй, муши касба корат чӣ? Ҷим шинӣ, мемурӣ-мӣ?

Ман аз чунин ранг гирифтани кор сари калобаамро гум кардаму аз ҷо хеста гуфтам:

– Дадаҷон, кори шудагӣ шуд, хафа нашав, ман аз худи Данғара ба ту як бедона мефиристам, ки шутурмурғворе.

– Рост? – қадре ором шуда пурсид Дадаҷон.– Дар ҷоҳои шумо ин қадар калон мешавад ин бедона?

– Ҳа, охир Данғара кони ғалла, кабкаш ҳам, бедонааш ҳам ғалла хурда каппа– калон мешаванд. Ҳа...

– Илтимос, ҷӯраҷон, ягонта фиристон, ки ман аз набудани бедона девона мешавам. Биё, ман ба ту пешакӣ пул ҳам дода монам.

– Не, ин ҳадяи ман, ба ту як навъ компенсатсия...

– Ихтиёрат, лекин зудтар фирист. Шин, оша мехӯрӣ, баъд меравӣ ...

Як ҳафта пас аз бозгашт аз Хуҷанд Дадаҷон занг зада пурсид, ки кай ман ба ӯ бедонаи Данғараро мефиристам.

– Дадаҷон, гуфтам, ин ҷо бедона не, мурғи марҷон парвариш мекардаанд. Ягонтаашро фиристам?

– Не, ҷӯраҷон,– гуфт Дадаҷон – ту журналист нашуда мур, наход то ҳоло фарқи бедоная аз мурғи марҷон надонӣ ... Э, муре,– гуфту гӯшакро партофт.

## АНДЕША ВА ПЕШНИҲОД

Пеш аз ҳама ҷамъбасти нисбатан холисонаи корҳое, ки адибони мо дар фосилаи ду анҷуман анҷом додаанд. Ҳар чи ҳам гӯянд, гап сари бардоштани ғалбер меравад. Мо ба хони анҷуман чӣ овардем?

Баъд мехостам бо мавқеи Иттифоқи нависандагон дар ҳалли масоили иҷтимоӣ ва фарҳангиву маърифатии кишвар ошно гардам. Агар, ба гуфти орифони олами адаб, дар ҳар як асари бадеӣ табдилёбии ҳақиқати ҳаёт ба ҳақиқати санъат сурат ёбад, пас мо бояд аз ҳақиқати воқеӣ ба хубӣ огаҳӣ дошта бошем.

Мехостам анҷумани мо ба зиндатар шудани жанрҳои публисистӣ таконе бахшад, зеро худи айёми тундрави мо бедории равонии аҳли ҷомеаро тақозо менамояд. Асри ХХ1 асри навгониҳои илмӣ, асри ақли бедору заковати ҳушёр аст.

Баробари ташаккули шахсияти огоҳу худшинос, мо бояд аз боби ба илму маърифати замона ошно будани ӯ андеша ронем.

Қаҳрамонҳои мо бояд ашхоси фаъол, покният ва ташаббускор бошанд. Аз олами ақлу ҷамоати пешиниён маънӣ бигиранд, на иқтибос аз ёд кунанд. Зеро майли доимӣ ба иқтибосу абёти машҳур мағзи одамро дар чаҳорчӯби зоҳиран ноаёне карахт мегардонад.

Шахсе, ки то ба камол расиданаш танҳо ба фикри дигарон такя мекунад, аз фикри хеш бебаҳра мемонад.

Мехостам, ки анҷуман масъалаи таъсиси маҷалла ё алманахи «Драматургияи тоҷик» ва «Театр»-ро назди

Ҳукумат матраҳ кунад, зеро бе чунин нашрия ҳаёти театрии мо, ки рукнҳои гуногун дорад, инъикоси хуби худро нахоҳад ёфт. Агар адабиёт, ба гуфти Мейерхолд, театрро ба илҳом оварад, хуб мешуд бифаҳмем, ки аз як анҷуман то анҷумани дигари адибон чи миқдор асарҳои драманависони тоҷик рӯи саҳнаро дидаанд ва чи навъ пазируфта шудаанд.

Хуб мешуд агар анҷуман аз боби таъсиси Мактаби драманависон (дусола) дар назди Иттифоқи нависандагон тасмиме мегирифт.

Солҳои охир чанд нафар аз адабиётшиносҳои маъруфи мо, аз ҷумла, устод Худоӣ Шариф, ба драматургия ва театр таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд ва диду боздиди амиқи онҳо вобаста ба талаботи жанр, ба драманависон ва коргардонҳову бозигарон кӯмаки амалӣ мерасонад.

Вале ман мехостам, ки на фақат онҳо, балки кулли адибону олимон ва зиёиён ба театр рӯ биоранд, дар ҳалли мушкилоти ин сарчашмаи тарбияти маънавии инсон саҳмгузор бошанд. Шоирон ва носирон, ба ёд оранд Лоҳутӣ, Айнӣ, Улуғзода, Турсунзода, Пушкину Чехов, Горкийро, Маяковскийро, ки аз мушкилоти жанр наҳаросида бо театр ҳамкорӣ мекарданд. Чаро? Зеро театр наздиктарин минбар аст ба халқ, дар он шумо бо мардуми худ рӯ ба рӯ истода, аз масоили доғ сӯҳбат меороед. Ин саодатест бемисл ва арзишманд.

Мехостам дар анҷуман ба ин паҳлӯи кор низ аҳамият дода шавад.

Ба фикрам, муҳимтарин нукта дар кори нақди адабиву театрии мо ин дар шахси мунаққид ба ҳам омадани донишманди адабиётшинос ва низ таҳлилгари соҳибзавқи асари саҳнавӣ – намоиш – спектакл, басо муҳим аст.

Дар акси ҳол тадқиқот якҷониба ё соф филологӣ мешавад, ё соф – театршиносӣ.

Театршиносе, ки аз сарчашмаи адабии намоиш, пйеса хуб огаҳӣ дорад, метавонад онро бо асари саҳнавӣ қиёс кунад ва ҳусну қубҳи намоишро дақиқакорона нишон диҳад. Чунин таҳлил ҳам барои адиб ва ҳам барои таҳиягар аз фоида холӣ нахоҳад буд.

Драманависи маъруф Ж.Ануй гуфта, ки тамоми иштирокчиёни драма мубориза мебаранд ва умеди зафар доранд.

Муаллифу таҳиягар низ.

Аз анҷуман завқи баланд, кори пурсамар ва табъи хуши эҷодгарона интизорам.

*Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»*
*№ 27 (1478) 2 июли с.2009.*

# ОН РӮЗГОРОН ЁД БОД...

Ҳоло рӯи мизи кории ман шумораи ҷашнии «Тоҷикистони советӣ» – аст, ки бахшида ба 60–солагии рӯзнома нимаҳои моҳи марти соли 1985 ба табъ расида. Баробари аксҳои В.И.Ленин, М.С.Горбачёв, роҳбарони ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ, ходимони намоёни илму фарҳанг, ки нашрия – «модари матбуоти Тоҷикистони советиро» (ибораи устод С.Айнӣ) ба муносибати ид табрик намудаанд, аксҳои ҳамаи ходимони онвақтаи идораи рӯзнома чоп шудаанд. Ман паи ҳам ба ин суратҳо менигарам ва беихтиёр он чеҳраҳои бароям шиносу қарин, азизу мӯътабар аз нав ба сухан меоянд, аз бобе ҳарф мезананд...

Устод Мутеулло Наҷмиддинов, Мамадвафо Мамадризоев, Каримҷон Мамадов, Олимҷон Раҷабов, Сайф Раҳимов (Афардӣ), Амонбек Шоҳзода, Абдулҳаким Шукуров, Набиҷон Каримов, Ҳилолиён Аскар, Мавлон Узоқов, Мақсудҷон Ҳусейнов, Мӯсо Мавлавиев, Маҳмудҷон Шаҳобиддинов, Басгул Нуралиева... Дар зарфи бист сол ҳамаи ин як гурӯҳ инсонҳои боҳунару соҳибдил дунёи рӯшанро падруд гуфтанд ва акнун ҷояшон холист. Дар бораи фазилатҳои ҳар яки онҳо метавонам ва бояд рӯзе қисса кунам, вале ин дар пеш аст... Шоир беҳуда нагуфт:

*Бигзор то бигирям чун абр дар баҳорон,*
*К-аз санг нола хезад рӯзи видои ёрон...*

Дирӯз ҳам омадем аз ҷанозаи собиқ ронандаи идораи рӯзнома Ёғибек, ки пас аз дар ҳузураш (солҳои ҷанги шаҳрвандӣ) ба қатл расондани фарзандаш на-

хустин сактаи дилро гирифта буд ва ҳам акнун сактаи охирин дили ин марди боҳиммату ҷасурро аз таппиш мононд...

Ёдашон ба хайр!..

Вале акнун мегузарам ба он чизҳое, ки он вақтҳо бештар ба ман таъсир карда буд ва низ ба корҳо кӯмак расонд. Ҳайрон нашавед, – яке аз он рӯйдодҳои аҷиб, ин муносибати неку хайрхоҳонаи яке аз роҳбарони закӣ ва хирадманди ҳизбӣ нисбат ба рӯзномаи мо буд. Ман ҳам рӯзи нашри рӯзнома, соатҳои ҳаштуним интизори занги «сотка» будам, ба даст нусхае аз «Тоҷикистони советӣ». Ана боз садои занги телефон.

– Лаббай.

– Салом, ман Расулов. Хондам газетаатро. Ба муаллифи мақолаи «Картошкаи Файзобод» Усмон Шарифзода аз номи ман ташаккур бигӯй. Гапаш дуруст, мо бояд захираи маҳаллии тухмии картошка дошта бошем... Хуб мешуд агар дар бораи деҳқонҳои солхӯрдаи водии Вахш як силсила очеркҳо чоп мекардед. Агар худашон аз эътибори рӯзнома хурсанд шаванд, қиссаи рӯзгорашон барои ҷавонон – сабақ. Чӣ гуфтӣ? Воқеан пешниҳоди дирӯз дар маҷлиси бюро кардаат оид ба хатти троллейбус байни Душанбе ва Кофарниҳон ҷолиби диққат аст. Мебинем!

Ин марди бо зоҳир басо ҷиддӣ ва босалобат, ки чашмони тезбинаш аз паси айнакҳо ба олам менигаристанд, дар сӯҳбат бисёр ҳалиму нарм мегашт ва барои мо – журналистон як кони мавзӯъ буд.

– Чаро шумо, журналистҳо, масалан, дар бораи миробе аз қишлоқи Ёваи колхози Ӯрунхоҷаев чизе нанависед? Бисёр як тақдири аҷоиб дорад ин мироб. Пахтазорро вақти авҷи расидани ниҳоли пахта ша-

бона ҳам об мемонанд ё гоҳе мешавад, ки рӯзона навбат намерасад. Хуллас, ин пири кор шабона ба даст фонус ба саҳро обмонӣ мебарояд. Ногоҳ, об сел меояд ва ҷӯйро вайрон мекунад. Мӯйсафед дигар илоҷ наёфта тани худро дарғот сохта, пеши сели ба ҷӯй омадаро мегирад... Одамон субҳ омада мебинанд, ки мироб кайҳо фавтида, вале фонусаш лаби вот гирён...

Рӯзе аз Кумитаи Марказӣ В.Алишанов, ки ёрдамчии Ҷ.Расулов буд, занг зада гуфт, ки зуд наздаш оям.

Ҳар даъват ба ин идора на барои ҳар кас боиси хушнудӣ мебуд, хоҳӣ – нахоҳӣ, дафтари аъмолатро дар чанд сония варақгардон мекунӣ-чӣ кори кардаат дуруст буд ва кадомаш метавонад нодуруст бошад.

– Шин, – ман ҳозир меоям, – гуфта аз утоқ баромада рафт. Чанде пас омаду «рафтем» – гӯён маро рост ба қабулгоҳи котиби якум даровард.

– Салом алайкум, муаллим, – гуфтам ман.

– Салом, канӣ, Вячеслав Михайлович, як бор бихон ҳамон мактубро...

Ман ҳеҷ намефаҳмидам кадом мактуб, аз кӣ?

– Аҷоиб кор кардааст–ҳа, Вячеслав Михайлович, ин муҳаррири ҷавони рӯзномаи ҳизбии мо – номзад ба аъзогии Бюрои КМ КПСС-ро маҷбур кардааст барои газетааш мақола нависад... Кори аҷиб... Канӣ, хон!

Бояд таъкид кунем, ҳамон сол, ки ҷашни 60– солагии устоди шодравон Мирзо Турсунзода ба нақша гирифта шуда буд ва мо ба дӯстон ва ёварони шинохтаи ӯ мактуб навишта, ёддоштҳояшонро дархост намуда будем. Аз ҷумла, ба Анатолий Софронов, Расул Ғамзатов, Давид Кугултинов ва Шароф Рашидов. Сипас ёрдамчии котиби аввал мактуби котиби якуми КМ ПК Ӯзбекистон Шароф Рашидовро хонд.

– Мӯҳтарам, Ҷаббор Расулович, – навишта буд Рашидов. – Муҳаррири рӯзномаи ҳизбии шумо ба ман муроҷиат намуда хоҳиш кардааст, ки ёддоштҳои худро дар бораи шоири барҷастаи советӣ, дӯст ва бародари ман Мирзо Турсунзода навишта фиристам. Ман ин хоҳиши муҳаррирро ба ҷо овардам ва онро ба номи шумо ирсол кардам, то хонда бинед. Агар зарур шуморед, ба рӯзнома пешниҳод кунед.

– Шароф Рашидович хоксорӣ мекунанд–ҳа, Вячеслав Михайлович? – гӯён Расулов нимтабассум карду баъд:

– Давомашро хонед, канӣ, бинем, чӣ нигоштааст рафиқ Рашидов.

Ёддоштҳои Рашидов дар бораи устод Мирзо Турсунзода воқеан басо самимона ва таъсирбахш буданд ва мо ҳар се бо шавқи том онро шунидем.

– Хуб навиштааст, чӣ гуфтӣ, муҳаррир? Чоп мекунем?

– Албатта, чоп мекунем, Ҷаббор Расулович. Вале як хоҳиш дорам:

– Гӯй, чист он?

– Фардо анҷумани нависандагони Тоҷикистон аст ва ин мактубро ҳам мо дар шумораи фардоина ба табъ мерасонем. Хуб мешуд, агар шумо дар баромади худ аз ин мактуб ёдовар мешудед ва чунин дӯстиву рафоқати ду адиб ва ду ходими давлатиро чун мисоле барои ибрат ба дигарон таъкид мекардед.

– Вячеслав Михайлович, ба фикрам, ин пешниҳод сара аст, онро бояд ба инобат гирифт...

Рӯзи дигар шумораи «Тоҷикистони советӣ» бо мақолаи Ш.Рашидов «Дӯсти ман, бародари ман», ки ба ҷашни 60– солагии устод Мирзо Турсунзода бахшида шуда буд, аз даст ба даст мегашт... Котиби яку-

ми КМ низ дар сухани табрикии худ ба анҷумани адибон ба он мактуби роҳбари Ӯзбекистон бо хушнудӣ ишора намуд...

Ёдам меояд... Пагоҳӣ боз телефони ҳукуматӣ садо баровард ва гӯшакро бардоштам.

– Салом, ман Расулов. Хондам газетаатро, имрӯз аз танқид сар мекунам. Ба саҳифаи як нигар, репортаж аз пахтазор, ёфтӣ?

Абзатси дуюмро хон...

Дар ҳамон абзатс гап дар бораи ба сари хирман омадани як бригадаи тафтишотӣ мерафт, ки иборат аз кормандони райкомкомсомол, райкомпрофсоюз ва комитети партиявии район буд, ҳамчунин намояндагони «Селхозтехника», «Селхозхимия» ва ғайра. Котиби якум аз ман пурсиданд, ки ҳамаи ҳамин калимаҳои аслан русӣ оё муродифи тоҷикии худро надоранд? Ман гуфтам, ки «доранд».

– Пас чаро ҳамон муродифи тоҷикиро не, балки асли русиро истифода мебаред? Ин газетаи миллии тоҷикӣ-ку?!

Бе ин ҳам баъзеҳо солҳои дароз ҳамин ҷо зиста, ба таъриху забони мо эътибори ҷиддӣ намедиҳанд. Гӯш кун, ба қарибӣ як папкаи ғафс зери бағал Люлчак наздам омад. Пурсидам, ки дар папкаат чӣ дорӣ? Гуфт, ки асарҳои мунтахаби Абдувалӣ.

– Кадом Абдувалӣ, ман ин хел адиб ё олимро намешиносам.

– Чӣ хел намешиносӣ, о ҳамоне, ки ҳайкалашро назди ман, ҳа, назди идораи ман гузоштаанд. Ёдат омад?

Намедонистам бихандам ё бигирям ба ин гапҳои ин марди соддаи рус, ки солҳои зиёд дар Тоҷикистон кору зиндагӣ кардааст, аммо номи

олим ва адиби оламшумулро дуруст ба забон гирифта наметавонад.

– Гӯш кун, Люлчак, – гуфтам ба ӯ, – ту чанд сол боз дар Тоҷикистон зиндагӣ ва кор мекунӣ?

– Аз давраҳои сохтмони ГЭС-и Варзоб гирем, зиёда аз сӣ–чил сол мешавад... Чӣ буд?

– Ту як ходими калони давлатӣ, одами машҳур, шарм намедорӣ, ки номи дурусти Авитсенаро ба забон орӣ? Абӯалӣ Ибни Сино! Фаҳмо? Баъд ин гапат ҳам ғалат – ҳайкали ӯро дар назди туву идораат нагузоштаанд, балки туву идораат акнун назди ҳайкали ин бузургворед. Фаҳмо?

Бечора аз шарм суп–сурх шуда, узри бисёр хост ва баромада рафт. Вале дар Рӯзи кормандони соҳаи барқ баромад карда, бо ифтихор ва беғалат номи Синоро ба забон оварду гуфт:

– Боиси сарбаландист, ки мо паҳлуи муҷассамаи олими бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино кор мекунем ва ҳар субҳ ба дидани симои нотакрори ӯ мушарраф мешавем...

Ин буд чанд қиссае аз гуфтор ва рафтори ин арбоби барҷастаи сиёсии халқамон, ки тақдир ҳамкориро бо эшон чанде насиб гардонда буд ва он шахсро ман чун устоди хеш ба некӣ ёд мекунам. Зимнан, ӯ устоди ҳамаи журналистони онвақтаи тоҷик буд.

*Рӯзномаи «Ҷумҳурият»,*
*№ 21 (20140), 22 феврали с. 2005.*

# МО БА ТАКОМУЛИ МАЪНАВИИ ҶОМЕА МАСЪУЛЕМ

Нур Табаров – рӯзноманигор, драматург, нависанда, ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ. Ӯ баъди хатми факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1962) ва бахши журналистикаи Академияи фанҳои ҷамъиятии шаҳри Москва (1976) ба кори мудирият ва роҳбарӣ дар рӯзномаҳои мӯътабари ҷумҳурӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пардохтааст ва аз ҷумла замоне муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») буд. Мудирияти шӯъбаи тарғиботи Кумитаи ҳизби шаҳри Душанбе, шӯъбаи фарҳанги Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, Вазири фарҳанги Тоҷикистон ва дигар вазифаҳои мӯътабарро бар дӯш дошт. Барандаи Ҷоизаҳои хабарнигорӣ ва адабии ба номи устодон Лоҳутӣ ва Айнӣ, Корманди шоистаи ҷумҳурист.

Нур Табаров муаллифи беш аз 15 маҷмӯаи ҳикояву намоишнома ва очерку мақолаҳост. Метавон дар ин радиф асарҳои «Вагони охирин», «Тарс», «Паёми Зардушт», «Суробҳо», «Шикасти ташнагӣ», «Чашмони бародари қиёматӣ»-ро зикр намуд, ки дар замони Истиқлол офарида шудаанд. Дар ин миён драмаи «Дар чорсӯ» аз тобноктарин осори саҳнавии Нур Табаров маҳсуб мешавад, ки дар театрҳои Душанбеву Хуҷанду Кӯлоб ва Бухорову Ишқобод рӯи саҳна омадааст.

* * *

– Устод, иртиботи мо бо зиндагӣ тавассути падару модар оғоз мешавад ва решаи мо дар онҳост. Вақте ки шумо кӯдакиро пеши назар меоред, симои ин ази-

зон дар оинаи бачагӣ бештар бо кадом лаҳзаҳо ҷилвагар мешаванд?

– Айёми тифлӣ. Кӣ ин айёми гунаи биҳиштро ба ёд намеорад? Шояд худи табиат ҳамин як пораи босафою беғаши умри инсонро дар лавҳи хотирааш маҳз барои он хуб нақш мекунонад, ки аз он ба баъд, ҳар лаҳзаи душвору сангин ба ёд оварад ва дили аз ранҷу азият ба риққат омадаашро таскин бахшояд. Тифлӣ ҷаннати хурдест дар қалби мову шумо, як армуғони ҳамешасабз. Аммо аз руҷӯи хаёлоти нағз бигзарем ба он айёми дури ҳаёти ман, ки пора – пора, лавҳа – лавҳа мисли навори филми кӯҳна пеши чашм мешаванд зинда...

Соли 1941... Ман чиҳилрӯза будаам, ки Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз ёфт ва падарам Холмуҳаммад Табаров, ки муаллими мактаби деҳаи Ғешии ноҳияи Кофарниҳон буд, яке аз аввалинҳо шуда ба фронт рафт. Дар он солҳо модарам дар мактаби ибтидоии деҳаи ҳамсоя дарс мегуфт. Модарам ҳар субҳ барвақт маро бедор мекард ва мо саросема як пиёла чой ё ширро бо пораи ноне тановул карда ба роҳ мебаромадем. Роҳи Душанбе – Кӯлоб аз деҳаи мо мегузашт ва мошинҳо аксар ҳарбӣ буданд. Баъзан аскарбачаҳо моро бо худ мегирифтанд ва то деҳаи Хучалонӣ, ки модарам дар мактаби он деҳа кор мекард, бо мошинҳои ҳарбӣ мерафтем. Дар ин муддат ман ба набудани хӯҷаини хона, яъне падар, одат карда будам, вале як пагоҳӣ, пас аз бозгашти он кас аз фронт ба гӯшам шӯру мағале расид. Берун тохта бинам – ҳамин одами либосаш солдатӣ, яъне падарам, то миён луч назди ҷумаки дастшӯӣ машғули шустушӯ, вале ҳамзамон ба сӯи модарам дӯғу даранг мезанад. «Ҳоло ист», – гуфтаму рафта аз назди оғил як шохаи дарози

буридаи дарахтро бардошта овардаму бо нӯги панҷаҳои он ба пушти урёни падар задам. Вай аз зарбаи ногаҳонӣ ба ҳайрат афтод ва дид, ки ин манам, қаҳ – қаҳ зада хандида гуфт:

– Офарин, ҳимоятгари модар! Шуд, сулҳ, мо дигар ҷанг нахоҳем кард.

Воқеан, то охири умраш ман боре надидам, ки ӯ ба завҷаи худ як сухани дурушт гуфта бошад, як зиёӣ марде буд, раҳматӣ. Аз адабиёту забон дарс мегуфт, чанде мудири маорифи ноҳияи Кофарниҳон буд, шогирдони зиёде дорад, ба некӣ ёдаш мекунанд.

Хушбахтона, модар – Моҳхоним, ки момокалон шудаанд, саломатанд. Бо ақли расо ва хотираи рӯшан. Мо – фарзандон як зарра нурем аз ӯ ва аз падар.

– Шояд хотираи дигаре, ки ба ёд оварданаш бароятон хуш аст, нашри нахустин китоби ҳикояву очеркҳои Шумо «Роҳҳои дуру наздик» бошад, ки нашриёти «Ирфон» бо теъдоди ҳафт ҳазор нусха ба чоп расонидааст? Аз он рӯз сию чаҳор сол гузаштааст...

– Китоби нахустин барои ҳар фарде, ки худро ба ин пайроҳаи пур аз шебу фароз мезанад, аҷаб не, ба фатҳи аввалин қулла монанд бошад, ки болои он баромада атрофро аз сатҳи то ҳол надида менигарӣ ва мардум ҳам ҷониби ту бо суоле дар дил нигоҳ мекунанд: ин чӣ нафарест, ки тори кӯҳпора истода? Ҳоло фуруд меояд ё роҳашро идома медиҳад?..

Шодии ба табъ расидани нахустин китоб ба хурсандии ногуфтанӣ аз таваллуди нахустин фарзанд монанд аст, ки гули орзуҳою ормонҳои дар дил будаи шуморо дар як он мешукуфонад.

Маҷмӯаи нахустин, албатта, ба навъе оинаест, ки дунёи хаёлоту тасаввурҳои ҳамонзамонаи шуморо инъикос менамояд ва дар он тасвирҳо рангомезиҳои

соддаву дур аз печидагиҳои ин ё он услуби нигориш ба чашм мехӯранд. Ман аз дӯсти айёми ҷавонӣ, адиби фозилу соҳибдили мо Саттор Турсун, ки нахустин хонанда ва маслиҳатгари он маҷмӯа буд ва аз муҳаррири он Азизи Азиз сипосгузорам. Ин китобча маҳсули сафарҳои хориҷи кишвар ва хидмати дусолаи афсарӣ дар қисмҳои десантӣ буд ва аксари ин қайдҳои сафару ҳикояту ривоятҳо дар сафҳаҳои рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба табъ расида буданд.

Бояд бигӯям, ки дар ин ва маҷмӯаи дигари банда «Ин баҳор чӣ меорад?» чанд лавҳа ва ҳикояҳои хурде ҳастанд, ки бароям ҳоло ҳам ба таври хоса садо медиҳанд, зеро қаҳрамонҳояшон аҳли деҳоте, ки дар он айёми тифлӣ, бачагиву ҷавониам гузашта буд, мебошанд. Ҳоло ҳам, ки ёдашон мекунам, дилам гум мезанад...

– Шумо ҳамчунин асарҳои зиёдеро аз адабиёти ҷаҳон ба тоҷикӣ баргардондаед, ки ин низ заҳмати кам нест. Чӣ гуна ба ин кор рӯй овардед?

– Табиист, ки симоҳои басо дилфиреби дар кино дидаву дар китобҳо хонда сабаби чунин орзуҳои рангини айёми ҷавонӣ мешаванд... Яке аз сабабҳои ҷиддии ба тарҷума аз давраи донишҷӯӣ машғул шуданам, ин ҳаваси омӯхтани забони русӣ буд ва сабақҳои нахустинамро аз бозиҳо бо бачаҳои русу русзабон мегирифтам, баъд таҳсил дар мактабҳои олии Душанбеву Маскав, худомӯзӣ... Зимнан, беҳтарин мактаби забондонӣ ва сайқали ҳунар тарҷумаи асари бадеист.

Чунин шуд, ки баъд аз ворид шуданам ба муҳити театрӣ, гоҳе бо хоҳиши режиссёрҳо, гоҳе худ, ба тарҷумаи пйесаҳои хуби адибони гуногун пардохтам.

Аз ҷумла, аксари драмаҳои сиёсии адиби рус Михаил Шатровро ба тоҷикӣ гардондам – «Лавҳаи инқилобӣ ё аспҳои сабз дар марғзори арғувонӣ» (равоншод Фаррух Қосим дар спектаклаш нақши Ленинро бе грим бозида буд), «Ба пеш, ба пеш» ва «Соли 1905».

Бо хоҳиши дӯстам, ҳунарманди варзидаи театру кино Ҳабибулло Абдураззоқов драмаи адиби гурҷӣ А. Чхаидзе «Вақте ки шаҳр хуфта буд»-ро тарҷума кардам ва ӯ онро рӯи саҳнаи театри ба номи Лоҳутӣ овард. Драма фарогири мавзӯи доғи замон буд ва ба дарди ашрофманишӣ гирифтор шудани сарварони ҳизбиро мазаммат мекард. Яке аз адибони намоёни онвақтаи мо баъди тамошои асар гуфт:

«Ин асари зиддишӯравист, ихтиёр ба дастам мебуд, манъ мекардам!»

– Шумо имрӯз бо писари Ҳабибулло Абдураззоқов – Барзу Абдураззоқов низ ҳамкории босамар доред...

– Бале. Писари боистеъдоди Ҳабибулло – Барзу рӯзе хоҳиш кард, ки як радиопйесаи Темур Зулфиқоровро бо номи «Муҳаббати нахустини Нас-риддин» тарҷума кунам ва маблағи заруриро низ ёфта диҳам, то ки ӯ як чизи саҳназебе таҳия кунад. Ҳамаи фармудаашро ба ҷо овардам ва рафтам ба Хуҷанд ба тамошои нахустнамоиш бо номи ғалатии «Шапарак хоб дид». Бояд бигӯям, ки ин асар ҳарчанд дар «Парасту» шоҳҷоиза нагирифт, вале дар Бишкек, Тошканд ва Олмону дигар кишварҳо чун беҳтарин падидаи театри қарни XX соҳиби унвонҳову мукофотҳо гашт...

Бо хоҳиши Барзу «Се хоҳар»-и А. Чеховро тарҷума кардам, вале маҳсули заҳмати ман ҳанӯз истифода нашудааст, зеро ӯ ин асарро бо забони асл дар Театри русии ба номи В.Маяковский рӯи саҳна овард.

Соли 2008 Барзуи беқарор бо кӯмаки Маркази

фарҳангии Фаронса дар Душанбе хост драмаи Славомир Мрожекро, ки пйесаи беҳтарини баъдиҷангӣ дар Лаҳистон (Полша) ба ҳисоб меравад ва «Муҳоҷирон» ном дорад, ба тоҷикӣ гардонам ва онро пеши чашми ман, бо иштироки ду ҳунарманди боистеъдоди мо – Қурбони Собир ва Нозими Мелик рӯи саҳна овард. Дигар ин моли соф миллии тоҷикӣ шуд ва қаҳрамонҳои бахтбаргаштаи он– ду муҳоҷири иҷбории мо дар кишвари бегона. Спектакл ҳамагӣ 5-6 бор намоиш дода шуд, дар ду толори хурдакак, аммо овозаю дарвозааш ҳанӯз хомӯш нагашта. Чаро? Чунки он аз воқеияти даҳшатбори зиндагӣ ҳикоят мекунад ва онро як адиби хирадманди асри XX эҷод кардааст.

Соли 2005 бо даъвати дӯсти афғонистонӣ, режиссёри шинохтаи синамо, раиси «Бунёди фарҳанги ҷомеаи маданӣ» Темуршоҳ Ҳакимёр ману ходими барҷастаи театри тоҷик Мирзоватан Миров барои тадриси назария ва амалияи драма ба Кобул сафар кардем. Дар байни адабиёти зарурӣ асари яке аз арбобони намоёни театри гурҷӣ ва шӯравӣ Михаил Туманишвили «Введение в режиссуру» низ буд. Азбаски ин китоб дар ҳавзаҳои театрии шӯравӣ чун дастури таълимӣ баҳои баланд гирифтааст ва ҳунармандони имрӯзаву фардоинаи мо ба чунин як мӯниси хирадманд ниёз доранд, дар фикри тарҷумаи он китоб афтодам ва дар зарфи ду сол онро бо номи «Раҳнамои режиссёр» ба тоҷикӣ гардондам.

Бо таассуф бояд бигӯям, ки адабиёти илмию таълимии ба забони модарии мо таҳия ва тарҷумашуда хеле кам аст. Агар вазъи таълиму омӯзиши забони русиро дар давраи 10–15 соли охир ба инобат гирем, донишомӯзони мо аз заъфи надо-

нистани забони илмию адабии русӣ сахт азият мекашанд. Аз ин хотир, асари бунёдии ин режиссёри машҳур «Режиссёр аз театр меравад»-ро низ ба тоҷикӣ тарҷума намудам. Ин асар таҳкурсии «Роҳнамои режиссёр» гардида буд. Ба мухлисони театр хабар медиҳам, ки заҳмати дусолаи тарҷумон анҷом ёфт ва ин асар ҳам ҳоло ба дасти чоп дар матбааи «Маориф ва фарҳанг» аст. Ростӣ, аз ин ду кори кардаам на фақат устодону шогирдони соҳаи театр, балки худам ҳам шодам. Чанд муддат бо хоҳиши Темур Зулфиқоров ба тарҷумаи роман – устураи ӯ «Афъимори марҷонӣ» машғул будам. Пас аз баргардони чанд масалу он драмаи «Шапарак хоб дид», ӯ хоҳиш кард, ки ман ин асари тозаэҷодшудаашро ба Ватан баргардонам бо забони ҳамватанонаш». Ҷои шикваю шикоят нест – услуби баёни Темур бемислу нотакрор аст, шеъри ӯву насри ӯ шоирона, мутантан, образнок ва саршор аз маъноҳост.

– Аз зиндагиномаатон дарёфтем, ки Шумо аз соли 1968 то 1970 чун командири взводи десантчиён дар хизмати ҳарбӣ будед ва муддате хабарнигори махсуси рӯзномаи мӯътабари «Комсомольская правда» таъйин гардидаед. Сардабирии рӯзномаи «Комсомолец Таджикистана»-ро низ ба ӯҳда доштед. Баъд муддате ба корҳои ҳизбиву давлатӣ рӯй овардед... Ба рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» чӣ гуна ба кор омадед?

– Пас аз анҷоми хизмат дар сафи артиш, бо дастгирӣ ва ҳидояти равоншод Отахон Латифӣ, ки мухбири махсуси рӯзномаи «Комсомольская правда» дар Осиёи Миёна таъйин гашт, маро бо ҳамон либоси лейтенанти ВДВ ба Маскав, ба редаксияи ин нашрияи ҷавонони умумииттифоқ хонданд. Чанде пас нахус-

тин мақолаи маро бо номи «Ман афсар!» чоп карданд ва чун вакили худ ба Тоҷикистон фиристоданд. Дертар бо пешниҳоди Ибодат Раҳимова – котиби идеологии он замон муҳаррири рӯзномаи «Комсомолец Таджикистана» таъин гардидам.

Меҳрубон шахсе буданд Ибодат Раҳимова, ёдашон ба хайр. Чанде нагузашту (аз афташ, аз ӯҳдаи кор мебаромадаам) маро барои таҳсил ба Академияи улуми сиёсии назди КМ КПСС ба Маскав фиристоданд. Ба бадбахтии ман, он сол аз рӯйхати имтиҳони забони хориҷӣ – забони форсӣ хат зада шуда буд – имтиҳони ягон забони аврупоиро бояд месупурдам. Ҳамин тавр шуду банда аз забони олмонӣ баҳои паст гирифтам ва комиссияи қабул дар ҳайрат монд, ки бо ман чӣ кор кунад: аз рисола «аъло», таърих –»аъло», боз кадом фанни дигаре низ «аъло», вале аз забони хориҷӣ «ғайриқаноатбахш». Аз ин хотир ба ман пешниҳод карданд, ки таҳсилро дар Мактаби олии ҳизбӣ, бахши журналистика, идома диҳам.

Ман, ки бо дили пурхиҷолат ба хона баргаштан намехостам, розигӣ додам ва ду соли бозгашт ба айёми донишандӯзӣ бароям муҳайё гашт ва ба ростӣ, онро беҳуда нагузарондам: Мактаби олии ҳизбиро бо дипломи «аъло» хатм карда ба Душанбе баргаштам. Аввал дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» ба ҳайси мудири шӯъба бо шодравон Борис Пшеничний кор кардам, пасон Гулчаҳон Бобосодиқова маро ба Кумитаи ҳизбии пойтахт чун мудири шӯъбаи тарғиботу ташвиқот ба кор гирифт ва чанде баъд аз он ҷо муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») таъин гаштам.

Солҳое, ки мо дар рӯзномаи рақами яки ҷумҳурӣ кор мекардем, давраи пур аз ҷӯшу хурӯш буд, ки ном

бурдани як сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Норак басанда аст. Илова бар он, тамоми соҳаҳои агросаноатӣ барои мо муҳимтарин буданд, зеро аксари хонандаи мо мардуми деҳот ба шумор мерафтанд, даҳҳо ҳазор обуначӣ доштем... Ҳайрон нашавед, яке аз сарчашмаҳои ғаноманди мавзӯъ – ҷаласаҳои Бюрои КМ ПК ва сӯҳбатҳои хосаи Котиби якуми онвақта Ҷаббор Расулов буд.

забон ва адабиёти тоҷик, иштирокчии Ҷанги Бузарги Ватанӣ, чанде дар Вазорати маориф ба сифати нозир ва баъд мудири маорифи ноҳияи Кофарниҳон ва директори мактаб шуда кор кардаанд. Барои шарҳи ҳоли он кас як лаҳзаеро ба ёд меорам. Бо капитан Заверухин мо якҷоя дар як баталион хизмат мекардем. Марди шӯхтабиат буд: соли аввал, ҳангоми машқҳои тактикӣ, пас аз дар Фарғона бо парашютҳо ба самолёти АН-12 савор шуда, шабона ба биёбони назди Чимкент, ки Реги сафед ном дорад, ба замин фуруд омада, ғун шудани взвод, ба походи 10-километра вуруд гаштанҳо, аз ташнагӣ ҳалқ хушк шуданҳо, ногаҳон дар бехи гӯшам чунин савол шунидам:

– Рафиқ лейтинант, то, «дембел», (яъне хатми хизмат) чанд рӯз монд?

Ман ҳам беибо суолдодаро ба асфалософилин фиристодам, дар ҷавоб ӯ хандида-хандида гуфт:

– Офарин, ана акнун аз туи интеллегентак афсари ҳақиқӣ мебарояд.

Гап сари он буд, ки мо – афсарони аз «запас» омадаро афсарони касбӣ баҳудаю беҳуда «студент», гоҳ «интеллегент», гоҳо «академик» гуфта масхара мекарданд ва ин дар аввали хизмат буд, баъд худамон «кӯҳнаафсар» шудем. Ана ҳамон Заверухин як шаб маст омада рафти хизмати посбонҳои навбатдорро дар қисми ҳарбӣ, ки ман сардорашон будам, санҷида, дӯғу дарнг карда, аз таги як харак китоби «Искатели»-и Д.Гранинро ёфта даррондд. Ман гуфтам, ки айби китоб нест, ин маҳсули заҳмати адиб аст, ноширон ҳам, вале ӯ аз аспи ҷаҳл нафуромада дашномҳо дода, онро пора мекард ва ба рӯи солдатҳо мезад. Ин дам ман туфангчаамро аз ғилоф бароварда затворашро қафо кашида ба кор омода сохта гуфтам:

– Ҳӯй, ваҳшӣ, ё китобро як сӯ мемонӣ ё туро чун

саг мепарронам.

Он мард дар як он ҳушёр шуд, варақҳоро худаш аз фарш ғун дошт ва илтимос кард, ки туфангро ба ҷояш монам. Ман гуфтам, ки ба командири қисм дар бораи масту аласт ба посгоҳ даромадан, бедодӣ карданҳояш хабар медиҳам. Ба зориву тавалло даромад, журнали навбатдориро гирифта ба тамоми посбонҳои навбатдор баҳои «аъло» гузошта рафт. Пасон, рафиқи хуб шудем.

Ана ҳамон капитан, вақти дар Маскав буданам ба ноҳияи Кофарниҳон дар мошинҳои ҳарбӣ барои кадом сохтмоне чӯбу тахта кашонда меорад ва пурсида ҳавлии падарро меёбад, зиёфаташ мекунанд ва дар фарҷом ба соҳиби хона мегӯяд, ки мехоҳам ба шумо чанд кубометр тахта ҳадя кунам. Падар инкор мекунад ва капитан хулоса карда мегӯяд: «Аҷаб, ту – мӯсафед, ба писарат монанд будаӣ. Ӯ барои як китоб шуда қариб буд маро парронад».

**– Зинаҳоеро, ки дар тӯли ин умри бобаракат сипарӣ намудед, барои ихлосмандон ва пажӯҳишгарони осоратон ниҳоят ҷолибанд: қадаме аз деҳа ба шаҳр, пас аз хатми мактаби миёна мегузоред, яъне баъди хатми факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1962) ва бахши журналистикаи Академияи фанҳои ҷамъиятии шаҳри Москва (1976) ба кори мудирият ва роҳбарӣ дар рӯзномаҳои мӯътабари ҷумҳурӣ ва Умумииттифоқ мепардозед. Мудирияти шӯъбаи тарғиботи Кумитаи ҳизби шаҳри Душанбе, шӯъбаи фарҳанги Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, Вазири фарҳанги Тоҷикистон ва дигар вазоифи мӯътабарро бар дӯш доштед ва тибқи иттилое, ки ман дорам, роҳбари муваффақ ҳам будед.**

**Менамояд, ки дар низоми Шӯравӣ адолати кадрӣ то ҳадде риоят мешудааст ва дидгоҳи Шуморо дар ин хусус мехоҳам бубинам.**

Н.Т. Дар боби «адолати кадрӣ», ба таъбири шумо, дар даврони Шӯравӣ, чун натиҷаи таҷрибаи бои андӯхтаи ҳаётӣ дар давлати Шӯравӣ системаи нисбатан мавзуни тарбияи кардҳо дар ҳамаи соҳот шакл гирифта буд ва он кор мекард. Албатта, ин система костагиҳои яктарафаи идеологӣ дошт, вале аслан, натиҷаҳои назаррас медод. Аз кишвари нисбатан нимсаноатӣ ва нимаграрӣ ба як мамлакати азамати саноативу аграрӣ, ки потенсиали илмӣ-фарҳангиаш тамоми оламро дар ҳайрат мегузошт, табдил ёфтани СССР, бешубҳа, самараи кори ҳамон системаи омӯзиш ва тарбияи кадрҳо буд. Муҳимтар аз ҳама барои ҷавонони шӯравӣ ин буд, ки домони орзую ормонашонро касе бурида, кӯтоҳ карда наметавонист, хусусан агар соҳиби маълумоти хуби миёна бошанд. Ҳар чӣ нагӯянд, барои фарзандони аҳли заҳматкаш – коргару деҳқон, имтиёзҳо вуҷуд доштанд, то ба дараҷае, ки онҳо боифтихор хешро коргару деҳқонзода мехонданд. Ҷои шакку шубҳа нест, ки ҳама бозсозӣ ва азнавсозиҳо дар заминаи бозаргонӣ ҳам бо дасту заковати ҳамон кадрҳои замони шӯравӣ ва базаи моддӣ-техникии он давра сурат гирифтанд. Вале ҳам васфу ифтихори аз ҳад зиёд ва ҳам таънаву маломати он порам ҳаёти як силсила мамолики сотсиалистӣ кори чандон дуруст нест. Осори некро метавон ба кӯлвор гирифт, нохубро як сӯ монд. Ҳар ҷодаи инкишофи ҷамъиятӣ печутоби худро дорад ва барои ҳалли мушкилот кадрҳои таълимдида ва корозмудаи навро мехоҳад. Он замон ва ин замон ҳам

кадрҳо, яъне одамони ҳирфаӣ-соҳибҳунар як чизро интизоранд: эътимод ба шахс ва истеъдоду ҳунари ӯ, дигар ҳама меъёрҳо сохтаю бофта ва халалпазиранд.

**– Иддае аз нависандагон ва муҳаққиқони осору зиндагии Нур Табаров дар очерку мақолаҳояшон бо дар назардошти ҳодисаҳои солҳои навад навиштаанд: «Ин инсони шариф ва нависандаи шинохта баъди воқеаҳои баҳманмоҳи хунин бо тӯҳмат аз вазифа сабукдӯш гардид» (Ҳафтаномаи «Шаҳриёр», 28 июли с.2001). Нависанда Аброри Зоҳир низ дар ин хусус ишораҳо дорад. Чунин садде, ки дар умури ҳизбӣ ва роҳбарӣ барои Шумо пеш омад, чӣ латмае дар камолоти сиёсӣ ва маънавиатон эҷод намуд? Қалам то чӣ ҳадде Шуморо аз ин варта тавонист раҳо кунад?**

Н.Т. Рӯйдодҳои баҳманмоҳи соли 1990... Ҳамин гуна фасли боронӣ буд, фасли буҳронӣ буд, фасли гули арғувонӣ буд... Чунон ки Бозор гуфта:

*Эй арғувон, эй арғувон, эй арғувони ғарқи хун,*
*Сурхида аз сар то қадам чун захмиёни ғарқи хун,*
*Дар бӯстонат дидаам як остони ғарқи хун,*
*Дар остони ғарқи хун садҳо ҷавони ғарқи хун...*

Ҳар баҳманмоҳ нолаҳои модарони акси фарзандони шаҳид бар даст, фарёди хоҳарону додарони навмедгашта ва «эй арғувон!»-гуфтанҳои Бозор Собир – он шоири ҷигарсӯхтаи ҷилои Ватан карда, чун зарби табл ва садои карнай дар гӯшам садо медиҳад... Бубинед, акнун чунин манзараҳо ҳар шому саҳар аз қитъаи Африқо мебинем: – Магар ин моҳ моҳи хунрез аст ё хунрезӣ, чаро Наврӯз пас аз шукуфтани гули хунранги арғувон меояд? Гӯё ки фарзанди шафақи

хунин бошад... ё фасли нави сол мерасад ё як қитъа инсоният аз нав эҳё мешавад, пас аз хоби тӯлонӣ нидо мебарорад: мо дигар бардаи шоҳу султонҳо наем, мо низ шаҳрвандем, соҳиби обу гилу сарвати ин кишварем! Моҳи инқилобист баҳманмоҳ, моҳи умеду навмедист он! Моҳи хотираҳои талху ширин аст, зеро соли 1990 ҳам он на танҳо айёми селобҳои пуршӯру истиқлолхоҳон буд, ки ғарқи хун гардид...

Дар миёни шӯру ғиреви хотираҳо садоҳои баъзе ашхоси масъули он вақт низ ба гӯш мерасад, ки онҳо «танҳо аз марги ду тан» огоҳӣ доштанду бас... Инсоф кунед, дар назди фаввораи байни бинои пештараи КМ ва чойхонаи «Роҳат» рӯи тахтасанг номи ду нафар не, балки бисту чаҳор нафар қурбонӣ-шаҳиди 11-14 феврали соли 1990 сабт шуда буд! Куҷо шуд он санги мазор?! Оварда ба бозор гузоред, то ашхоси хотирпарешон аз нав он силсила номҳо-силсила ҷонҳои ҷавони он вақт ба фано рафтаро даст-даст зада хонанд, агар чашмашон оҷиз шуда ва хотираашон ғалбер гашта бошад. Танҳо қассобтабиатон хунҳои рехтаро фаромӯш мекунанд ё тарсуҳо... Хуб аст, ки ҳақиқат пойбанди касе нест, рӯзе чу хуршед чеҳра боз мекунад. Аз боби сабабҳои ин фоҷиаи миллии мо, ки сад таассуф, оғози фоҷиаи садҳо бор аз он тӯлониву ваҳшатноки ҷанги шаҳрвандӣ будааст, бисёрҳо китоб навиштаанд, ба ҷуз ман... Аниқтараш, китоби навиштаи ман бо номи «Дарахтони шикаста дар тӯфон» рӯи чопро то ҳол надид. Чаро?

Ба эҳтироми қарордоди сулҳи тоҷикон ман онро чоп накардам. Ҳоло ҳам хуфтааст... Ҳарчанд гапҳои гуфтанӣ ҳаст, ба онҳое, ки аз ман дар он шабу рӯз як «монстр» – «фавқулодда» симо сохтаанд, ҷавоб ҳам додан метавонам, вале ин корро бо назардошти хуло-

саи комиссияи ҳукуматӣ, ки ҳамаи моро бегуноҳ хонд, накардам... Зеро ки барои ҳар яки мо-шоҳидони он рӯйдодҳои баҳманмоҳи соли 1990 ва ҷанги чандинсолаи хунини шаҳрвандӣ акнун фурсати сабри ҷамил ва хулосаҳои комил мерасад, то тақдири халқу Ватанро боз ба вартаи пурхатар наандозем. Мешунавед, садои пири Панҷрӯдро:

*Ҳар к ин-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор!*

Бидуни шак, чунин гардишҳои қатъӣ дар ҳаёти ҳар кас беасар намемонад, вале агар шумо ба бегуноҳии худ бовар дошта бошед, дӯстону ёрони содиқ шуморо танҳо нагузоранд ва аз ҳама муҳимаш, соҳиби ҳунаре бошед, ки он бароятон нишот оварад, навмед нахоҳед шуд.

*Навмед набояд шудан аз гардиши айём,*
*Ҳар шом, ки ояд, зи паси он саҳаре ҳаст.*

Оре, қалам буд он асое, ки ба он такя карда, баъзе корҳоро анҷом додам, шояд арзандаи ин суханҳои волои Шумо набошанд, вале чӣ илоҷ: ҳар кас кореро мувофиқи тавони хеш ба ҷо меорад, на мутобиқи хоҳишу орзуҳош.

**– Маро бубахшед, агар баъзан бо суолҳои дардмандона ба Шумо рӯй меорам. Худ зиндагӣ маҷмӯае аз пастиву баландиҳо ва шодиҳову ғамҳост. Ба қавли Хоҷаи бузурги Шероз:**

***Замона ҳеҷ набахшад, ки боз настонад,***
***Маҷӯ зи сифла мурувват, маҷӯ зи нокас шай!***

**Матлабе бисёр пурсӯз ва муҳаққиқона дар бойгонии Шумо аз Аброри Зоҳир ба дастам расид, ки гуфтааст: «Дар он рӯз, ки Табаров дар кӯча хаставу дилшикаста қадам мениҳод, бори андӯҳи азимеро дар дӯш дошт: фарзанди азизаш Нормуҳаммад чанде пеш аз дасти силоҳбадастон қурбон шуда буд. Бе ҳеҷ гунохе, танҳо**

**ба хотири мошини наваш...»**

**Нависанда ночор ишора мекунад ба ҳаводиси солҳои пурмоҷарои навад: ин бори ғаме, ки бар дӯш дошт, гаронтар буд аз селоби баҳманмоҳи соли 1990, ки ӯро аз мақоми Вазири фарҳанги ҷумҳурӣ барканор карданд. На танҳо арҷмандони дар боло ёдшуда, балки садҳо тан аз дӯстони Шумо дар гӯшаву канори ҷумҳурӣ шарики ин андӯҳи гарон буданд. Аммо ин нукта бисёр муҳим аст, ки бурӯзи чунин фоҷиа ва эҷоди дасисаҳои дигар, ҳарчанд ки дили ҳассос ва латифу шоиронаи Нур Табаровро ҷароҳатдор сохт, аммо натавонист рӯҳи муқтадири ӯро бишканад. Шумо ба ин ишораи кӯтоҳи банда розӣ ҳастед? Ва чиро мӯмиёи захмҳои дили доғдори хеш меҳисобед?**

Н.Т. Аброри Зоҳир хуб дарк кардааст ҳолати ботинии падареро, ки гули навшукуфта барин ҷавонписари 23-сола, ба таъкидҳои беохир дар хусуси хунрез будани замона эътибор надода, пагоҳонӣ барвақт модарашро ба таваллудхона – назди хоҳарбузурги фарзандёфтааш бурда, аз дидори нав-зод шод шуда, ҷониби коргоҳ бо шитоб меравад ва дар назди Боғи пионерон ба дасти посбонҳои расмии навбатдори онрӯза меафтад ва онҳо ӯро қафои мошини худаш нишонда, ба теппазори назди деҳаи Қулпистаи дараи Варзоб бурда, тирборонаш карда, ҷисмашро ба ҷӯи бетонпӯш мепартоянд. Камаш чаҳор-панҷ «гург» ба ин як «баррача» ҳуҷум карда мошинашро гирифта, боз ба постгоҳ омада, хидматро идома медиҳанд. Садҳо қотилон ёфт шуданд, ба ҷуз ин «гургҳо». Ҳама мурофиатҳои мо ба милитсия ва прокуратура, пас аз ёфт шудани ҷисми абгораш ва ба хок супурданаш, беҷавоб монданд. Яке аз мансабдорони калони прокуратураи ҷумҳурӣ боре ба ман гуфт: «Илоҷам нест, ҳарчанд қотилонро муайян кардам». Чанде баъд худи ӯ

мурд ва ин сирро бо худ бурд...



*Нур Табаров бо духтараш Санавбар ва набераaш Зӯҳро*



*Меҳмонони азизи хонадон: устод Муҳаммадризо Шаҷариён ва Сурури Касмоӣ – ду фарзанди фарзонаи Эронзамин, ки ба ҷашни Борбад омада буданд. Паҳлӯи ишон Нормуҳаммад – писари Нур. Дар сафи аввал: (аз чап ба рост) Н. Табаров, духтараш Дилбар, Дилором –*

*хоҳараш, Санавбар – духтараш, Анора – ҳамсараш. (соли 1990)*



*Набераам Фотима Ализода ва модараш Дилбар рӯзи хатми литсеи туркӣ-тоҷикӣ дар Душанбе, соли 2010.*




*Набераам Фотима Ализода баъди хатми Донишгоҳи Небраска(с.2014).*



*Бо набераҳоям Фотима ва Зӯҳро(феврали соли 2015).*



*Духтарам Санавбар бо духтаронаш: Зӯхро,
Суҳайл ва Фурӯғ (апрели соли 2015).*

Моҳи январи соли 2011 аз он воқиаи мудҳиш ҳаждаҳ сол пур шуд ва модари Нормуҳаммади шаҳид ҳар субҳ соати панҷ бархоста аз тиреза ба берун менигарад... «Шояд бармегардад, шояд ӯ набуд, ки он рӯз чанд соат хона оварданду чеҳраи зебояшро нишон надода бурданд... ин чӣ рӯзи сияҳ буд, ки доғаш ҷовидон монда?! Ман ба ин модари зору умедвор чӣ гӯям? Ба худам чӣ гӯям? Ба духтарону набераҳо чӣ? «Тағои моро чаро куштанд, кӣ кушт?».

«Намедонам, намедонам, намедонам!» – ин аст ҷавоби ман ба онҳо.

– Кӣ медонад? – боз мепурсанд онҳо.

– Намедонам! Намедонам! Намедонам!..

Шукрона аз он мекунам, ки чаҳор набера дорам – аз духтарҳоям Дилбару Санавбар: калонӣ – Фотима, пас аз хатми Литсеи туркӣ-тоҷикӣ рафт барои идомаи таҳсил ба Амрико.

– Фотимае, ки маҷмӯаи ашъори англисӣ дорад?

– Оре, ӯ ҳамин гуна қобил духтар аст. Зӯҳрову Суҳайл низ хуб мехонанд, Фурӯғ – аз ҳама хурдӣ-кӯдакистон меравад, бо дасти чап аҷаб нақшҳо мекашад. Мӯмиёи он захмҳои дили ману момояшон-хонуми Анор ҳаминҳоянд.

Аммо: Ҳама дард аз сина берун шавад,
Магар доғи фарзанд, к-афзун шавад!

**– Шумо муаллифи беш аз понздаҳ маҷмӯаи ҳикояву намоишнома ва очерку мақолаҳоед. Дар ин миён драмаи «Дар чорсӯ» аз тобноктарин осори саҳнавии Нур Табаров маҳсуб мешавад, ки дар театрҳои Душанбеву Хуҷанду Кӯлоб ва Бухорову Ишқобод рӯи саҳна омад. Пас аз фурӯпошии Шӯравӣ камтар драматурге ин қадар пурмаҳсул кор кардааст. Шумо асарҳои зеринро ба адабиёти тоҷик ба армуғон овардед: «Вагони охи-**

**рин» (ва он ҳам дар театри русии ба номи Маяковский ба намоиш гузошта шуд) «Тарс», «Паёми Зардушт», «Суробҳо», «Шикасти ташнагӣ», «Чашмони бародари қиёматӣ» ва ғайра. Ман, шахсан бар ин ақидаам, ки инсони мусаллаҳ бо донишҳои густардаи маънавӣ, фарде, ки ҷаҳоне рангин ва чароғон аз нури маърифатро дар ботин дорад, пирӯз бар ҳама балоҳо ва балвоҳост. Ба фармуди ҳазрати Бедил:**

**Дил, ки рӯшан гашт, ҷоҳу давлате даркор нест,**
**Баҳри тасхири ҷаҳон хуршеди танҳо лашкар аст...**

**...Ва ба ақидаи Шумо ҳамин «хуршеди танҳо»-ро ҳар фарде метавонад дар ниҳоди хеш ба осонӣ биофарад, то аз торикистони яъс ва навмедӣ раҳояш созад?**

Н.Т. Аз боби «хуршеди танҳо»-ро дар ниҳоди хеш фурӯзон карда тавонистани ҳар кас: он байти Гулханӣ, ки Восифии ҷавон ислоҳ карда буд, чӣ гуна буд?

*Офтобам зери хоку шаб мани хунинҷигар,*
*Хок бар сар мекунам, то офтобояд бадар.*

Албатта, метавонад ва шарт ҳам нест, ки он хуршед барин бошад. Он метавонад як даста нуре аз машъал ё фонусе ё шамъи фурӯзон бошад, ки дили ғамзадаро мунаввар мекунад. Табиат ба ҷисми ҳар як офаридаи худ қуввату қудрати ниҳоние ҷо дода, ки ӯ аз имтиҳонҳои шадиди рӯзгорон гузашта тавонад. Мавлавӣ дар ин боб аҷаб гуфтаҳое дорад, ки агар ба забони ҳунари театрӣ гӯем, Парвардигорро Таҳиягар-режиссёр мехонад, мо-бандагонашро-бозигар:

*Ӯ ба санъат Озар асту ман санам,*
*Ман шавам чизе, ки вай месозадам.*
*Гар маро соғар кунад, соғар шавам,*
*В-ар маро ханҷар кунад, ханҷар шавам.*
*В-ар маро чашма кунад, обе диҳам,*

*В-ар маро оташ кунад, тобе диҳам.*

**– Ба фармуди мутафаккирони Ғарб, сарнавишти мардони бузурги ҷаҳон, ба вижа рӯзгори шахсиятҳои волои фарҳангӣ мамлу аз фарозу нишебҳо будааст. Ҳофиз дар аксар маврид фоҷиаҳоеро, ки зиндагӣ ба сараш меоварад, ба чарх, ба сарнавишт ва Ӯ, ки дафтари толеъ офаридааст, ҳавола мекунад. Яъне:**

***Кавкаби бахти маро ҳеҷ мунаҷҷим нашинохт,***
***Ё раб, аз модари гетӣ ба чӣ толеъ зодам?***

**Дар намоишномаҳои Шумо кадоме аз қаҳрамонон дучори бозиҳои бераҳмонаи сарнавишт шудаанд ва Шумо ин мавзӯъро дар адабиёти ҷаҳон, хусусан дар осори драматургҳои барҷастаи Ғарб чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

Н.Т. Театри давраҳои атиқа аз фоҷиа шурӯъ шуда буд ва Арасту ҳам дар «Поэтика» бештар ба таҳлили дарунмоя ва сохтори зоҳирии ин жанр диққат медиҳад ва қонуниятҳои офариниши онро муайян менамояд.

Волтер бошад, чунин таъкиде дорад, ки: «Трагедия-фоҷиа шавқи ваҳшатбор, азоби виҷдон ва фалокатҳои хунин мехоҳад». Асарҳои бузургони драматургияи ҷаҳонӣ Шекспир, Лопе де Вега, Чехов, Молйер, Булгаков ва дигарон ба ҳамин талабот комилан мувофиқанд ва маҳз барои ҳамин ҳам рӯи саҳна овардани чунин пйесаҳо барои ҳар як таҳиягар ва дастаи ҳунарӣ имтиҳони ҷиддӣ, як сабақи бемисли касбомӯзӣ шумурда мешавад. Драманависони имрӯзаи тоҷик, ҳар яке, алоқадри имкону истеъдоди фитрии хеш, бар он мекӯшанд, ки ба назардошти таҷрибаи бузургон асар биофаранд. Албатта, драматургия, тамоми жанрҳои он аз он осори қадимаи

саҳнавӣ фарқ мекунад, ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам мундариҷа басо суфтаву рехтатар шудаанд. Масалан, гиру мони асарҳои драмавии адибони номии мо Меҳмон Бахтӣ, Сафармуҳаммад Аюбии равоншод ва Шодӣ Солеҳ, Нурулло Абдуллоев, Ҷумъа Қуддус ва Равшани Ёрмуҳаммад нисбат ба осори нахустдраманависони тоҷик тафовути зиёд доранд. Режиссёри болаёқату машҳури мо Барзу Абдураззоқов маҷмӯаи нахустини драмаҳояшро бо номи «Роҳи дуру дароз то Макка» ба табъ расонид, ки низ падидаи хеле сурурбахш аст. Агар ба асарҳои банда муроҷиат кунем, аз ҳамон «Дар чорсӯ» то «Вагони охирин», «Тарс», «Паёми Зартушт», «Суробҳо», «Чархи гардон», «Маздак ё шоми дарахтони сарнагун», «Шикасти ташнагӣ» ва «Чашмони бародари қиёматӣ» ҳама гирди як ё якчанд моҷаро-конфликт, задухӯрди шифоҳӣ, гоҳо ҷисмонӣ баҳс мекунанд. Аксари қаҳрамонҳо дучори бозиҳои бераҳмонаи сарнавишт гардида, роҳи халосӣ аз он меҷӯянд, орзую ормонҳо дар дил доранд, вале на ҳама ба мурoду мақсад мерасанд, зеро ки ҳарифон ҳам дар ҷаҳду талошанд ва ин аст «ягонагии ба ҳам зидҳо», ки ҳаёти ҷомеаи инсониро ташкил медиҳад. Табиати театр моҷароҷӯёнаву ситезахоҳ аст, хусусан дар асарҳои фоҷиавӣ-драмавӣ.

То кадом дараҷа ба мо-драманависон ин ҳадафҳои эҷодӣ даст додаст ё не, тамошобин ва уламои театршинос қазоват мекунанд. Аммо чунон ки яке аз барҷастатарин режиссёрҳои рус Анатолий Эфрос гуфта буд: «Камбудии аз ҳама ҷиддии пйесаи имрӯза ин орӣ будан аз воқеияти даҳшатбори зиндагист». Ман ҳам ба ин фикр мувофиқам. Маҳз ҳамин арбоби ҳунар Шекспирро барои ҷасорати беҳамтояш «ваҳшиодами хирадманд» номида буд.

Агар ба симои қаҳрамонҳое, ки ман барои саҳна кӯшидам биофарам, бодиққат бингарем, аз Сабурови муаллими ба нафақа баромада сар карда, то Бобои Ориф дар «Вагони охирин», Лочин аз «Тарс», Зартушти Спитамон-нахуст паёмбари ориётаборон, вазир Ҳасанаки ба «қарматӣ» маҳкумшуда дар «Чархи гардон», Маздаки Бомдод-нахустин ғояандӯз ва роҳандози амалии фикри инсонгароӣ дар олам ва ҳам Баҳмани ҷанговар ва ҳакими ноком аз «Чашмони бародари қиёматӣ» ва бахтбаргашта ҷавонзани тоҷик аз драмаи «Суробҳо»-ҳамагӣ дучори гардишҳои қатъӣ ва аксар фоҷиабори рӯзгорон шудаанд.

Масалан, Зартушт, ки кашфи зеҳнии нодир дар таърихи маърифати боварҳои олам, яъне дарки худованди яккаву ягона насиби ӯ гардида буд ва ин ҳарфҳои ҷовидона аз ӯянд: «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек», «Худро шинос, то Худойро бишносӣ», ончунон гирифтори ҳамлаву таҳоҷуми карпонҳои дайвандтабиат-ҳарифони ғоявии худ буд, ки маҷбур буд ҷилои Ватан (Тӯронзамин) кунад ва оқибат аз дасти Братрокрештур ном душмани азалӣ дар синни 77-солагӣ, соати ибодат бо зарби ханҷар ба ҳалокат расонда шуд.

Ё гирем, тақдири пур аз саҳафоти пирӯзӣ ва нокомиҳои шоҳ Астиаг-бобои Куруши Кабир ва худи Куруш-набераи ӯро, ки оқибат дар набард бо лашкари маликаи массагетҳо Томирис дар соҳили Дарёи Сир бо дусад ҳазора артиш мағлуб гашт ва ҳалок шуд. Ҳол он ки ӯ баргузидаи Парвардигор ҳисоб меёфт. Шумо ба ин иқтибос аз «Библия» эътибор диҳед: «Худованд ба соҳиби тахту тоҷ-баргузидаи хеш Куруш чунин мегӯяд: Ман дасти рости туро ба он хотир дастгирам, ки ту халқҳоро тасхир намоӣ ва камарбанд аз камари

шоҳон бармекушоям, то дарҳо ба рӯят боз шаванд ва дарвозаҳо пӯшида нагарданд... ва ганҷина ва сарвати дар торикӣ ниҳонро ба ту бахшидам».

Ё гирем қисмати Маздакро...

Пештар хам ин симоҳои таърихӣ мавзӯи тадқику таҳқиқи адибону олимони зиёд гашта буданд, вале ҳар як адиб рангу оҳанги тозае метавонад кашф намояд, ҳикмати тозае андӯзад.

Ҳанӯз Арасту таъкид карда буд: «Тасвири бадеии таърих нисбат ба таърихнигорӣ ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати воқеӣ авлотар аст. Санъати шеър ба мағз андар мағзи рӯйдод ворид мешавад, ҳисоботи дақиқ бошад, рӯйхати пай дар ҳами тафсилоти онро (рӯйдодро) пешниҳод менамояд.»

**– Мо муруре ё гуфтугӯи мухтасаре роҷеъ ба асарҳои саҳнавӣ ва очерку ҳикояҳои Шумо доштем. Чаро мухтасар? Ба хотири он ки санъатшиносон, муҳаққиқон ва дигар соҳибназарон рӯи ин мавзӯъ дар матбуот ба тариқи муфассал изҳори ақида кардаанд. Дар ин замина тақризу таҳлилҳои донишмандони шаҳире амсоли Иброҳим Усмон, Муҳаммадуллоҳи Табарӣ, Абдуҳамиди Самад, Сайфуллоҳи Муллоҷон, Саъдуллоҳ Раҳимов, Бобоҷони Икром ва дигаронро бо диққат хондам. Самимӣ ва жарфандешонаанд навиштаҳои онон. Аммо як соҳаи бисёр доманадор ва пурвусъати эҷодиёти Нур Табаровро тарҷума дар бар гирифтааст. Фикр мекунам, Шумо заҳмати тарҷумононро дар баргардони «Чанд шеъри мансур»-и Тургенев озмудед ё қабл аз он чунин коре даст зада будед?**

**Бо вуҷуди ташвиши зиёд ва машғалаҳои мутааддиде, ки пеш меомад, романи Георгий Марков «Шарбати**

**замин»-ро дар ҳамкорӣ бо марҳум Маҳмудҷон Шаҳобиддинов тарҷима ва нашр намудед. Баргардони қиссаи Х.Синкер «Аждар Мартин», ҳикояҳои Ю.Коноплянииков, Н.Селин, Вл.Карпов ва С.Ханзадян низ ба қалами Шумо мутааллиқанд... Чӣ ангезае Шуморо ба баргардони асарҳои зикршуда таҳрик кард? Дуруст аст, ки муҳаққиқон мегӯянд: заҳмати тарҷумонӣ ҳамсанг бо заҳмати нависандагист? Вазъи тарҷумаи бадеиро дар шароити феълӣ чӣ гуна баҳо медиҳад. Мешавад оид ба ҳунари тарҷумонии Шумо ва теъдоде аз тарҷумонҳои тоҷик сӯҳбат кунем?**

Н.Т. Аз боби тарҷума. Пас аз хатми мактаби миёна мехостам ба ягон омӯзишгоҳи ҳарбӣ дохил шавам, бехабар аз он ки кафҳои поям паҳн (плоскостопия) будааст ва мебоист маро аз хизмати ҳарбӣ озод мекарданд...Ҳамсояи мо дар шаҳраки онвақтаи Орҷоникидзеобод-капитан Пахотин буд, ки ба ман гуфт: – Ҳӯй, ҷавон, кори ҳарбӣ на ба ҳар кас даст медиҳад, ин ҷо ҳам қуввату чолокӣ зарур. Ту набудӣ, ки дар мусобиқаи велосипедронӣ дар масофаи даҳ километр яке аз ҷойҳои охиринро гирифтӣ? Беҳтараш, аз паи касби падар рав...

Хиҷолат кашидам ва ҳамчунин кардам. Табиист, охир, симоҳои басо дилфиреб офаридаи дар кино дидаву дар китобҳо хонда сабаби чунин орзуҳои рангини айёми ҷавонӣ мешаванд... Яке аз сабабҳои ҷиддии ба тарҷума аз давраи донишҷӯӣ машғул шуданам, ин ҳаваси омӯхтани забони русӣ буд ва сабақҳои нахустинамро аз бозиҳо бо бачаҳои русу русзабон мегирифтам, баъд таҳсил дар мактабҳои олии Душанбеву Маскав, худомӯзӣ... Зимнан, беҳтарин мактаби забондонӣ ва сайқали ҳунар худи тарҷумаи асари ба-

деист.

Чунин шуд, ки баъд аз ворид шуданам ба муҳити театрӣ, гоҳ бо хоҳиши режиссёрҳо, гоҳе аз пеши худ, ба тарҷумаи пйесаҳои хуби адибони гуногун пардохтам. Аз ҷумла, аксари драмаҳои сиёсии адиби рус Михаил Шатровро ба тоҷикӣ гардондам – «Лавҳаи инқилобӣ ё аспҳои сабз дар марғзори арғувонӣ» (равоншод Фаррух Қосим дар спектаклаш нақши Ленинро бе грим бозида буд), «Ба пеш, ба пеш» ва «Соли 1905».

Бо хоҳиши дӯстам ҳунарманди варзидаи театру кино Ҳабибулло Абдураззоқов драмаи адиби гурҷӣ А.Чхаидзе «Вақте ки шаҳр хуфта буд»-ро тарҷума кардам ва ӯ онро рӯи саҳнаи театри ба номи Лоҳутӣ овард, ба мавзӯи доғи замон буд ва бо дарди ашрофманишӣ гирифтор шудани сарварони ҳизбиро мазаммат мекард.

Яке аз адибони намоёни онвақтаи мо асарро тамошо карду гуфт:

– Ин асари зиддишӯравист, ихтиёр ба дастам мебуд, манъ мекардаам!

Писари боистеъдоди Ҳабибулло – Барзу, ки пеши чашми ман бузург шуд, рӯзе хоҳиш кард, ки як радиопйесаи Темур Зулфиқоровро бо номи «Муҳаббати нахустини Насриддин» тарҷума кунам ва маблағи заруриро низ ёфта диҳам, то ки ӯ як чизи саҳназебе таҳия кунад. Ҳамаи фармудаашро ба ҷо овардам ва рафтам ба Хуҷанд ба тамошои нахустнамоиш бо номи ғалатии «Шапарак хоб дид». Бояд бигӯям, ки ин асар ҳарчанд дар «Парасту» шоҳҷоиза нагирифт, вале дар Бишкек, Тошканд ва Олмону дигар кишварҳо чун беҳтарин падидаи театри қарни ХХ унвонҳову мукофотҳо гирифт. Чӣ илоҷ, оби дари хона қадр на-

дорад...

Бо хоҳиши Барзу «Се хоҳар»-и А.Чеховро низ тарҷума кардам, вале ин асарро дар театри русии ба номи В.Маяковский рӯи саҳна овард ва заҳмати ман ҳанӯз кори саҳнавӣ нохӯрда монд, вале соли 2008 Барзуи беқарор бо кӯмаки Маркази фарҳангии Фаронса дар Душанбе хост драмаи Славомир Мрожекро, ки пйесаи беҳтарини баъдиҷангӣ дар Лаҳистон (Полша) ба ҳисоб меравад ва «Муҳоҷирон» ном дорад, тоҷикӣ гардонам ва онро пеши чашми ман, бо иштироки ду ҳунарманди боистеъдоди мо –Қурбони Собир ва Нозими Мелик рӯи саҳна овард. Дигар ин моли соф миллии тоҷикона шуд ва қаҳрамонҳои бахтбаргаштаи он – ду муҳоҷири иҷбории мо дар кишвари бегона. Спектакл ҳамагӣ 5-6 бор намоиш дода шуд, дар ду толори хурдакак, аммо овозаю дарвозааш ҳанӯз хомӯш нагашта. Чаро? Чунки он аз воқеияти даҳшатбори зиндагӣ ҳикоят мекунад ва онро як «ваҳшиодами хирадманди» асри XX эҷод кардааст.

Соли 2005 бо даъвати дӯсти афғонистонӣ, режиссёри шинохтаи синамо, раиси «Бунёди фарҳанги ҷомеаи маданӣ» Темуршоҳ Ҳакимёр ману ходими барҷастаи театри тоҷик Мирзоватан Миров барои тадриси назария ва амалияи драма ба Кобул сафар кардем. Дар байни адабиёти зарурӣ асари яке аз арбобони намоёни театри гурҷӣ ва шӯравӣ Михаил Туманишвили «Введение в режиссуру» низ буд. Азбаски ин китоб дар ҳавзаҳои театрии шӯравӣ чун дастури таълимӣ баҳои баланд гирифтааст ва ҳунармандони имрӯзаву фардоинаи мо ба чунин як мӯниси хирадманд ниёз доранд, дар фикри тарҷумаи он китоб уфтодам ва дар зарфи ду сол онро бо номи «Раҳнамои

режиссёр» ба тоҷикӣ гардондам.

Бо таассуф бояд қайд кунам, ки рӯйхати адабиёти илмӣ-таълимӣ бо забони модарии мо таҳия ва тарҷума шуда хеле ночиз аст. Агар вазъи таълиму омӯзиши забони русиро дар давраи 10-15 соли охир ба инобат гирем, донишомӯзони мо аз заъфи надонистани забони илмӣ-адабии русӣ сахт азият мекашанд.

Ташаккур ба Бахши Тоҷикистонии Ҷомеаи кушода, ки ин китобро ба табъ расонид ва теъдоди зиёдашро ба китобхонаи Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи М.Турсунзода, бақияашро ба таълимгоҳҳои фарҳангӣ ва китобхонаҳои ҷумҳурӣ ҳадя намуд. Бори дуввум ба табъ расидани ин китоб маро бар он такон дод, ки асари бунёдии ин режиссёри машҳур, ки шогирди Г.Товстоногови бузург буд ва пасон устоди чунин таҳиягарони олишаън, чун Роберт Стуруа ва Темур Чхаидзе ва даҳҳо дигарон гашт, низ ба тоҷикӣ гардонам. Ин асар «Режиссёр аз театр меравад» ном дорад, ки таҳкурсии «Роҳнамои режиссёр» гардида буд. Ба мухлисони театр хабар медиҳам, ки заҳмати дусолаи тарҷумон анҷом ёфт ва ин асар ҳам ҳоло ба дасти чопдар матбааи «Маориф ва фарҳанг» аст. Ростӣ, аз ин ду кори кардам на фақат устодону шогирдони соҳаи театр, балки худам ҳам шодам. Аммо мехостам, ки омӯзгорони ботаҷриба, арбобони соҳибзавқи театр ба тарҷумаи беҳтарин осори К.Станиславский ва В.Немирович-Данченко, Мейерхолд, Брехт, Кнебел, Эфрос, Ефремов, Завадский ва дигарон пардозанд. Мо бояд ин корро ба ҷо орем, агар хоҳем, ки театри касбии тоҷик зинда монад ва рушду нумӯъ кунад.

Чанде боз бо хоҳиши худи адиби машҳури ҷаҳон гаштаи русзабони тоҷик Темур Зулфиқоров ба тарҷумаи роман-устураи ӯ «Афъӣ мори марҷонӣ»

машғул будам. Пас аз баргардони чанд масалу он драмаи «Шапарак хоб дид», ӯ хоҳиш кард, ки ман ин асари тозаэҷодшудаашро «ба Ватан баргардонам бо забони ҳамватанонаш». Ҷои шикваю шикоят нест-услуби баёни Темур бемислу нотакрор аст, шеъри ӯву насри ӯ шоирона, мутантан, образнок ва саршор аз маъноҳост.

Адиби нуктасанҷи мо Абдулҳамид Самадов, пас аз хондани матни тоҷикии роман гуфт, ки заҳмати банда барабас нарафта, моли миллии мо шуда дар либоси тоҷикона. Ба фикрам, ӯ ин гапҳоро ба таври ҷиддӣ гуфт, шӯхӣ ҳам бошад, хайр аст, дигар...

Пас аз анҷоми кор ба Темур занг зада ҳисобот додам:

– Дар зарфи расо сад рӯз романатро ба Ватанат баргардондам!

– Нур, ту қаҳрамонӣ кардӣ, ҳазор раҳмат! Як тарҷумони англис онро дар зарфи шаш сол тарҷума кард. Ё худои ман!

– Англис аз рафтори мӯрчагони Варзоб огоҳ нест, мо-ку дар домани ин пири гулфурӯшон афтодаву хеста калон шудаем! «Афъӣ мори марҷонӣ» ҳоло дар дасти сармуҳаррири нашриёти «Адиб» Юсуфҷон Аҳмадов аст, дорад «ром» мешавад ва ба чоп омода. Ё Мавло, бори чорпоеро кашида будем-да...

Оид ба вазъи тарҷума дар кишвар?

Андак-андак зинда мешавад. О ману Ҳикмат Раҳмату Юнус Юсуфӣ ва Азимқул Насимову Ҷумъабой Азизқулов барин соддаҳо камтар мондаанд, ки ҷонашонро ба ин кор нисор кунанд. Ҳавасмандӣ ҳам нест. Ҳоло барои тарҷумаи як саҳифаи кампутарӣ баъзе ташкилотҳо то 10 доллари амрикоӣ музд диҳад, дар нашрияҳои мо ба тарҷумаи

як ҷузъи чопӣ 100 сомон медиҳанд. Ҳисобатро ёбу гир, тарҷумони тоҷик! Ҳол он ки масъулияти тарҷумон назди хонанда аз масъулияти муаллиф камтар нест – ӯ соҳиби матни тоҷикист!

**– Оё ҳамаи асарҳоятон рӯи саҳнаро диданд ва чунин ҳаводисе пеш омадааст, ки дар замони низоми Шӯравӣ ва ё пас аз Истиқлол «главлит» монеъи рӯи саҳна омадани асарҳои Шумо шуда бошад?**

Н.Т.Кадоме аз ин асарҳо рӯи саҳнаро дидаанд? Соли ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён бо дастгирии Вазири фарҳанги вақт Бобохон Маҳмадов операи Толиб Шаҳидӣ «Амир Исмоил» (муаллифони либретто Низом Қосим ва Н.Табаров) бо саъю кӯшиши режиссёр Барзу Абдураззоқов рӯи саҳна омад ва баҳои хуб ҳам гирифт. Ҳунармандони хушовози театр Миралӣ Достиев (Амир Исмоил), Акбар Мирраҷабов (Амир Наср) дар он ҳунарнамоӣ карданд. Мӯҳтавои ин асарро муаллифи «Таърихи Бухоро» чунин менигорад:

«...Наср ибни Аҳмад аз Исмоил мол талабид ва Исмоил нафиристод. Лизо Наср сипоҳи гарон ба ҷониби Бухоро дар соли 275 ҳиҷрӣ равон дошт. Дар ин ҷанг Исмоил ғалаба ёфт, валекин бародарро гиромӣ дошт ва ӯро ба маркази аморати Самарқанд баргардонд ва ҳукуматро ба вай боз супурд».

Дар таърих чунин олиҳимматии ҷавонмардонаи сиёсатмарде нисбат ба ҳариф (бародар бошад ҳам!) кам дучор меояд... Аксар ин навъ задухӯрд ба марги яке ва зафари дигаре анҷом ёфтаанд, аммо амир Исмоил дар ин ҷабҳа низ намунаи ибрат мемонад...

Драмаи таърихии «Шикасти ташнагӣ»-ро Ҳунарманди мардумӣ, саррежиссёри Театри вилоятии драма ва мазҳакаи ба номи Камоли Хуҷандӣ

Сайрам Исоева соли 2007 саҳнавӣ гардонд ва спектакл дар фестивали «Парасту» сазовори ҷои сеюм ва офарандаи нақши Томирис ҳунарпеша Зулфия Тӯйчиева мукофоти хоса гирифт.

Драмаи «Шикасти ташнагӣ» соли 2010 дар Фестивали III театрҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар Алмаато сазовори мукофоти «Беҳтарин асари драматургияи миллӣ» гардид. Зулфия Тӯйчиева ин ҷо низ чун яке аз беҳтарин офарандагони нақши занона қадр карда шуд.

«Тӯй ё ишқи духтари ҳамсоя» – ин асарро мо се нафар – як нависанда ва ду таҳиягари театр Ҳ.Абдураззоқов ва М.Миров бо иштироки рассом В.Назаров ва дастаи фолклорӣ-этнографии ҳамон вақтҳо ғуншуда дар театри «Падида» соли 1999 рӯи саҳна овардем. Азбаски фармоишгар садорати созмони «Театр-мактаби санъати драмавӣ»-и Федератсияи Россия буд, мо онро ба Фестивали «Назари танги скиф» ба Маскав бурдем. Бояд бигӯям, ки аз Тоҷикистон ҳамон сол ду асар – «Тӯй ё ишқи духтари ҳамсоя» ва «Шапарак хоб дид» (аз Хуҷанд) даъват шуда буданд, ки таҳиягар ва бозигар дар «Тӯй» Абдураззоқови калонӣ ва ӯ низ дар «Шапарак» нақш дошт, аммо таҳиягар Барзу Абдураззоқов буд. Маро низ чун муаллифи як асар «Тӯй» ва тарҷумони «Шапарак» даъват карда буданд. Аҷаб пурҷило буд ҳунарнамоии артистони тоҷик дар саҳнаи Маскав! Таассуф, ки шумо ин ду намоиши ҷолиброро надидаед...

Албатта, кори рӯи саҳна овардани асари драмавӣ, ки онро метавон як ҳосили заҳмати дастаҷамъӣ хонд, бе камбудӣ намешавад. Ман ба маслиҳату машварате, ки созанда аст, эҳтиром мегузорам, вале ба айбе, ки ба хотири ғурури мансаб ё бехабарии мутлақ ба

миён омадааст, сар намефурорам. Чунин як муносибати муғризона ва ноогаҳона аз ҷониби масъулини расмӣ замони рӯи саҳна омадани драмаи «Вагони охирин» дар театри русии ба номи В. Маяковский рух дод: азбаски дар ин асар як навъ эътирозе ба кирдукори таҳқиромези сарҳадбонони кишвари ҳамсоя нисбат ба шаҳрвандони тоҷик баён ёфта буд, масъулин аз ҳароси вокуниши сиёсӣ ба ин рӯйдоди театрӣ, онро чаҳор маротиба қабул накарданд. Ниҳоят, вазири давр гуфт, ки ӯ ин намоишро қабул нахоҳад кард, бигзор онро ҳукумати ҷумҳурӣ қабул кунад. Вакилони ҳукумат ҳам омада асарро тамошо карда ҳукм баровfarданд: асари зарурӣ, ба мавзӯи доғи рӯз аст, қабул! Ин кор ҳам на дар замони шӯравӣ рух дод...

Ин байти Соиби Табрезӣ ҳушдори хуб аст:

*Ҳар ки дар давлат набинад пеши пои хештан,*
*Гар саропо чашм бошад, по ба давлат мезанад.*

Порсол ду драмаи ҳаҷман хурд – «Коба ва Николай» (лаҳзаҳои вопасини зиндагии Н.Бухарин) ва «Девона» (Илҳом аз «Амок»-и Стефан Тсвейг)-ро навиштам. Ҳунарпешаҳое, ки ҳардуи асарро хондаанд, писандиданд, вале харидор ҳанӯз пайдо нест. Дунё ба умед.

Дар бораи намоишҳои оянда: барои навиштани драмае аз рӯзгори яке аз фарзандони тоҷиктабори фарзонаи Осиёи Марказӣ, мубориза шуҷоъ барои истиқлолу озодии Афғонистон, ки як муддати кӯтоҳ дар курсии подшоҳӣ низ нишаста буд ва бо фиребу найранг ба қатл расонида шуд, яъне Ҳабибуллои Калаконӣ (Бачаи Саққо) мавод ғун мекунам. Сарчашмаи асосӣ рисолаи шумост ва умедворам ин кор-

ро якҷоя анҷом медиҳем. Агар фурсат расад, мехостам дар бораи тақдири аз бисёр ҷиҳат ба ҳам мушабеҳи ду овозхони машҳуру шаҳиди афғону тоҷик –Аҳмад Зоҳир ва Кароматуллои Қурбон як филмнома ё драмае нависам. Боз ҳаст баъзе ниятҳои дигар, ки беҳтараш амалӣ шаванду баъд аз ин хусус ҳарфе занем.

**– Ҷузъе аз зиндагии сиёсатмадор, нависанда ва ҳунарманд аз замонҳои қадим то рӯзгори мо-сафар кардан ва ҷаҳон дидан аст. Хушбахтона, лаззати зебоӣ ва хушиҳои сафарро зиёд чашидед. Дидор аз Амрико, Маҷористону Ҳинд, Фаронсаву Эрон, Англияву Италия, Афғонистон ва мамолики арабиву дигар кишварҳо ҳатман барои Нур Табарови нависанда ва драматург ҷаззобиятҳои хосе дошт. Вазирону вакилони зиёде ба ин ё он кишвар ҳамарӯза бо боли ҳавопаймо дар парвозанд. Туристону ҷаҳонгардону тоҷиронро низ чунин саодат ёр аст. Вале ҳар гурӯҳе аз ин афрод ҷаҳонро аз даричаи чашми хеш мебинад ё баъзе аз ин ашхос ба кишваре даҳ бор сар зананд ҳам, чизе «намебинад» ба фармуди Лоиқ: «Гулистон омадӣ, тарфи гулистонро чӣ медонӣ?» Мехостам, андешаҳои Шуморо ҳамчун ҷаҳоншинос, ҳамчун адибе, ки ба умқи дили бошандагони неку бади замин сару кор дорад, бишнавам.**

Н.Т. Оре, сафар кардан беҳтарин шуғл аст, аз қадимулайём... Як моҳ пеш ҳамон дӯсти кобулии ману Мирзоватан – Темуршоҳи Ҳакимёр моро ба Кобул, ба Семинари байналмиллалии бахшида ба фарҳанги мусиқии тариқати Чиштия даъват намуд. Як дастаи ҳунарӣ-овозхонони тоҷик низ дар ин

гирдиҳамоӣ ширкат варзиданд. Аҷаб кишвар аст Афғонистон: задухӯрд миёни қувваҳои ҳукуматӣ бо дастаҳои толибон ҳанӯз ҷо доранд, вале ҳаёти фарҳангӣ ба мароми худ метапад, идома дорад. Соле пеш дар Фестивали навбатии театрҳои миллӣ бо намоиши «Чашмони бародари қиёматӣ» ширкат доштем, имсол дар гирдиҳамоӣ ва овозхонӣ ва рақси самоъ дар Кобул... Ҳайрон нашавед: дар семинар ҳам суханрониҳои пирони хонақоҳро шунидем, ҳам дар иҷрои як ҷавони барнои порисӣ Парвиз рақси самоъро дидем, ки дар печу тоб шохаи маҷнунбедро мемонд ва чун гирдбод мечархиду мечархид ва най ҳам аз гардиши ин бод нола мекард:

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*
*В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад...* (*Мавлавӣ*)

Дар толор тамошобини оддӣ набуд, аксари ин мардуми солори сала бар сар бо ҳаракоти басо шинами дилчасп ва гуфтори нарму ҳалим, гӯиё ба ибодатгоҳ омада бошанд ва ҳамин ки мусиқӣ шурӯъ мешуд, мисли шохаҳои ҳамон маҷнунбед маҳин-маҳин такон мехӯрданд ва ҳар қадар авҷи суруд болотар мерафт, аз дидагони инҳо ҷӯйи ашк ҷорӣ мешуд ва ба гиристан медаромаданд-он қадар маҳин ва боназокат, ту гӯи, шир-шир оби чашмае дар кӯҳсор ҷорист... Чунин таъсири амиқу олии мусиқӣ ва сухан кам андар кам мушоҳида мегардад ва ту ҳам ночор хешро дар он тӯри хушрангу хушоҳанги бофтаи ҳунармандон мепартоӣ ва ҳамнавою ҳамсадои онон мерақсиву мегирйи...

*Ҳар нафс овози ишқ мерасад аз чапу рост,*
*Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост?*

*(Мавлавӣ)*

**– Барои фарзандони асилаш оё азизтар аз Тоҷикистон маконе вуҷуд дорад? Фикр мекунам, Шумо низ мисли мусоҳиби хеш (М.Ш.) ҳама гӯшаву канори ин ватани кӯҳистониро бо қаламу блокнот, пиёдаву савора паймудед. Дар Чоркӯҳи Исфара ва Обурдони Масчоҳ боғбонони ришсафед соле қабл ёде аз Нур Табарови вазир карданд ва гуфтанд: баъди ӯ мо вазиреро надидаем, ки пой дар ин марз гузошта бошад, мисли ӯ хушсурат ва хушсӯҳбате надидаем дигар... Магар маъмур, депутату мансабдор ва адибе, ки Тоҷикистони чун модар азизашро «намешиносад» ва ё берун аз деҳу диёри худ чашми муҳаббат ба дигаре аз атрофу акнофи ин сарзамин намедӯзад, бадбахт нест? Шумо оё ин қабил шаҳрвандонро дидаед ва агар дидаеду мешиносед, чӣ назаре роҷеъ бо онҳо доред ва лаҳзае аз қуллаи баланди ҳафтод назар афканед ба водиҳо, шаҳракҳову деҳаҳо ва манзилҳои сангини ғарқи нур дар Ховалингу Сарихосор, Ванҷу Рушон, Ҳоиту Вахё, Ҳисору Понғозу Панҷрӯд ва Қабодиёну Сароикамар... Дар рӯи замин оё самимитар инсоне аз тоҷиики кӯҳистонӣ ва зеботар аз диёри мо маконеро дидаед?**

Н.Т. Оре, чаҳор гӯшаи Тоҷикистони азизро гаштам, бо инсонҳои наҷиби он гӯшаҳо вохӯрдам. Воқиан, дар ҳусну малоҳат кишвари мо бемисл аст, одамонаш ҳам. Вале аз боби самимияти мардуми кӯҳистони мо сад сол пеш сайёҳи машҳури рус Семенов – Тяншанский суханони аҷоиб гуфта: -Дар кӯҳистон тоҷикон ё сартҳоро вомехӯрӣ, ки тамоми дороии худро пеши меҳмон рӯи дастархон мегузо-

ранд. Сабаби чунин рафторро ман на фақат дар ҳисси баланди меҳмоннавозӣ мебинам... Азбаски ин бечораҳо як вақтҳо дар водӣ мезистанд ва пас аз ҳуҷуми аҷнабиҳо маҷбур буданд ба бағали кӯҳсорон паноҳ ёбанд... Шояд барои ҳамин ҳам тамоми сарватро пеши каси омада мегузоранд, ки гирифтори моҷарое нашаванд... Ҷои тааҷҷуб ҳам нест, таассуф ҳам: ҳар рӯйдоди нохуш дар хотираи одамон нақше мегузорад, падидаи нек ҳам.

Поктинатӣ, меҳмоннавозӣ, инсонгаройӣ хислатҳои хуби мардуми мост, ба гуфтаи устод М.Турсунзода, расми хуби тоҷикон аст ва мо онро набояд гум кунем. Агар адиб ин сарватҳои қиматбаҳои табиати ҳамватанони хешро тавонад ба тасвир биорад, барои Ватан ва халқи он хизмати хуб мекунад.

**– Шумо табиатан дӯстнавозед, ки маъмулан мардуми тоҷик ба ин қабил ашхос мегӯянд: «як пиёла чой бе ёру ошно аз гулӯяш намегузарад». Дасти мадади Шумо ба садҳо нафар ҳоҷатмандон расида... Бисёре аз дӯстони ҷонӣ, масалан, Ғуломҳайдар Муродалиев гавҳари садоқатро самимона ҳифз мекунанд, мутаассифона, теъдоде камлутфанд.**

**Маҷмӯае бо номи «Марде дар шаҳре, шаҳре дар марде» ба дастам афтод, ки дар соли 2007 ба нашр расида ва мураттибу муҳаррири он Шумоед. Китоб силсиламақолотро бо тасвирҳои дилрабо аз ҳаёти ситораи синамо ва театри тоҷик, Ҳунарманди Мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҳабибуллоҳ Абдураззоқов дар бар дорад. Ин рисоларо, ки бо мақолаҳо ва эссеву мусоҳибаҳо ва аксҳои гӯё аз зиндагии як фидоии ҳунар музайян гаштааст, бе ҳаяҷони қалбӣ наметавон хонд. Дар муқаддимаи баёз сатрҳои пурҷило ва гарму**

**самимие аз мураттиб омадааст: «Ҳабибуллоҳ чун ёқути сурх миёни ҳазорон-ҳазор нурафшонӣ мекунад... Зеро ӯ на фақат бозигар, балки эҷодгар-мутафаккир аст».**

**Роҷеъ ба дурахши истеъдоди ин марди мӯътабар тобноктарин чеҳраҳои фарҳангӣ ва ҳунарӣ, амсоли Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Темур Зулфиқоров, Файзуллоҳ Ансорӣ, Мӯҳсин Махмалбоф, Фаттоҳ Одина, Абдулҳамид Самад, Раҳмат Назрӣ, Толиб Шаҳидӣ ва дигарон нукоти олишоне иброз намудаанд. Ҷолиб он аст, ки дар бахше аз мақолаи таҳлилӣ ва муфассал Муҳаммадулоҳи Табарӣ алфози латифе аз боби дӯстии ду бародари ҷонӣ – Нур Табаров ва Ҳабибуллоҳ Абдураззоқов исдоқи марворид рӯи саҳфаи ихлос рехтааст. Ӯ аз ҳамкорӣ ва мусофиратҳои муштараки ду андешаманду адиб ёдовар шуда, зимнан таъкид намудааст, ки асари машҳури «Дар чорсӯ»-ро метавон маҳсули ҳамин дӯстӣ ва ҳамбастагӣ номид» Ҳеҷ ағроқе дар навиштаи эшон намебинам, аммо чун воқеан Шуморо борҳо ҳамсафар ва ҳамнишину ҳамнафас бо устод Ҳабибуллоҳ дидаам, мехоҳам аз масири дӯстиву рафоқате, ки бо эшон тай намудед (ва он ҳам 40 ё 50 сол!) як шингил ҳикоят фармоед. Зеро аз гавҳари сидқ арзандатар сарвате дар ду дунё нест ва аз сӯи дигар нигоҳ доштанаш ҳам урода, қудрат ва мардонагӣ мехоҳад.**

Н.Т. Дар бораи Ҳабибулло Абдураззоқов барин шахсиятҳо даҳҳо китоб нависед ҳам, кам аст. Имкон медоштам, дар бораи инсонҳои фарзонаи ин миллат – аз ҷумла, устод М.Осимӣ, С.Улуғзода, дӯстонам Бозор Собир ва Гулрухсор, Акбар Турсун ва академик Собит Неъматуллеву Барзу Абдураззоқов китоб ме-

навиштам.

**– Қаҳрамонҳои ҳикояву новеллаҳои Шумо (албатта, як теъдод) бонувонанд. Дар намоишномаҳоятон низ иштироки занон камранг нест. Ҳатман дар зиндагӣ ҳам бо бонувони синну сол ва касбу корашон гуногун ҳамкорӣ доштед ва ин ҷо суоле матраҳ мешавад, ки занон оё дар садоқат, дар ҳифзу ҳимояти дӯстӣ бо мардон сабқат карда метавонанд? Фармудаи зерини устод Лоиқ чӣ қадар ҳақиқат дорад?**

***Занон яксар ниқоб аз рӯ гирифтанд,***
***Чӣ номардон, ки дар зери ниқобанд?***

Н.Т. Орифе фармуда, ки зан на танҳо офарида, балки худ офаридгор аст. Аммо магар ҳамаи офаридаҳо офаридгорро ва оё ҳамаи мардон занонро мефаҳманд? Албатта, на. Яке аз машҳуртарин муноқишаи адабиёт сари зулфи ёр овеза мебошад – дирӯз, ҳам – имрӯз ва бурд аз он нависандааст, ки табиати занро метавонад бо тамоми назокату латофат ва печутоби нозу хаёлаш тасвир кунад. Фаронсавиҳо беҳуда нагуфтаанд: агар зан ҳақ набошад, аз вай узр бипурс.

**– Рисолаи муфассал ва мусавварро роҷеъ ба зиндагӣ ва фаъолияти сиёсиву иҷтимойи бону Гулҷаҳон Бобосодиқова навиштед. Дуруст аст, ки номбурда дар хонаводаи шахсияти маъруфи Тоҷикистон –Бобо Содиқов ба камол расид ва зинаҳои баланди роҳбариро паймуд. Аммо теъдоде аз рӯзноманигорон ва адибон ба бону Гулҷаҳон назари неке надоранд. Чӣ тазоди фикрие миёни Шумову ҳамқаламонамон дар ин бора пеш омад?**

Н.Т. Бале, ман Бобосодиқова – он зани заковатмандро, чун устод эҳтиром мекунам, зеро дар пешрафту такмил ёфтани малакаи кори давлатию маърифатӣ аз он кас ёрии бедареғ дидаам. Маҳз бо дастгирии ҳамаҷонибаи ӯ солҳои 1985-86 ҳам дар саҳнаи Театри академии драмаи ба номи А.Лоҳутӣ дар Душанбе ва ҳам Театри академии ба номи Мулло Нафаси Ашқобод асари «Дар чорсӯ», ки ба дурӯягии баъзе коммунистони давр бахшида шуда буд, рӯи саҳнаро дид. Албатта, Гулчаҳон Бобоевна, чун ҳар як инсон дар кори худ ба камбудӣ роҳ медод. Аммо ба фикри ман, пас аз хомӯш гаштани оташе чун оташи ҷанги шаҳрвандӣ, ба хотири таскини дили як вақтҳо ранҷида, имрӯз ҷониби як зани солхӯрда (аммо ҳоло ҳам ғаюр ва сарбаланд) мушт гиреҳ кардан кори ҷавонмардона нест. Шайх Аттор беҳуда нафармуда:

Ҳар ки хашми худ фурӯ бурд, эй ҷавон, Бошад ӯ аз ростагорони ҷаҳон.

**– Дар намоишномаи «Чорсӯ» ҷаҳони ғамолуд, дилҳои реш ва умуман проблемаи зисту зиндагии пирони рӯзгор бисёр амиқ ва равшан ифода ёфтааст. Драмаи муваффақест «Чорсӯ». Аммо устод Абдулҳамид Самад дар муқаддимаи «Чархи гардон» аз осори дар даврони Истиқлол эҷод намудаатон: «Қисмат», «Тарс», «Паёми Зартушт», ва «Чархи гардон»-у «Маздак» тамҷид ба амал овардааст. Сарнавишти мубoризон ва фидоиёни миллат оё дар роман ва драмаҳоиояндаи Нур Табаров ба риштаи таҳқиқи бадеӣ кашида хоҳанд шуд?**

Н.Т. Аз хусуси баъзе нақшаҳо аллакай гуфтем, дар

хусуси омӯзиши забони модарӣ ва забони русӣ ҳам сӯҳбат кардем. Чӣ монд? Ҳа, дар бораи «манкуртизм» ва муносибати мо бо кишвари ҳамсоя. Дар ин хусус ман драмаи «Қисмат»-ро навишта будам, такя ба китоби академик Раҳим Масов «Табартақсим» ва ишораҳо ба ин нуктаҳо ҳаст. Таассуф, ки ҳамон андешаҳои «мабодо ҳамсоя хафа нашавад» имкон надоданд, ки ин асар рӯи саҳнаро бинад, зиёда аз он, баъд аз ду соли бурду овард, дар яке аз семинарҳои драматургҳо хонда мухокима гашт ва барои чоп дар «Садои шарқ» манзур шуду сипас ба маҷмӯа дохил шуд. Очерки таърихии «Дар даҳр буд ягона» (Бӯали Сино) низ ба ин мавзӯъ бахшида шудааст.

Аммо имрӯз агар «мантуркизм» камтар ба назар расад, чизи дигар маро ба ташвиш меорад: инкори ба истилоҳ ҳама чизи «бегона», аз ҷумла, баъзе жанрҳои эҷоди бадеии саҳнавӣ – балет, опера, мусиқии симфонӣ, тарзи либоспӯшии аврупоӣ ва ман-маниҳои ҳавобаландона гирди ориётабории хеш ва муқобилгузориҳои бемавриди забону фарҳанги миллат ба дигарон бо такя ба дидгоҳи баъзе маъвизаҳои ходимони тангназари динӣ, ки баровардани ҳукмҳои ҳайратангезро ба худ раво медонанд ва аз оҳанги сухангӯии ишон бӯи хушунат меояду бас, на меҳру сафои муҳаммадӣ. Фазои хуши бунёдкоронаву созандае, ки бо ҷаҳду талоши Роҳбари давлат ва дигар давлатмардони ҷумҳурӣ ва ғайрату ҳиммати тамоми халқи Тоҷикистон ҳукмрон аст, ниёз ба якдигарфаҳмӣ, ягонагӣ, дӯстиву рафоқат дорад, ки чун борони баҳорӣ сабабгори нашъу намои долу дарахтону майсазорон мегардад. Ин сарват бо қимати ҷонҳои ҷавони фарзандонамон ба даст омадааст ва онро ҳар яки мо бояд ҳифз намоем.

Ин гуфтаҳои он шоири ғариби Ватандор оё ба ҳар яки мо дахл надорад?

*Дубора созамат, Ватан,*
*Ба хишти ҷони хештан!*
*Сутун занам ба сақфи ту*
*Ба устухони хештан.*

*Сатили обу гил маро*
*Барои сохтори ту*
*Ду панҷа хуни дил маро*
*Барои рангу бори ту…*

**– Маҷмӯае аз рисолаҳои таърихии Шуморо таҳти унвони «Фарзона фарзандони ориёӣ» (нашриёти «Деваштич», 2008) рӯи даст дорам. Сатр ба сатр мутолиа мекунам ин китобро ва аз диричаи таърих чеҳраҳои сутургу мондагоре чун Зардушту Спитамен, Куруши Кабир, Монӣ, Маздаки Бомдоду Абӯмуслими Хуросонӣ лабханд мезананд сӯи хонанда. Рӯҳи ин муҷассамаҳои бузурги шуҷоат ва мардонагӣ дуруд мефиристанд ба соҳибқаламе, ки номи бузургони миллаташро дар ҳадди тавони хеш бо муҳаббати фарзандӣ зинда медорад, ҳушдор медиҳад ба ҳамзамонон ва таъкид мекунанд ба ояндагон: Ҳой, эй Фирдавсӣ! Посбонони фарҳанги ин марзу бум зиндаанд то абад ва ғофил мабош, ки чашми хасми бадсиришт дар камини мову ту аст ҳанӯз! Ва Шумо аз «Исёни Муқанаъ» қисса мехонед ба гӯши мо; Рӯдакиро дар Бухоро дубора ба маснади шоҳаншоҳии шоирон менишонед ва шоири шӯридаро дар рӯбарӯи Исмоили Сомонии Кабир қарор медиҳед... Рисолаи Нур Табаров, ниҳоят бо достони «Темурмалик-сарвари рӯинтани Хуҷанд» поён мепазирад.**

**Инак, пурсише пеш меояд, ки таҳрикгари қалами**

**Шумо дар масъалаи рӯй овардан ба осорхонаи таърихи фарзона фарзанди ориёӣ кадом неруе буда? Ва андешаи Шуморо перомуни фаъолияти як даста аз нависандагон ва драматургони муосири тоҷик, ки бо «ҳарбу зарб» намоишномаву романҳои таърихӣ менависанд ва навиштаҷоташонро чобукона рӯи саҳна меоваранд, мехоҳам бидонам.**

Н.Т. Дар бораи силсилаи очеркҳои таърихӣ бо номи «Фарзона фарзандони ориёӣ». Ташаббускори ин силсила-гуфторҳо Абдуқодир Абдуқаҳҳор – як шахсияти фаҳехтаи фарҳанги мост, ки бахши радиои ҷумҳуриро сарварӣ мекунад. Чанд сол пеш ӯ аз ман хоҳиш кард, ки якчанд очерк дар бораи шахсиятҳои бузурги тоҷику эронитабори дар таърих номҳояшон сабт гашта, мавод омода созам, худи ӯ чун ровӣ соатҳои муайян мехонад. Чӣ бояд кард? Аввал розигӣ додам, пасон ба андеша рафтам – суханҳои гуфта ба тавсифи ишон зиёданд, боз чӣ метавон гуфт? Эврика! Ёфтам! Аввал тасаввуроти худро дар хусуси ин симоҳо ба қалам меорам ва чӣ нақш доштани онҳоро ҳам дар рӯзгори ман ва дигар ҳамватанон кӯшиш мекунам рӯи коғаз биорам. Чи кайфияти нотакрор дорад сафарҳо ба умқи таърихи ҳазорсолаи мардуми эронитабор! Қадре тахайюл даркор, то дар заминаи факту арқоми таърихӣ тавонӣ он муҳити фано гаштаро аз нав барқарор бубинӣ. Чунон ки як пири хирад гуфта буд, ҳадаф муайян гашт, суханҳо худ ба худ меоянд. Охирин очерк дар ин силсила дар бораи муаллими сонӣ (пас аз Арусту!) Шайхурраис Абӯалӣ Сино буд, ки сафар ба Ватанаш-деҳаи Афшанаи наздикии Бухоро насибам шуда буд ва дарду аламе, ки аз «ишғоли» ин симои гаронмоя дар он ҷо эҳсос намудам, ҳанӯз таскин намеёбад, забон аз чунин

беадолатиҳои тақдиру таърих лол мегардад.

Аз ҳама пандҳое, ки дар бораи таърих гуфта шудаанд, ба назари ман ин ҳикмати андӯхтаи олими рус В.О.Ключевский басо орифона менамояд: «История не учительница, а надзирательница: она не воспитывает, а только наказывает», яъне «Таърих муаллим не, балки нозир аст: он тарбият намекунад, танҳо ҷазо медиҳад».

Дар кори ба ҷазоҳои пай дар ҳам мувоҷеҳ гаштани миллати мо, ба фикрам, айби фарҳангиҳо, ки қувваи пешбари ҷомеаанд, низ ҳаст. Мо бояд аз таърих на хокистар, балки машъалаи ақлу хирадро ба даст орем, то роҳи фардоро рӯшан карда тавонад. Иқболи Лоҳурӣ фармуда:

*Миллат ар ҷисм аст, шоир чашми ӯст,*
*Ҷисмро аз чашми бино обрӯст.*

Ҳар адиб ба мавзӯи таърихӣ бо нияти нек даст мезанад ва мехоҳад, ки асари оламшумул биофарад, вале орзу дигар асту имкони амалӣ гаштани он дигар. Дар ҳар сурат, ман ба онҳо комёбӣ мехоҳам, зеро ба сангин коре даст мезананд.

**– Шумо қабл бо гурӯҳе аз ҳунармандони тоҷик дар ҷашнвораи театри миллии Афғонистон ширкат доштед. Зимни мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи мӯътабари Кобул- «Анис» ба таърихи 11-октябри соли 2009 фармудед: «Театр яке аз ҳунарҳои мушкили саҳнавӣ аст, ки дар он бояд усули тамрин комилан мураоот гардад, яъне дар саҳна амалиёт, ишора ва ҳаракоту ҷаҳду ҷадал-ҳама ба эътибор гирифта шавад. Дар он сурат бозии хубе ба намоиш гузошта хоҳад шуд.»**

**Оё дуруст аст, ки дар ин ҷашнвора ғолиби майдон санъаткорони Тоҷикистон буданд?**

Н.Т. Оре, дар фестивали Кобул соли 2009 спектакли «Чашмони бародари қиёматӣ» чор ҷоиза гирифт: «Беҳтарин нависанда», «Беҳтарин коргардон», «Беҳтарин нақши мардона» ва «Беҳтарин намоиш». Дар Кобул чунин одате ҷорист, ки пас аз ҳар як сухани хубу ҳаракати ҷаззоб тамошочиён кафкӯбӣ мекунанд. Мо пеш аз оғози намоиш таъкид кардем, ки каф накӯбед, то ҳунарпешаҳо аз маҷрои спектакл берун наафтанд. Ду саҳнаи аввал тоқат карданд, вале дар саҳнаи сеюм чанд ҷавонмард аз ҷой бархоста нидо бароварданд: «Зинда бод, Тоҷикистон!» Ин нидо олитарин баҳо буд барои мо.

**– Чандин сол ба ин тараф Шумо сарварии Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон бо Афғонистонро ба ӯҳда доред. Бо ҳайатҳои расмӣ, шояд ғайрирасмӣ ҳам, ба Кобул ва дигаре аз шаҳрҳои Афғонисон борҳо сафар кардед. Воқиан, Афғонистон, ки порае аз вуҷуди мо ва хиттае аз Хуросони бузурги мост, дӯстдоштанист? Шумо имрӯзи мамлу аз тазодҳо ва оганда аз романтизми шигифтангези ин ҳамсояи азизи моро чӣ гуна дидед ва ҳамчун донишмандони сиёсатмадор ояндаи Афғонистонро чӣ тавр арзёбӣ мекунед?**

Н.Т. Оре, бештар аз бист сол ин як вазифаи ҷамъиятиро боифтихор бар дӯш доштам ва порсол ба яке аз олимони хуби афғоншинос- Савлатшоҳ Мерганов супурдам. Аҷобати кор дар ҷаласаи охирини раёсатии ман ва оғози кори Савлатшоҳ дар он буд, ки роҳбарони Ҷамъияти дӯстӣ аз ман на ҳисобот пурси-

данд ва на худашон дар хусуси кардаву нокардаҳои ман сухане нагуфтанд, на ҳарфи хуш, на ҳарфи бад. Кош чунин «қадршиносиро» онҳо набинанд. Аммо чунин муносибат ба дилгармии ман нисбат ба кишвари ҳамсоя ва халқи бародари он таъсир намерасонад ва Афғонистонро чун пештара ман гавҳари тамаддуни эронитаборон мешиносам ва ба ояндаи неки он эътиқодмандам. Бо сад ҳазор таассуф мегӯям, ки бо сабабҳои ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, дар ин кишвар ҳанӯз якдилии табаа нест. Аммо бубинед, дунё чи гуна тағйир мекунад-насли нави огаҳ аз рӯзгори навин, ки ба арзишҳои умумиинсонӣ қоим аст, чи хуруҷе кард-ҷавонмардона. Агар хунрезиҳои густурдаи бо фармоиши сарвари ҷоҳталаби Либиё Каддофиро дар қавс бигирем, инқилоби Тунис, Миср, Яману Баҳрайн комилан бе хунрезӣ (бо қурбонии андак) анҷом пазируфт. Аз афташ, давраи диктаторҳои якумра аз байн меравад ва халқҳо тақдири хешро ба даст мегиранд, бидуни дахолати бегонаҳо. Фикр мекунам, дар сурати қатъи дахолати аҷнабиҳо дар ин кишварҳо ояндаи босаодат ёр хоҳад буд. Аммо чунин байт низ байни мову аҳонҳо басо машҳур аст:

*Оташ ба ду дасти хеш бар хирмани хеш,*
*Ман худ задаам, нанолам аз душмани хеш.*

Муносибатҳои хубу ҳасанаи байни Тоҷикистону Афғонистон басо густурдаанд, то ба дараҷае, ки ҳар ҷо ки мо наравем, ҳамагӣ ёд аз талошҳои сарвари мо Эмомалӣ Раҳмон ва кӯшишҳои ӯ барои ҳалли сулҳомези қазияи кишвар мекунанд. Навбат акнун аз мо-фарҳангиҳост. Аҳмадшоҳи Масъуд имрӯз ҳам тобноктарин чеҳраи сиёсӣ, қаҳрамони миллии Афғонистон аст. Хуб мешуд, агар ходимони кинои ду

кишвар дар бораи корнамоиҳои ин шери майдон филми бадеӣ меофариданд, ҳоло ки маводи зиёд дастрас аст. Бидуни шак, ӯ қаҳрамони миллии мо низ ҳаст, мисли Абумуслим ва Муқаннаъ, Темурмалику Восеъ.

**– Шумо ба ақидаи банда розӣ ҳастед, ки мегӯям: Афғонистони таърихӣ мисли Бухорову Самарқанди бостонӣ Тоҷикистони кабири мост! Дуруст аст, ки сарватҳои табиӣ дар ин кишвар даст нахӯрдаанд ва талоши абарқудратҳои дадманише чун Инглистон, Шӯравии собиқ ва акнун Амрико танҳо ба хотири дастёбӣ ба манбаъҳои кӯҳу замини ганҷхези онанд. Аммо манбаъҳои илмиву таърихӣ ва мероси пурғановати фарҳангие, ки дар Афгонистон ҳаст, ҳазорҳо бор афзунтар аз конҳои зумурраду алмос ва чоҳҳои нафту газанд. Кофист, ки лаҳзае ба муроқиба биравем ва ёде аз Балху Бодғису Ҳирот бинамоем ва гӯш ба набзи таърих ва фарёди замоне бар фалакпечидаи ҳазрати Ҷомӣ бидиҳем, ки дар хитоб ба шогирдаш Мир Алишери Навоӣ гуфта буд:**

***Ӯ турк буду ман тоҷик,***
***Ҳарду доштем хешии наздик.***

**Оё вақти он нарасидааст, ки донишмандони тоҷикистонӣ бидуни дархости раводид ва он ҳам бо амри дил саре ба конунҳои фарҳангии ин кишвари ҳамзабон бизананд ва рӯй ба пажуҳишҳои жарфу густардаи илмӣ биоваранд? Корномаи шери жаёни Панҷшер – тоҷики гарданкашу лашкаркашикан» (таъбир аз Амир Хусрави Деҳлавист!) ҷаҳониёнро дар қарни бист ба ҳайрат овард. Мо, тоҷикон ба поси ҳама**

**қаҳрамониҳои Масъуд чӣ хидмате ба ӯ кардем? Фикр мекунам, Шумо, устод Нурмуҳаммад, ҳини рафтуомад ба Афғонистон, хусусан ҳангоми убур аз болои пули дӯстие, ки дар рӯи Омуи ором, вале асрорангез дароз кашидааст, борҳо ба умқи масоили зикршуда сар фурӯ бурдаед? Зеро Шумо ва андешамандони ҳамтои Шумо, ончунон ки Рӯдакӣ гуфтааст, ин ҷаҳонро боястӣ бо чашми хирад бубинанд...**

Н.Т. Ба мавқеи Шумо комилан мувофиқам.

**– Сӯҳбати мо то ҳудуде ҷанбаи сиёсӣ ва илмӣ гирифт, як миқдор ғамангез ҳам шуд. Талхии онро чӣ метавонад, ки бо ҳадиси ишқ андаке ширинтар кунем. Зеро сарчашмаи ҳама шодиҳо ва қуввате, ки инсонро дар ғамкадаи замона зинда медорад, ишқ аст. Ва суоли навбатӣ ин аст, ки ишқ чист ва ошиқ кист? Чаро Ҳилолӣ гуфтааст, ки:**

***Гӯё ҳама ғамҳои ҷаҳон дар як ҷо***
***Ҷамъ омада буд, ишқ номаш карданд.***

**Кадом ишқ мояи ғам аст ва кадоме манбаи нишот? Ишқи ирфониву самовотиро ситоему тараннум кунем ё ишқи заминиро, ки ағлаб шоирону орифони мо дар миёни ин ду дарё, ба қавли ҳазрати Бедил, тахтабанд гаштаанд. Чаро Мавлоно гуфта:**

***Заминро баҳра бахшиданд аз ишқ,***
***Надоданд ин шарофат осмонро?***

Н.Т.Ишқ чист? Ошиқ кист? Аҷаб саволҳое... Синну сол ҳар қадар болотар равад, одам барои шарҳи дақиқи маънии сухан ба луғату фарҳанг муроҷиат мекардааст. Агар 15-20 сол пеш чунин савол медодед, беибо зуд ҷавоб мегардондам, вале акнун бе кӯмаки

қомусҳо намешавад. Вале пештар аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» китобчаи Фридрих Нитсше «Антихрист» ба дастам мехӯрад ва дар саҳифаи 55 мехонам:

– Любовь есть такое состояние, когда человек по большей части видит вещи не такими, каковы они есть. Здесь господствует сила иллюзии, одновременно преображающая и услаждающая. При любви можно перенести больше, можно вытерпеть все...

Яъне ишқ ё муҳаббат чунин ҳолатеро мефаҳмонад, ки инсони гирифтор бар он ашёву ҷисмҳоро ба таври дигар мебинад, на ба тарзи воқеӣ. Ҳокими чунин одамон бештар хаёлу тасаввурот мебошад, ки дар як дам ба онҳо тағйироти равонӣ ва низ кайфияти хоса мебахшад. Ошиқ метавонад бори сангини ба дӯш омадаро, ҳама гуна нокомиҳоро пушти сар кунад...

Оё дар дурустии гуфтаи ин олими равоншинос, шоиру файласуф ва оҳангсози моҳир, ки офарандаи симои супермен буд ва ҳам муаллифи «Зардушт чӣ мегӯяд», касе ҳаст шак оварад?

«Любовь, интимное и глубокое чувство, устремленности на другую личность, человеческую общность или идею, – мехонам дар саҳфаи 743 «Фарҳанги энсиклопедӣ», яъне гап дар бораи ҳиссиёти маҳрамона ва амиқ меравад, ки миёни ду нафар ё як одам нисбат ба ҷамъият ё идеяҳо пайдо мешавад.

Ниҳоят мерасем ба тафсири «ишқ» дар «Фарҳанг»: «ишқ» – ҳисси дилбастагӣ ва аз ҳад зиёд ба чизе ё ба касе, муҳаббат, шефтагӣ.

*Эй, бародар, ишқ савдое хуш аст,*
*Дӯзах андар ошиқӣ ҷое хуш аст.* (*Анварӣ*)

Дар хусуси ишқи маҷозӣ ё тасаввуфӣ, ишқи илоҳӣ

низ чанд ҳарфе ҳаст. Оё ман ё Шумо, ё нафари дигаре метавонем аз ин боб ҳарфи тоза бигӯем? Гумон аст. Фасли ишқ ҳам ҷавонист, ки кайҳо дай шуд ва имрӯз бо суолҳои сангин маро мулзам накунед, илтимос, мулло Мирзо. На ишқдонам, на ишқбоз, балки ишқоинам, ҳамин кофист, зеро ҳар коре, ки бидуни меҳр ба сомон мерасад, ба гуфти Л.Толстой, бесомон хоҳад буд. Ҳама гуна ишқ метавонад мояи ғам бошад ва ҳам нишот. Ин дарахт ду навъ мева ба бор меорад – талху ширин. Надидаам одамеро, ки аз чӣ будани ишқ комилан огоҳӣ надошта бошад, ҳар ки ақлу дил дорад, боре огоҳ ё ноогоҳ, ба доми ишқ уфтода.

**– Мешиносед инсонҳоеро, ки парвардаи ишқанд?**

Н.Т. Мушкил аст ном бурдани шоире, ки ба васфи ишқ байте нахонда бошад. Ман шоир нестам, дӯстдори назмам, назми саршор аз ҳиссу андеша. Ҳамин ҳоло Темур Зулфиқор аз Маскав занг зада гуфт: Нур, он чизе, ки ту тарҷума кардӣ ва дар радиои ҷумҳурӣ садо дод, яъне «Як рӯз аз кӯдакии Муҳаммад Пайғамбар (с)» дар озмуни умумироссиягӣ ғолиб баромад. Туро табрик мегӯям, ин моли ту ҳам ҳаст!

Чунин як инсони наҷиб ва шоири заҳматкаш аст Темур, хоксору заминист ӯ. Аз ҳавои даҳани баъзе адибон ба онҳо наздик шудан маҳол бошад, Темур мисли гулхани оташ рӯзи зимистон инсонро ҷониби худ мекашад, қаҳрамонҳояш низ зодаи ишқу муҳаббатанд, адолатҷӯ, инсондӯст... Ёдам меояд сӯҳбатҳо бо устодон Ҷ.Икромӣ, М.Раҳимӣ, Р.Ҷалил, А.Атобоев, М.Наҷмидинов, С.Улуғзода ва Мирзо

Турсунзода, Ш.Ҳусейнзода ва Ф.Ансорӣ, Ф.Муҳаммаддиев ва М.Осимӣ, Неъмати Озарм ва Оскуӣ, Ҳайдари Усмон ва Масҳур Ҷамол, Станислав Золотсев ва Жола Бадеъ, Иржи Бечка ва Ричард Фрай, Мурод Авазов ва Авазхон Кодар ва дигарон. Ҳар яки онҳо ситорае буданд ва ҳастанд дар осмони адабу фарҳанг, ҳама парвардаи ишқанд ба навъе...

**– Аз шоирони ошиқ осори кадомеро ҳаводоред? Ҳофиз? Саъдӣ? Есенин? Нодирпуру Фурӯғ? Лоиқ ё Бозор?**

Н.Т.Бодлер, Вийон, Хайём, Гулрухсору Фарзона ва Анна Ахматоваю Тютчев ҳам. Дар ин гулистон ҳар як гул рангу бӯи нотакрор дорад...

**– Шумо чӣ дуоеву дуруде ва чӣ гуфтание барои хонандагон ва мухлисон доред?**

Н.Т. Барои хонанда чӣ мехоҳам? Китобҳои нағзи бисёре, ки аз ҷумла, адибони мо навишта бошанд, барои дӯстони ҳамқалам аз забони устод Иқбол:

*Сад нолаи шабгире, сад субҳи балохезе,*
*Сад оҳи шараррезе-як шеъри диловезе!*

Вассалом.

*Душанбе,*
*Баҳманмоҳи соли 2011.*

# ВОЗМЕЗДИЕ

*(Рассказ)*

***НЕ ПРЕБЫВАЙ В НЕВЕДЕНЬИ:<br>В НЕБЕСАХ ТВОРЕЦ, ПРЕД НИМ<br>ЗАВТРА ОТВЕТ ДЕРЖАТЬ<br>ПРИДЕТСЯ ЗА ГРЕХИ ЗЕМНЫЕ!***

Когда юный Кадыр смотрел фильмы с участием военных, он искренне восхищался смелыми действиями людей в погонах, их бесстрашием в борьбе с нарушителями закона и спокойствия обычных граждан. Их общения наполняли грудь неописуемым чувством мужского благородства! Желание быть похожим на своих героев, с годами становилось всё сильнее и сильнее. По мере приближения выпускных экзаменов в средней школе, его отец, пожилой учитель, однажды поинтересовался дальнейшими планами сына:

– Ну, сынок, куда собираешься поступать? Какая профессия больше по душе?

– Я хочу стать военным: буду поступать в военное училище, – не задумываясь, ответил Кадыр.

– Знаю, что не шутишь, потому, скажу: выбор твой величествен! Быть защитником Отечества – слава, которую заслуживают преданностью любимой Родине! Будущее таких людей не может быть призрачным. Всем сердцем одобряю твой выбор, молодец!

– Мы с товарищем Каримом перечитали много книг о военном деле, знаем, что профессия не из лёгких, но наши желания оказались сильнее всех преград на этом пути. Вы со мной согласны, папа?

– Согласен, сынок, согласен! Я лишь хотел осведо-

миться о серьёзности твоего решения. Однако, как не редко бывает в жизни: наши желания не всегда надевают «одежду действительности».

В том году оба друга провалили вступительные экзамены и возвратились домой. Они дали слово, что хорошо подготовятся и обязательно поступят в военное училище в следующем году. И опять, сбыться благим мечтам было не суждено: подошло время службы в рядах Вооружённых Сил и друзья попали в воздушно-десантные войска.

Мудрое высказывание: «Тяжело в учении – легко в бою» справедливо, если действительность и желания защитников Отечества не противоречат друг другу. В нашем же случае душевный, патриотический настрой Кадыра и Карима был столь воодушевлённым, что в испытаниях крепчал их мужской дух, сопровождаемый военной дисциплиной. А потому, вскоре, боязнь прыжков с высоты 800-1000 метров сменилась радостью парения на безбрежной высоте!

...Сказочное волнение наполняет грудь, когда на землю смотришь с высоты птичьего полёта, когда люди, деревья, машины кажутся игрушечными... И, вдруг, небо, словно пытается испытать тебя на крепость, смекалистость, которые зиждятся на безупречные знания управления парашютом. Да, неожиданный сильный ветер должен бить в спину, а не по лицу. Ловко управляя стропами, Кадыр уворачивается от встречного ветра и подставляет ему спину. На манёвры ушло драгоценное время, земля уже рядом... У парашютов тоже есть «тормоза», если парашютист знает на какую «педаль» ему нужно нажимать. Кадыр это знал и, вскоре, мягко приземлился. Он посмотрел на небо и лёгкой дрожью по телу осознал всю опас-

ность и последствия, если у него не было бы навыков управления полётом.

Время шло. Образцовая служба Кадыра и Карима являлась примером для многих сослуживцев... но, в один из дней друзей посетила тревожная новость: их часть дислоцируют в Афганистан, для оказания интернациональной помощи молодой демократической Республике.

Между тем, два друга, два бойца проходя службу в разведке, своими умелыми действиями на учениях заслужили двухнедельный отпуск домой. По возвращению из Таджикистана их ожидал необычный «сюрприз»: разведка северных территорий Дараи Тавил на предмет обнаружения объектов противника.

... Тот солнечный, летний день был обычным по своему предназначению, но по содержательности оказался весьма насыщенным. Огромные валуны, щебневые откосы, подъёмы и спуски, движения вдоль реки, всё это, не могло не напоминать родное Рамитское или Варзобское ущелья. С обеих сторон реки возвышались горы, усеянные могучими камнями. Неожиданно до слуха донеслось пение куропатки: какра-какра-какра... Кадыр, заслышав до боли родные голоса, улыбнулся и посмотрел на товарища:

– Птицы зовут друг друга на водопой, может и нам следует передохнуть, подкрепиться?

Недолго думая, друзья облокотили автоматы на откос скалы, достали из походных мешков тушёнку, подсохший хлеб и приступили к трапезе. Они не знали, да и не могли знать о том, какие неожиданности преподнесёт им судьба в скором будущем.

После приятных обеденных минут, Карим облегчённо выдохнул и обратился к другу:

– Вот бы сейчас выкурить сигаретку, и в сумме, всё – явилось бы вершиной божественного блаженства!

Поэтическое предложение свежим ветерком прошлось по душе Кадыра:

– Лучше – чилим: затянулись бы по разу, и улетели за облака...

Карим: – Может опиум? Хотя, нет! Мы на важном задании, опасно.

Кадыр: – Не преувеличивай – в этих горах нас вряд ли обнаружат. Доставай, покемарим!

Одним словом, два товарища, потеряв бдительность, затуманивают ум, который был так необходим в их нелёгком задании. Неожиданно до их слуха доходят голоса животных: коз и баранов. Неадекватные солдаты, всё же, догадываются собрать вещи и забежать за огромный камень. Через мгновение они видят девушку с марлевым платком поверх чёрных волос, погоняющую стадо к реке на водопой. Позади стада, издавая звучные крики, идёт мужчина.

– Девушка не одна, – тихо проговорил Карим, – возможно мужчина её брат или отец.

Кадыр, в знак согласия, покачал головой:

– Они не должны нас видеть.

В это время девушка подошла к месту, где недавно обедали два советских солдата, постояла немного, затем наклонилась и подняла пустую банку из-под тушёнки.

– Папа, папа, здесь были чужие люди! – с этими словами она побежала в сторону мужчины.

В ответ на девичьи возгласы, из-за скалы показалась фигура мужчины средних лет, всем своим грозным видом показывая, что он есть, и что в любую минуту может стать на ее защиту. Его орлиный взгляд прошёлся по скальной местности и, неожиданно, остановился на двух бесхозных автоматах и брошенных пилотках с красными звёздочками:

– Шурави, здесь шурави! Бежим, доченька, бежим! Пастух быстро взял девушку за руку и устремился к реке, в надежде перейти на другую сторону и скрыться в зарослях. Вдруг раздался одиночный выстрел, после которого мужчина на мгновение замер, затем, как бы бережно отпустил руку дочери, и мертвецки упал вниз лицом в неглубокую реку.

– Отец, что с вами, отец?! – девчонка судорожно попыталась вытащить тело на сушу, но её тоненькие ручки, ощутив своё бессилие, вскоре, упали, как срубленные ветки молоденькой яблони. Она опустилась на колени перед бездыханным родителем и горько заплакала.

– Будьте вы прокляты, шурави! Почему убили моего отца: он ведь не сделал вам ничего плохого?!

– Девушку не убивай! – промямлил, обкуренный Кадыр.

Карим в недоумении посмотрел на приятеля:

– Почему – она же может нас сдать?

– Карим, ты умный парень, но порою бываешь таким недогадливым!

– Я тебя не понимаю?

– Гашиш притупил твою проницательность, брат! Иди, отгони стадо и смирно дожидайся своей очереди, потому что вначале, красотка будет моей.

Кадыр, под воздействием наркотической дозы, пошатываясь, пошёл в сторону своей жертвы. Карим крикнул вслед:

– Не делай этого: она же невинна... Послушай, девочка очень похожа на мою сестрёнку...

Кадыр не растерялся с ответом:

– Вот и хорошо – буду тебе зятем!

После недолгих сопротивлений девушки, Кадыр достиг желаемого и принялся неуклюже одеваться. Неожиданно его взгляд упал на алый ручеёк, который, как будто, спешил слиться с речкой, чтобы утопиться в ней, смыть позор!

– Карим, давай сюда, твоя очередь! – окликнул товарища Кадыр.

– Нет, – крикнул Карим,  но затем, приглушив голос, добавил, – давай, собирайся, нам нужно выполнить задание!

Стоял ноябрь 1993 года... Группа таджикских беженцев, которые покинули родные места из-за братоубийственной войны, после долгих, мученических скитаний, остановилась в местности, очень похожей на Варзобское или Рамитское ущелья. Отдышавшись, люди стали искать в толпе своих родных и близких. Среди них особняком держалась фигура мужчины лет тридцати. С опушенной головой, он прохаживался вдоль речки, которая, по-видимому, была ему очень знакома. Казалось, что некие неприятные воспоминания тревожат душу этого человека. Да, это был тот самый Кадыр: бывший воин Страны Советов. Так получилось, что судьба вновь привела его на место, где когда-то им было совершено тяжкое преступление. Кадыр не мог понять: радоваться ему или огорчаться? Радоваться, потому что сумел избежать смерти на Родине; огорчаться, потому что знакомое место больше напоминало ему разрытое кладбище. Конечно же, он не был глуп, потому рассуждал: «Воистину неисповедимы,  пути Всевышнего! Погляди-ка: земля, на которой убивал, насиловал, взрывал, словом совершал бесчеловечные действия, сегодня приютила меня, оберегая от гибели, давая кров и пищу!»

«Насильник!» Именно это слово, точно молния сверкнула в сознании Кадыра, и оживило тот ясный, летний день, в котором был убит не солдат, а обычный пастух, и изнасилована несовершеннолетняя дочь убиенного! Из глаз Кадыра потекли поздние слёзы, как когда-то потекла по реке кровь пастуха, как когда-то, ручейком, потекла кровь невинной девушки...

То, что тот молодой Кадыр оказался насильником по воле случая, никак не может оправдать его действия, и успокаивать себя данным обстоятельством – значит оправдать мерзкий проступок! Если бы тогда он попал в руки афганцев, они бы без суда и следствия четвертовали его, или забили камнями. Постойте-ка: если его грех, пройдя сквозь время, только усиливает душевную боль, значит, он не может быть прощён?!

Сидя у реки (на месте своего преступления), и объятый чёрными мыслями, Кадыр не заметил, как группа беженцев собрала вещи и продолжила путь вглубь афганской территории. Вдруг до его слуха донеслись блеянье животных и звучные мужские крики: словно пастух погонял стадо. Кадыр побледнел от страха, и хотел было броситься к камню, за которым однажды уже прятался, но ноги отказались слушаться: они словно вросли в землю! «Ну, вот и всё – час возмездия наступил...» – пропустил через трусливое сердце Кадыр, и чуть было не потерял сознание.

– Приветствую тебя, добрый человек! Как дела твои, брат? – широко улыбаясь, проговорил молодой пастух с белой чалмой на голове. – Вставай, догоняй соотечественников: они уже на достаточном расстоянии!

Кадыр, словно ужаленный, подпрыгнул с места, вежливо откланялся и побежал в направлении, который указал ему добродушный афганец.

Беженцев приютили в городке со сказочным названьем село «Яблочко», хотя в округе не наблюдалось ни одного, даже сухого, деревца. Кадыру были хорошо знакомы эти места. Он знал, что в двух километрах от этой пустоши есть поселение «Яблоня» со своим небольшим базаром, чайханой, мелкими торговыми точками и, даже, двухэтажной гостиницей под названием «Хутали Аброр» на 20-30 коек. Кадыра включили в группу из 12 человек и предоставили им две просторные комнаты. Вежливо обеспечили их первоначальной помощью в виде двух мешков муки, риса и масла. Так же им были выданы два казана, два ведра, тарелки, ложки, кружки, матрасы и одеяла. Это была помощь, оказанная Красным Крестом на первых порах пребывания беженцев на чужбине. Нужно отметить, что в этом здании так же размещалась поликлиника, организованная Красным Крестом, у дверей которой было всегда многолюдно.

Так, или иначе, время шло, и люди из Вахшской долины, понемногу, стали привыкать к нелёгкой жизни беженцев. Днями на печальные лица соотечественников ложилась чёрная тень безмолвия, однако, с наступлением темноты из-за плача, стонов и криков во время сна Кадыр не имел возможности даже вздремнуть. По этой причине он почти не спал и, вскоре, приобрёл болезнь, которая называлась бессонницей.

Хотя рядом с ним были его близкие: старая мать, младшие брат и сестра, Кадыр чувствовал себя очень одиноким.

Ещё будучи на Родине жену и двоих детей, от греха подальше, он отправил в Гарм, сам же, с оставшимися домочадцами: отцом, матерью, младшими братом и сестрой остался в Пянджском районе. Отца застрелили, и если бы Кадыр в это время не находился в городе, сейчас и над его могилой росли бы дикие цветы.

Тысячи благодарностей Всевышнему, который сжалился над ним и его семьёй: все живы и здоровы, слава Богу, не голодают! Вот, завтра, он отправится на базар, познакомится там с торговцами, предложит им свои услуги... Словом, начнёт трудиться, чтобы его близкие ни в чём не нуждались. Как говорят: «Человек жив надеждой, а сатана – «одеждой»!»

На следующий день Кадыр до полудня бродил по территорию рынка, расспрашивал хозяев мастерских на предмет оказания им услуг, пусть даже за еду, однако всюду слышал только отрицательный ответ. Обессиленный голодом, он забрёл на ту часть базара, где готовили шашлыки, кебабы и другие божественные кушанья, запах которых дурманил разум и наполнял рот горьким желудочным соком: «Подходи, дорогой гость: кебаб из говядины или баранины – что предпочитаете?» Кадыр только и делал, что глотал слюни, и по этой простой причине говорить что-либо у него не получалось. С большим трудом оттащив своё голодное тело из райского уголка, он направился к началу рынка, где торговали мясом. Хозяин ларька, молодой человек с красивыми усами, сидел на коврике и разливал чай. Увидев Кадыра, он быстро вскочил на ноги, словно встретил близкого человека:

– Дорогой пянджский брат! Проходи, садись, отдохни, выпей чаю! Вижу, что устал, вижу...

Последние слова афганского торговца живительным бальзамом легли на измученное сердце Кадыра: он сел на корточки и отпил глоток ароматного напитка. Сытый торговец не хотел молчать:

– Что-то не нравится мне цвет твоего лица: ты случайно не болен? Твой дом в Таджикистане, рядом с рекой Пяндж?

– Да, – ответил Кадыр. – Жил я с пожилой матерью, женой и двумя детьми... Всё своё богатство мы оставили там, когда бежали. Мне сейчас тяжело, вы понимаете?..

– Конечно же, я понимаю тебя. Чем могу помочь: ведь ты за этим пришёл? Говори!

– Ищу работу, брат: мне бы заняться чем – нибудь...

Афганец посмотрел на собеседника глазами полными сожаления и боли, затем заставил себя улыбнуться и по-дружески похлопал Кадыра по плечу:

– Не расстраивайся, брат: сейчас мы с тобой поедим чего-нибудь, а там видно будет...

Сказав это, он повернулся в сторону подсобного помещения, прикрытого диковинной материей:

– Джамиля, выйди на минутку, скорее!

Через секунду показалась фигура высокой, стройной молодой женщины в национальном одеянии. Увидев незнакомца, она изобразила свою стеснительность, спросила:

– Чего желаете, дядюшка?

– Ступай в ларёк Нозима, возьми четыре лепёшки, а у Фарида – тарелку бараньего кебаба. Наш гость – беженец из Таджикистана... Ну, иди, родная, иди...

– Сию минуту, дядюшка!

Сказав это, женщина поймала взгляд родственника и глазами указала на дверь подсобного помещения.

Воодушевлённый тем, что вскоре он будет по-настоящему есть, и не что попало, а настоящий бараний кебаб, Кадыр жадно отхлёбывал горячий чай из алюминиевой кружки.

Дядя Джамили: – Что случилось?!

Джамиля: – Это – тот самый солдат шурави – я узнала его! (девушка плачет)

Дядя Джамили: – Какой солдат, о чём ты?

Джамиля: – Он один из тех, кто убил моего отца, и... (девушка снова обливается слезами)

Дядя Джамили: – Неужели?! Ты не обозналась? Посмотри на него: этот бедняга совсем не похож на...

Джамиля: – Нет, нет, дядюшка, ей богу правду говорю! Зовут его Кадыр, и на правой стороне лица у него родимое пятно. Можете в этом убедиться!

Дядя Джамили: – Имени его не спрашивал, но родинку на правой щеке заметил...

Джамиля: – Их было двое. Тот, второй, которого звали Карим, просил не брать грех на душу, но одурманенный негодяй не послушал его.

Дядя Джамили: О, Аллах! Если это он, я незамедлительно отсеку ему голову!

Джамиля: – Нет, дядюшка, нужно оповестить вначале наших родных.

Дядя Джамили: (придя в ярость) – Хорошо, иди, найди Фармона, а я пока задержу подонка!

На следующее утро родственники Джамили под руку привели Кадыра в лагерь беженцев и швырнули к ногам его старой матери. На глазах у него была окровавленная белая повязка. Солдат Шурави Кадыр

Курбанов, за совершённые злодеяния, был ослеплён. Он больше никогда не увидит свою мать, жену, двух маленьких детишек, брата и сестру...

Бог на сей раз не отсрочил наказание за совершённый грех!

*Перевод с таджикского*
*Музаффара Хайдарова*

# ИСЁНИ АЙНӢ

*Драмаи таърихӣ*

## Иштироккунандагон

И.В.Сталин
С.Айнӣ
А.Лоҳутӣ
И.Брагинский
А.Фитрат
Салоҳатбегим
Камол Айнӣ
Расул Ҳодизода
Раҳим Ҳошим
Худойназар Асозода
Почтачӣ
Қӯшбегӣ
Сардор
Посбонҳо
Хор
Қаландарҳо
Муллобачаҳо
Ҷадидҳо
Мусиқачиҳо

Ҳодисаҳо дар охирҳои асри Х1Х ва аввли асри ХХ дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Душанбеву Токанд ва Маскави Русия рух медиҳанд.

## Саҳнаи якум.  Пролог ва саҳнаи якум

## Омодагӣ ба намоиши шукрона

Саҳна кушода мешавад ва мо зери навои мусиқӣ шояд классикӣ, ё халқӣ (садои якмароми най ё тутак) ба тадриҷ аз паси қуллаҳои сарсафеди осмонбӯс тулӯи офтобро мебинем, ки оҳиста-оҳиста бо нурпошии худ гирду атрофро мунаввар месозад. Тамошобин гӯё аз боло, мисле, ки дар тайёра нишаста бошад, аввал қуллаҳои кӯҳсорон, пасон поинтар, ҳамсафари дарёчаҳои шӯх – фарзандони пиряххо гашта, фуруд меояд ва ба уқобҳои дар фазо дар парвоз буда, баъд ба нахчирҳо, мурғу чурғу ҳайвоноти ин водӣ омехта мешавад. Инро, албатта, бо навори кино метавон нишон дод, яъне тулӯи офтоби кишварро, ки аз фаро расидани як рӯзи нав дарак медиҳад.

Аммо ин рӯзи худо ҳам бе зиддият нест... Ба тадриҷ абрҳои сафед ранги тира ба худ мегиранд ва водию гӯшаҳои одамнишинро зери қаноти хеш панаҳ мекунанд. Дар Регистони Бухоро одамони гуногунлибос, ба даст хитобаҳо гирд меоянд. Дар дасти яке сурати С.Айнӣ, дар даҳонаш шиорҳо ба дифои ӯ – «Айнӣ – маорифпарвар», «Айнӣ – шоири халқ», «Айнӣ – ҷонибдори мактаби нав».

Баробари ин аз дигар сӯ шиорҳое ба гӯш мерасад ва низ болои сари одамон ба чашм мехӯранд, аз қабили «Айнӣ – ҷудоиандоз», «Айнӣ – тарсу»! «Айнӣ – хоин»! ва ғайра. Маълум мешавад, ки аксари ин ҷамъомадагон ҷадиданд ва барои гузаронидани намоиши шукронаи барои истилоҳоти ваъда кардаи амир ба майдон омадаанд.

Дар байни хитобаҳо ҳастанд нидоҳое ба васфи

амир, аз қабили «Зинда бод амири раиятпарвар!», «Амир – адолатпаноҳ!»

Ин дам Фитрат бо наздиконаш пайдо шуда, бозори тарғиботро гармтар мекунад. Мо Айниро низ мебинем, ки қафотар, гӯё, паси парда истода ҳамаи ин баҳсу талошро назора мекунад, вале чун бабр ба ҳамла омода мешавад.

Лаҳзае баъд мо манзараи ба баҳсу талош гаравиданы ӯро мебинем.

Айнӣ. (Дар мобайни издиҳом истода) Эй ҷавонони тараққихоҳ! Чашм кушоед! Ин ҳама як ҳангома аст, фиреб аст, найранг! Магар пай намебаред, ки баробари дастаи мусиқачиёни дарбор ба майдон даста-даста ҷӯби тар мебаранд, аскарҳои амир туфангҳошонро равған молида ба тирандозӣ омода месозанд? Ин намоиш метавонад баҳонае шавад барои хунрезӣ!

Фитрат. Дӯсти мо Айнӣ ҳамеша эҳтиёткор буданд ва мемонанд. Ҷои ваҳм нест, ҳоло вақти ваҳдату ягонагист, мо бояд якдилона хабари ислоҳотро дастгирӣ кунем.

Айнӣ. Моҳиятан фиреб бошад-чӣ? Чун дигар ваъдаҳои амир?

Фитрат. Он гоҳ мо низ лаҳни гуфторро дигар мекунем. Боке нест!

Айнӣ. Пеш аз он, ки мардумро ба сангарҳо кашед, як биандешед, оқибаташ чӣ хоҳад шуд!

Фитрат. Оқибаташ фаҳмост: мову амир ҳаргиз ба мусолиҳа намеоем!

Айнӣ. Ин тавр бошад, ошкоро ҷони ин ҷавононро ба хатар нагузоред! Мубориза шадид дар пеш аст!

Фитрат. Мо қарор қабул кардем ва дар намоиш бояд иштирок кунем!

Айнӣ. Агар чунин аст, саратону равғанатон! Ман зид!

Никоби 1. Биёед, табли шодӣ занем, ки инсофу адолат ғолиб омад.

Никоби 2. Минбаъд мулк обод, фуқаро озод аст.

Никоби 3. Минбаъд илм ривоҷ меёбад.

Никоби 4. Дар олам агар каси ба эҳтироми умум сазовор бошад, Амир Олимхон аст.

Никоби 1. Дар таърих агар фидокороне бошанд, ки дар роҳи беҳбудии халқ ҷон нисор кардаанд, ҷадидонанд!

Аз чор тараф садои мисгарон, ки то ҳол аломати шартиро ифод мекард, акнун гӯё табли шодӣ бошанд, баланд мешаванд. Бо вуҷуди ин, бетартибии зоҳирӣ, аз чор сӯ ҷадидон ба як гӯша ҷамъ меомаданд, ки байнашон мо Айниро низ мебинем – ҳанӯз ҷавони зоҳиран ороста, риши қайчизада, саллаи ғунчашудаи сафед дар сар дорад.

Айнӣ. (ба чаҳор сӯ чашм давонда) Ман ба намоиш розӣ нестам. Мутлақо!

Яке аз рафиқони ӯ. Сабаб?

Дигарон. Барои чӣ?

Нафаре (бо нармӣ). Фикратонро гӯед, домулло!

Айнӣ ки гӯё ҳамин оҳангро интизор буд, бо қатъият ҷавоб мегардонад.

Айнӣ. Сабаб мегӯед?! Сабаб аз шумо пӯшида нест... (баландтар) Равшан аст, ки намоиш ба аҳли иртиҷоъ дастак мешавад, ҳамаи онҳоро дар атрофи амир муттаҳид мекунад ва маълум, ки амалиёти минбаъдаи мо душвор хоҳад шуд. Зеро ҳам вазъ тағйир меёбад, ҳам намоишро баҳона карда, ҳукумат аксулҳаракат мехезонад. Фармонро барҳам дода, масъулияти иҷро шудани онро ба гардани намоишгарон бор мекунад. Аҷаб не, кор бо хунрезӣ анҷом ёбад.

Никоби 2. Тарсончак!

Ниқоби 3. Иғвогар!

Нафаре ба нармӣ. Рост мегӯяд!

Ғавғо баланд мешавад.

Ниқоби 4. Мусулмонон! Мо ислоҳот мехостем, амир дод. Мо табаддулот мехостем, амир дод. Ин Айнӣ боз чӣ мехоҳад, мо намедонем. Ӯ пеш ҳам бо мо ҳамфикрии комил надошт. Ин мударриси мӯҳтарам, ба гуфти худаш, савдоист ва гоҳо чӣ гуфтанашро худаш намефаҳмад. Мо ба намоиши шукрона бояд бароем, рӯзи саъид ҳамин рӯз аст. Зинда бод амири ръиятпарвар!

Садоҳо. Зинда бод! Поянда бод!

Ниҳоят ба майдон раиси Кумитаи Марказии созмони ҷадидон Абдурауфи Фитрат мебарояд.

Фитрат. Маълум шуд, ки аксар тарафдори намоишанд. Фикрҳои зид ҳам баён гардид, вале Кумитаи Марказӣ аз вазъи ҳол ғофил нест. Аҷаб не, аксулҳаракат хезад, иртиҷоъ авҷ гирад, аммо аз эҳтимол дур нест, ки намоиш натиҷаи дилхоҳ низ диҳад, яъне амир гузашт кунад. Дар ҳар ду ҳолат ҳам мо бурд мекунем: Агар амир намоишро қабул кунад, фикри нав ғолиб омад, яъне иртиҷоъ шикасти худро ба гардан мегирад. Хулоса ин аст. Мо бори дигар ба қатъияти муборизаи худ дигаронро бовар мекунонем. Дудилаҳо худро фош карда, сафҳои моро тарк мекунанд. Хунрезӣ шавад ҳам, аҷаб не, амир аз мо даст намешӯяд, мо аз амир.

Ниқоби 6. (ба забони русӣ) Да здравствует наш батьюшка – Царь! Друзья, азиаты! Те, кто у нас и у вас замышляют невозможные перевороты или молоды и незнают наших народов, или уж они сами люди жестокосердные, коим чужая головушка полушка, да и своя шейка копейка! Так говорил великий Пушкин,

внук Арапа Ганнибала!.

Мардум ба кӣ будани сухангӯ сарфаҳм нарафта, Ниқоби 6 ғайб мезанад. Шӯру ғавғо баландтар мешавад.

Фитрат. Ором бошед. Ҳоло қарори маҷлисро ба овоз мемонам:

Пешниҳод шуд, ки ба агенти сиёсии Ҳукумати муваққатии Россия Миллер нома навишта, аз ӯ хоҳиш карда шавад, ки барои гузаронидани намоиш рухсат диҳад ва барои ботантана гузаштани он дастаи мусиқии ҳарбии давлатии амирро аз Қӯшбегӣ талаб кунад. Кӣ зид, кӣ бетараф? Ҳама розӣ. Қарор қабул шуд!

Ҳама пароканда мешаванд. Айнӣ танҳо мемонад.

Монологи Айнӣ. Ҳамаи ҳозирин, ба ҷуз ман, барои қабули қарор якдилона овоз доданд. Ман шикаст хӯрдам, вале ботинан ҳис мекардам, ки ҳақ ҷониби мост. Лекин ин ҳақиқати хавфнокро таҳаммул карданаш ғайри имкон аст. Не, бояд чорае андешид, ки рафиқонам фирефта нашаванду ба дом наафтанд. Чора чист?..

Дар кӯчаҳои Бухоро хитобаҳоро меовезанд. Оркестр барои машқҳои тантана тамрин оғоз менамояд. Аскарони амирӣ низ милтиқҳоро равған мемоланд. Дарза-дарза чӯбҳои пӯсткандаро ба майдон мекашонанд. Қӯшбегӣ бо лашкариёни худ бурутҳоро маънидорона ба мисли гурбаҳои дандонтез пеш аз шикори мӯш, тоб медиҳанд. Ба дили одамони огоҳу бечора табларза ворид мешавад ва оҳиста-оҳиста тамоми баданашонро фаро мегирад. Рӯзи наҳс наздик меояд.

Мусиқи «Шоми ғарибона» баланд мешавад.

- Парда –

**Саҳнаи дуюм**

Оҳанги «Шоми ғарибона», вале Айнӣ барошуфта, аз нигоҳу ваҷоҳаташ қаҳру ситеза ҳувайдост. Ӯ ба шери захмхӯрда монанд аст, ки ҳамин ҳоло худро ба ҷӯши ҷанг меандозад. Барои ҳалли мушкилот чора меҷӯяд, намеёбад.

Майдони Регистон васеъ, аммо роҳи ҳалли қазия ноаён... Вале дар атроф мардум дар ҷумбуҷӯл, як сӯ дорбозҳо пояҳои дорро ба замин устувор мекунанд, як мард нақши зан, яке дигар нақши мардро бозида, бадеҳаи «Духтари мулло Чорторӣ»-ро машқ мекунанд.

Мард. Ой духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Ҷони мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Они мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Қанду асал лабон ту,
Ширу шакар забони ту,
Ғунчаи гул даҳони ту,
Ой, духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Ҷони мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Они мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Себи Сифаҳонат медиҳам,
Лаъли Бадахшонат медиҳам,
Ҳар чӣ хоҳӣ, онат медиҳам,
Ой, духтари Мулло Чорторӣ,

Ёри мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Ҷони мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Они мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Ман Шоҳи дарвозиям,
Амиру миру қозиям,
Диловаршоҳи ғозиям,
Ой, Духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Ҷони мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Они мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Пиру ҷавон аз они ман,
Ҳукми равон аз они ман
Мулки ҷаҳон аз они ман,
Ой, Духтари Мулло Чорторӣ,
Ёри мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Ҷони мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Они мо мешӣ?
Зан. Намешам!
Мард. Теғи ниқор мекашам,
Душману дӯст мекушам,
Шарбати васл мечашам,
Ой, духтари Мулло Чорторӣ
Ёри мо мешӣ?
Зан. Озмой!
Мард. Ҷони мо мешӣ?

Зан. Озмой!

Мард. Они мо мешӣ?

Зан. Озмой!

Айнӣ (Ба муколамаи ғалатии ҳар ду бодиққат гӯш дода ба ҳаяҷон меояд) Не, гӯй, хоҳарам, намешам!- гӯй. Ин амиру қозиву ғозиҳо то кай шуморо фиреб дода мегарданд? Онҳо барои ҳокимияти хешро идома додан теғи ниқор мекашанд, душману дӯст мекушанд, пиру ҷавонро, мулки ҷаҳонро аз худ мекунанд. Не, аз ин пас чунин нахоҳад шуд, мо муздурон, исён хоҳем кард! Зинда бод Инқилоб! (Бо овози баланд шеър мехонад, ҳама аз дуру наздик ба вай ҳамовоз мешаванд).

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон,
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид!
То ба кай ғусса хӯрдан ба ҳасрат,
Баъд аз ин шодмонӣ намо!
Бас ҷафо, бас ситам! Эй, адолат!
Дар ҷаҳон ҳукмронӣ намо!
Интиқом, интиқом, эй рафиқон!
Эй ҷафодидагон, эй шафиқон!

Ин дам шӯру ғирев баланд мешавад ва мо мебинем, ки ду нафар аз сарбозони амирӣ бо сарварии Қӯшбегӣ аз ду дасти Айнӣ дошта лату кӯб карда мебарад.

Қӯшбегӣ. Туро, Айнӣ, арвоҳи Садпирӣ зад, ба ҷазо омода бош!

Айнӣ. Ба аҷдоди ман шумо чӣ кор доред?

Қӯшбегӣ. Мо ба ҳама кор дорем, ҳам ба зиндаҳо, ҳам ба мурдаҳо! Бифармоед!

Айнӣ. Шумо чунин ҳақ надоред!

Қӯшбегӣ. Магар шумо ба танқиди шариатпаноҳ, амири Бухоро ҳақ доред, надоред! Чаро шумо зидди

амир шиорҳо мепартоед ва халқро мешӯронед.

<u>Айнӣ.</u> Тӯҳмат! Ман гуфтам, ки намоиш кори беҳуда аст, амир агар хоҳад, бе ин ҳамислоҳот мегузаронад!

<u>Қӯшбегӣ</u>. О шумо ба ҳамон қаламу дафтаратон машғул шавед, хуб нест?

<u>Айнӣ.</u> Сад ҳазор бор шукр, акнун қӯшбегӣ ба мо маслиҳат медиҳанд, ки чӣ бояд кунем!

<u>Қӯшбегӣ.</u> Даҳонашро баста, ба «обхона» баред!

(Айниро бо даҳону дастони баста мебаранд.)

- Парда -

**Саҳнаи сеюм**

**<u>Сабақи рӯзгор ва 75 чӯб</u>**

Як гӯшаи «обхона»-и маҳбаси назди арки Бухоро. Айнии 27-соларо дирӯз, яъне 8 апрели соли 1917, бо вуҷуди он ки ба намоиши шукрона аз ислоҳоти амир набаромад, бо гуноҳи ҷадид будан, одамони Қӯшбегӣ ва ҳукумат аз гиребонаш гирифта, аз дари ҳуҷрааш... кашола карда, ба замин зада, «чаро ба амир исён кардӣ? Чаро тарки амри шариат кардӣ?» – гуфта, оварда ба «обхона» партофтанд.

Ҳоло ӯ худ ба худ меандешад.

<u>Айнӣ.</u> Ман-ку ба 27 даромада бошам ҳам, ба касе ҷангу арбада накардаам, ба касе беэҳтиромӣ зоҳир нанамудаам, ҳаётам шоирона, метавон гуфт, файласуфона, беозор мегузашт... Бо вуҷуди ин – анҷомаш чаро чунин таҳқиромез?... Агар силоҳ медоштам, худро гӯсфандвор ба дасти ин қассобон намесупоридам, балки чанде аз ин сагҳоро кушта, пасон худро ба ҳалокат мерасондам!..

Канӣ, бинем 9 апрел ба мо чӣ меорад?

Ин дам садои посбон баланд мешавад.

<u>Посбон.</u> Шоир Айнӣ, лашу лушатро гирифта, зуд берун баро!

Айнӣ ки ҷуз либоси даридаи тан чизе надошт, зуд берун меояд ва мо мебинем, ки ӯро посбонҳо ба Майдони арк мебанданд...

<u>Айнӣ.</u> (роҳравон) Маро раҳо кунед! Куҷо бурданӣ?

<u>Посбон.</u> Назди Қӯшбегӣ... Арбада накун! Ба ҳамин зудӣ мефаҳмӣ оқибати гапу коратро....

Айниро ба сад ҳақорату дашном назди Қӯшбегӣ оварда чорпо мононда аз мобайни дасту пояш шахсеро чун поя гузошта, танашро бараҳна мекунанд ва Қӯшбегӣ пеш аз фармон додан, ба ӯ бо адоват менигарад.

<u>Қушбегӣ</u>. Шоир Айнӣ, туро арвоҳи Садпирӣ зад!

Уринг! Бир! Икки! Уч!

Уринг! Бир! Икки! Уч!

Ба ҳар як шумораи қушбегӣ аз ду ҷониб ба тахтапушти Айнӣ зарбаи чӯбҳо меомад, яъне ӯ на 75 чӯби расман эълон шуда мехӯрд, балки 150 зарб мебардошт. Бо ҳамин иллат пӯсти тахтапушташ пора-пора гашта ба гирду атроф пош мехӯрд...

<u>Қӯшбегӣ.</u> Шуд! Ҳукми 75 зарба ба ҷо омад. «Обхонага» олиб кет! (Ба Айнӣ нигариста) гуфтам-ку, туро арвоҳи Садпирӣ зад. Баред ӯро!

Ду посбон аз ду китфи Айнӣ гирифта ба сӯи «обхона» мебаранд... Пас аз чанде мо мебинем, ки дари обхонаро аскари русе дар даст милтиқ боз мекунад ва нидо мебарорад.

<u>Аскари рус.</u> Ҳӯй, мардум! Бароед, шуморо Револютсияи Русия озод кард! Беморону барҷомондаҳо бо мо ба Когон меравед, мо шуморо дар касалхона табобат мекунем!

(Айниро чанд каси каму беш боқувват аз ду китфаш дошта аз «обхона» берун мебароранд...)

Пас аз чанде саҳна тоб мехӯрад ва мо Айниро болои курсӣ, пушти аз зарбаи чӯб абгоршударо ҷониби тамошобин мебинем.

Лаҳзае мегузарад ва ӯ рӯ ба толор меорад.

Айнӣ. Дар Когон ман 52 рӯз бистарӣ шудам, 27 амали ҷарроҳиро паси сар кардам ва моҳи июни ҳамон соли 1917 андаке шифо ёфта, ба Самарқанд рафтам, зеро шаҳр зери итоати русҳо буд ва маро ҷамъияти равшанфикрони ташкилоти ҳизбии «Иштирокчиён ва созмони иттифоқи муаллимон» хуш истиқбол карданд». Аммо ин ҷо низ ташкилоти иртиҷоии Шӯрои ислом ривоят навишт, ки Айнӣ чун каси ба подшоҳи ислом теғ кашида аз Бухоро ронда шудааст ва дар ин шаҳр зистанаш низ ҷоиз нест. Ноҷор, 22 апрели соли 1918 ба Тошканд кӯчида, баъди 6 моҳ боз ба Самарқанд баргаштам, муаллимӣ ва рӯзноманигорӣ кардам. Соли 1919 ихтиёрӣ табааи Русияро қабул кардам ва бояд гӯям, ки соли 1918 ба ташкилоти коммунистон гаравидам. Сентябри соли 1920 ҷадидони собиқ бо ёрии русҳо Аморати Бухороро сарнагун карданд ва Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухоро таъсис ёфт. Яъне як орзуи деринаи ман – аз байн бардошта шудани сохти манфури аморати манғит амалӣ гашт.

Аз берун садои «Суруди озодӣ» ба гӯши тамошобин мерасад.

**-Парда-**

## Истинтоқ

Соли 1937. Самарқанд. Майдони Регистон. Як гурӯҳ ҷавонон ва миёнсолон ба даст шиори «С.Айнӣ – душмани халқ» роҳпаймоӣ карда, нидоҳои норозиёна мебароранд. Ногоҳ шиоре пайдо мешавад, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба рӯяш хат задаанд. Аз девори хонае лавҳаи «Хиёбони ба номи С.Айнӣ»-ро канда мегиранд. Дар ҳаққи адиб суханҳои носазо ба гӯш мерасад. Пас аз чанд лаҳзае мо мебинем, ки Айниро ду нафар сарбози НКВД ба идораи Сардор медароранд барои тергав. Айнӣ, ки аз чунин ранг гирифтани кораш моту мабҳут буд, чӣ кор карданашро намефаҳмад, рӯ ба рӯи Сардор омада меистад.

Сардор. Шинед. (Бо ишораи сар посбонҳоро рухсати рафтан медиҳад. Айнӣ ба курсӣ мешинд.) Хӯш, Садриддин Саидмуродзода, шумо оё медонед, уро кадом сабаб меҳмони мо ҳастед?

Айнӣ. Комилан бехабарам!

Сардор. Аксари айбдоршавандагон чунин мегӯянд, гӯё пешакӣ маслиҳат карда бошанд, ҳатто нависанда ҳам! Аҷоиб! (Аз болои миз як китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба Айнӣ нишон дода) Аз ин кор огаҳӣ доред?

Айнӣ. Бале, ман ин асарро бо супориши Сардори давлати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон Абдуқодир Муҳиддинов иншо карда будам.

Сардор. Ҳадаф?

Айнӣ. Мақсад он вақт пинҳон набуд, ҳоло ҳам: «Намунаи адабиёти тоҷик» шиносномаи расмии миллати ҷумҳурисози тоҷик буд ва ҳам муште ба даҳони пантуркистон, ки будани тоҷиконро инкор мекарданд.

Магар ин гуноҳ аст?

Сардор. Ҳама гап дар сари он аст, ки ба масъала аз кадом тараф истода баҳо медиҳем.

Айнӣ. Барои ин аввал асарро хондан лозим, рафиқ сардор. Оё шумо «Намуна...»-ро хондед? Шумо, рафиқ сардор, асарро хонда, аз мавқеи дурусти Ленинӣ, Сталинӣ, Болшевикӣ истода ба қазия назар андозед. Ман, аминам баҳоятон ҳаққонӣ мешавад.

Сардор. Айбдоршаванда Садриддин Саидмуродзода, шояд шумо огаҳ набошед, ки номи шуморо барои ин китоб шуда аз кӯчаву хиёбонҳо мебардоранд, дар майдонҳо намоиши эътирозӣ мегузаронанд.

Айнӣ. Даҳ-понздаҳ нафар зархарид? Ё ҳомиёни пантуркисти онҳо?

Сардор. На танҳо инҳо. Ана, ба тарҷумаи мақолаи Бухарин дар газетаи «Правда» ошно шавед, вай ҳам шуморо миллатпараст, тарафдори подшоҳ эълон кардааст.

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Эй, Бухоро, шод бошу шод зиҳ,
Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме.

Айнӣ. (Рангу рӯяш мепарад) О рафиқ Бухарин уро ом асос маро, ки як умр бо амирони манғит дар часпу талош будам ва аз онҳо 75 чӯб хӯрда будам боз ҷонибдори онҳо мешудаам? Боз маро ба миллатпарастӣ ва шоҳпарастӣ гунаҳкор мекунанд? Аҷаб коре!

Сардор. Яъне шумо ба ин айбномаҳо комилан розӣ нестед?

Айнӣ. Ҳаргиз! Ин шеърро устод Рӯдакӣ бо хоҳиши наздикони шоҳ, ки пазмони дидори азизон шуда буданд. Гуфтааст.

Сардор. Бо вуҷуди ин шумо бояд ба ин ӯҳдадорӣ имзо гузоред: дар хусуси аз ҷойи иқомат ба ҷойи дигар нарафтан, бе иҷозати мо. (Коғазро пешкаш мекунад.)

Айнӣ. О ин ҳабси хонагӣ-ку?

Сардор. Комилан дуруст.

– Парда –

## Душману дӯст – ҳама зидд
## Баҳори соли 1948

Самарқанд. Хонаи С.Айнӣ. Айнӣ дар либоси нимрасмӣ ва нимхонагӣ рӯи ҳавлӣ уро омният қадам гузошта аз бобе бо худ баҳс мекунад.

Айнӣ. Ё парвардигор, ба ин Деҳотӣ чӣ бало шуда бошад? Ҳамин ки ӯро котиби Союз интихоб карданд, пӯстинашро иваз кард ва ба вай чӣ ном доданро худам ҳам намедонам. Агар дӯсти ман гӯям, бояд «дӯсти нодонам гӯям, ки аз душмани доно бадтар аст…»

Бале, бале, аз душмани доно бадтар! Зеро душман дар ниҳояти уро ом ба қатл мерасонад ва ором мешавад, аммо дӯсти душмангашта не, бо ин кор ором намегирад, балки корашро идома медиҳад, ба хешу ақрабо, ба осори илмию адабиат ҳамла меорад… Ана, ин кораш басо ҷоҳилонаю бераҳмона… Чӣ бояд кард? Ҳа? (Ба ҷониби ошхона нигаристаа) Ҳӯй, Салоҳатбегим, канӣ шумо, як ин ҷониб нигаред!

(Аз ошхона зани Айнӣ ба даст як чойнику як пиёла берун меояд.)

Салоҳатбегим. Лаббай, дадеш, уро, чой дам кардам, бурда болои мизи кориатон монам?

Айнӣ. Хуб кардед, азизам, бурда монед, вале ман аз шумо дигар чиз пурсиданӣ: Деҳотиро, пас аз ин корҳояш дар ҳаққи ман, чӣ номем, гуфта ҳайрон мондам.

Салоҳатбегим. Чӣ меномидед?... Ҳеҷ чиз… Аз хурдон гуноҳ, аз бузургон ато…

Айнӣ. Не, не, онеш, гуноҳ ҳар хел мешавад, ин уро гуноҳро бахшидан гуноҳ аст. Вай имрӯз ба мани устодаш тӯҳмат зад, фардо, оҳо, медонед, чиҳо карданаш мумкин?!

Салоҳатбегим. (Дар ҳайрат афтода) Шояд оқибаташро фикр накарда…

Айнӣ. О, вай, Бектош барин ҳарифи ашадии ман не-ку? Ӯ боз котиби Союз, бояд нисбат ба дигарон як сару гардан боло бошад, неку бадро аз ҳам фарқ кунад. Дар чунин вазъ ман чӣ бояд кунам? Хап шинӣ, зада абгор мекунанд. Ман бояд коре кунам!

Салоҳаббегим. Як ба устод Лоҳутӣ, ба Маскав нависед-чӣ… Он уро мӯйро аз хамир ҷудо мекунанд…

Айнӣ. Офарин, азизам! Ягона роҳи халосӣ Маскав аст, ба дасти Лоҳутӣ! Ман ба кабинети корӣ рафта зуд ба ӯ нома менависам, касеро ба назди ман роҳ надиҳед. Чойникро бо пиёла рӯи миз гузоред, ман рафтам.

(Айнӣ бо тундӣ роҳ гашта паси дари даромад пинҳон мешавад, завҷааш низ аз паси вай ба хона медарояд.)

Ин дам тақ-тақи дарвоза ба гӯш мерасад.

Салоҳатбегим зуд уро омада ҷониби дарвоза метозад.

Салоҳатбегим. Ҳа, лаббай, шумо кӣ?

Почтачӣ. (аз беруни дарвоза) Ман почтачӣ, аз Ленинград мактуб омадагӣ, дарвозаро кушоед, ба кви-

тансия имзо мондан лозим.

<u>Салоҳатбегим.</u> (дарвозаро боз карда) Аз Камолҷон будагист, илоҳо барака ёбед.

Почтачӣ аввал ба квитансия имзо гиронда, сипас номаро ба соҳибхоназан медиҳад ва хайру хуш карда меравад.

– Ин писари донишҷӯи мо чӣ хабар дода бошад-а? Зуд бурда ба падарашон расонам, хурсанд мешаванд…

(Нома ба даст назди Айнӣ медарояд) Чанде пас худи Айнӣ конверт ба даст уро омада, рӯи манҷа нишаста, конвертро мекушояд ва ба хондан шурӯъ менамояд.

<u>Айнӣ.</u> Салом, падарҷон! Бо умеди саломатии шумову модарам. Дар ин ҷоҳо баҳсу талош аз уро космополитизм дар соҳаи адабиёту санъат авҷ мегирад. Дар яке аз чунин маҷлисҳо ман иштирок доштам. Дар ин гирдиҳамоӣ олимони руси шарқшинос чунин маълумот доданд, ки ҳамаи адабиёт ва санъат, ки ҳудуди тоҷикнишин (аз давраҳои қадим то ҳол), яъне дар Осиёи Миёна, шимоли Афғнистон, Хуросон, то Дашти Кабири Эрон пайдо шудааст, бояд мероси адабии тоҷикони имрӯза ҳисобида шавад. Гузашта аз ин, дар маҷлис таъкид шуд ки шоирони форсҳо ба мисли Ҳофиз ва Саъдӣ ба адабиёти тоҷик таъсири бузург расонидаанд ва аз ин рӯ ба таърихи адабиёти тоҷикон дохил шаванд.

- О боракалло, Камолҷон, бинед, чӣ маълумоти заруриро гирд овардааст! (Давоми мактубро мехонад)

- Ҳамчунин, шоирони тоҷикон – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва шоирони дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ таъсири бузурги худро ба адабиёти форсҳо гузоштаанд ва ё чӣ тавре, ки Низомии Ганҷавӣ дар адабиёти тоҷикон ва

форсҳо таъсир гузошт, бояд илману амалан мавриди баҳс қарор дода шаванд. Дар ин бора олимони руси ленинградӣ, профессорон Якубовский, Петрушевский, Боровлев, Бернштам, Болдырев, Будагов ва дигарон мулоҳиза ронданд.

- Барои ман, менависад Камолҷон,- гузориши якунимсоатаи профессор Фрейман оид ба таърихи адабиё ва санъати тоҷик хеле ҷолиб намуд. Ин олим суханашро аз «Авесто» сар карда намунаҳои назм ва насри онро таъкид карда, заминаи он маводро ба асарҳои Фирдавсӣ муқоиса намуд, ҳамаи онро бо намунаҳои шеърҳои халқии тоҷикӣ андоза карда, исбот кардааст, ки ҳамаи он моли халқии тоҷикӣ мебошад.

(Худ ба худ) О ин фикрҳои олиҷанобро бояд дар матбуот чоп кунонда паҳн намуд. Вале ин хоҳишро на ман, ки ваколати расмие надорам, балки нафаре аз роҳбарияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бояд ба ҷо орад. Масалан, рафиқ Миршакар ё Турсунзода. Дар арафаи 20-солагии Тоҷикистон чопи чунин мақола кори савоб мешуд, зеро ин Фрейман ягона олими тоҷикшинос аст, ки танҳо ба илм, ба ҳақиқат дода шудааст. Кори ин олим барои мо – тоҷикон, аслиҳаи уро бар зидди туркгароён аст, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро нодида ва сохта эълон карда буданд.

Аз ин аслиҳа оқилона истифода бурдан зарур!

- Бале, Фрейман, офарин, Камолҷон!

Айнӣ бо табъи хуш аз ҷо бархоста, ба сӯи кабинети корӣ равон мешавад ва раҳорах байтеро зам-зама мекунад:

Ду-се рӯзе шудам меҳмони Дарвоз…

Намудам сайри ҳар бӯстони Дарвоз…

Ин ғазали Деҳотӣ-ку? Чаро ба ёдам омад? Ҳа, о гап

сари он мерафт, ки ин шогирди ношуди банда маро ба тахта кашиданӣ… Воқеан, рафта давоми номаро ба рафиқ Лоҳутӣ навиштан лозим. Шуд, шуд… Лекин ҳамин ғазали Деҳотӣ бад не, равон, оби дарёчаи шӯх барин…

Ду-се рӯзе шудам меҳмони Дарвоз…

Намудам сайри ҳар бӯстони Дарвоз…

Айнӣ ба хона надаромада, қадре таваққуф мекунад.

Айнӣ. Аҷаб не, Деҳотиро низ маҷбур карда бошанд, ки маро тӯҳмат занад. Аз дасти инҳо ҳар кор меояд…

-Парда-

## Саҳнаи шашум

### Монологи А.Афанасьев, ки қариб 20 сол бо устод С.Айнӣ ва аҳли оилааш ошноӣ дошт

Дар саҳна марди рус дар либоси аврупоиҳо, ки солҳои 30 мепӯшиданд, дар сар кулоҳи тобистонаи парусинӣ, айнаки пенсне дар чашм, пиджаки сафедранги суфи сафед ё парусинӣ, аз моҳути сиёҳфом шимми галифе ва мӯзаи нимлатта ва нимхроми тобистона.

Афанасьев. Ман дар бораи устод Айнӣ ва аҳли оилаи он кас чун як шахси басо наздик, нону намакхӯр ва дӯсти содиқашон гап заданӣ, зеро се сол ба ҳавлии он кас, ғайр аз рӯзҳои якшанбе, меомадам, чун муаллими хонагии фарзандонашон. Ҳатто баъд аз ҷанг баргаштан аз сафи Армияи Советӣ, қариб ҳар сол сари роҳи сафар ба Хоразм, Фарғона ва Тошканд ба Самарқанд мефаромадам ва боздиди нависанда ва аҳли байташ мерафтам. Онҳо бароям азизу мӯътабар,

одамони ба дил наздик буданд. Соли 1954 марги бетараҳҳум имкони дидорро аз байн рабуд.

Ба хусус нигоҳи пурмаънои Айнӣ, ақли расо ва таҳлилӣ, муҳаббати гарми ӯро нисбат ба фарзандонаш ва мардум, хоксорӣ ва фурӯтанӣ, покизакории ӯ, нисбат ба худ ва дигарон серталаб будани вай, заҳматдӯстии фавқулодаашро ёд дорам. Дар як шахс ин қадар хислатҳои нек ғун шуданашро аввалин бор медидам. Он вақтҳо 20-сола будам, донишҷӯи курси аввал, устод тақрибан 60-сола, вале миёни мо фарқе набуд! Вай ҳамеша меҳрубон ва меҳмоннавоз буд, бо дигарон низ чун ба фарзандонаш муносибат мекард.

Як биандешед: дар оилаи устод на танҳо Холидаю Лутфия - духтаронаш ва Камоли писараш, балки ҷияни ӯ Ҳамид ва дигар хешу табораш низ тарбият меёфтанд. Шогирдони ман ҳамагӣ қобил буданд ва мо дарсҳоро дар як хонаи алоҳидаи калону равшан мегузарондем.

Чор сол рағбат ва меҳру муҳаббати устод нисбат ба таърих, забон ва адабиёти рус гӯё ба ҳамаи шогирдон гузашта буд. Онҳо ба ҷуз забони модарӣ, ба забони ӯзбекӣ озодона гап мезаданд ва саъй бар он доштанд, ки ба забони русӣ ҳам озодона сӯҳбат кунанд. Хулоса, мо дар зарфи 4 сол программаи синфҳои 5 ва 10-уми мактаби миёнаро аз худ кардем.

Кору бор ва рафтори худи устод барои шогирдон оинаи ибрат буд, зеро он кас ҳам педагог, ҳам мураббии ҳаққонӣ буд.

Айнӣ ҳамон вақтҳо аз ҳукумати Тоҷикистон мошинаи сабукрав ҳадя гирифта буд ва онро ба ихтиёри ман дод, ҳамроҳи ронандааш Даврон ва ҳар гоҳ, ки зарур мешуд, маро то ҷои лозима мебурд. Аҷаб баландҳиммат инсоне буд Айнӣ, ҳамин чор сол дар як

рӯзи муайян маошамро ба конверт андохта медод, моҳонаи хуб ҳам буд.

Айнӣ сари осори ҳамсабақони бузургаш тадқиқот мегузаронд ва масалан, асарҳои Синоро хуб медонист ва ӯро ҳамватани худ меномид. Ӯ бо эҷодиёти шоири ӯзбек Навоӣ рағбати зиёд дошт ва фарқи забони ӯро аз забони ҳозира нишон медод.

Ҳамон вақтҳо устод болои муҳовараи луғати русӣ-тоҷикӣ кор мекард ва маънои бисёр калимаҳоро аз ман мепурсид. Дар ёдам ҳаст, ӯ ба ман лақаби судхӯр «ишкамба»-ро аз повести «Марги судхӯр» шарҳ дода буд ва пас аз 15 сол ин китобро ман ба забони русӣ ёфта хондам.

Ёдам меояд, устодро боре ба Маскав даъват карда буданд, аммо сабабашро ошкоро баён намекард. Чунин дамдуздӣ аъзоёни оиларо ба ташвиш овард.

Салоҳатбегим. Чаро ин кас дар бораи сабаби Москваравии худ гапе намезананд?

Холида. Модарҷон, шумо ғам нахӯред. Охир, падарамон акнун одами давлатӣ – аъзои фахрии Академияи фанҳои Ӯзбекистон, доктори илмҳо, профессор, президенти Академияи фанҳои Тоҷикистон...

Салоҳатбегим. Ман аз вазъи саломатиашон хавотирам, роҳи дурру дароз, ташвишҳои беҳаду ҳисоб...

Холида. Мо тамоми дорую давояшонро ҳамроҳашон мефиристем, аҷаб не, духтур ҳам дар вагони ҳукуматӣ бошад...

Камол. Албатта, духтур ҳатман мешавад.

Ин дам аз дари даромади хона худи Айнӣ, дар тан нимкамзӯл, дар пой маҳсӣ берун берун меоянд ва ба даст телеграмма, рафта рӯи кати зери ток менишинад.

Айнӣ. Ҳа, лунҷакони шумо овезон, чаро?

Холида. Падарҷон, мо аз боби сафаратон ба Мас-

кав ба ташвиш уфтодем, хусусан, модарамон...

Салоҳатбегим. Дуруст, дадеш, о ин роҳи дурмадарозро чӣ гуна мепаймоед, гуфта ба ҳайрат мондем...

Айнӣ. (Ба нармӣ, аммо қотеона) Азизони ман, мӯнису ғамхораҳои ман! Бе шумо ман чӣ мекардам!

Ин чӣ дашти бекасӣ,
Ин ҷо намебинем касе,
Э, хаёли ёри ман,
Шояд ба фарёдам расӣ,
Ман зинда мемонам басе,
В-арна дар рӯи замин
Гардам намеёбад касе...

Ором бошед! Маскав маро на барои танбеҳ даъват мекунанд. Аҷаб не, ман ба рафиқон Лоҳутӣ, Горкий ва шояд худи доҳӣ Сталин вохӯрам!

- Парда -

## Саҳнаи ҳафтум

## Айнӣ чанд гуноҳ дошт? Якто, дуто, ... Даҳто?

Дар ин саҳна худи Айнӣ ширкат намеварзад, аммо чун қаҳрамони асосии драма боқӣ мемонад.

Мо ин ҷо чанде аз шогирдони устод, аз ҷумла, Худойназар Асозода, Расул Ҳодизода, Раҳим Ҳошим, Салоҳатбегим – завҷаи Айнӣ ва Камол – фарзанди Айниро мебинем.

Инҳо ба мо чӣ будани моҳияти «гуноҳҳои» ба Айнӣ боршударо мефаҳмонанд.

Инак, аввалин шуда ба саҳна Расул Ҳодизода мебарояд.

Р.Ҳодизода. Соли 1969 дар вохӯрие бо донишҷӯёни факултети филологияи Донишгоҳи миллӣ – писари устод Камол Айнӣ ба рӯзгори солҳои сии падар дахл намуда, баъзе ҷузъиётро аз боби ҳуҷуми сиёсӣ ба он кас нақл намуд, яъне соли 1937 С.Айнӣ «душмани халқ» эълон шуд, аз хиёбони назди Регистони Самарқанд, ки исми ӯро гирифта буд, хат заданд. Аз Душанбе низ хабарҳои нохуш мерасид – Айниро ҳар ҷо сиёҳ карда истодаанд. Худи устод дар вазъи «ҳабси хонагӣ» буд ва хатари маҳбусшавиро эҳсос мекард.

Илоҷи дигар набуд, Айнӣ аз мушкилоти ба сараш омада дӯсташ Лоҳутиро, ки дар Маскав кору зиндагӣ мекард, огоҳ намуд. Лоҳутӣ дар навбати худ нависандаи рус А.Фадеевро аз ин боб хабардор кард, А.Фадеев вазири корҳои хориҷии давр Вячеслав Молотовро огоҳонид. Молотов бошад, қазияро ба Иосиф Сталин баён намуд. Сарвари давлати шӯравӣ аз ин хусус огаҳӣ ёфта хулоса мебарорад. «Ин марди куҳансолро эҳтиёт бояд кард. Ӯ рамзи мардуми бузурги форсизабон мебошад».

Баъд аз ин хулосаи доҳӣ муовини Фадеев Ставский ба Самарқанд меояд ва Айниро бо худ ба Маскав мебарад ва пасон ба Сочи барои табобат гусел менамояд. Акнун меоем сари «гуноҳи аввалин»-и С.Айнӣ. Он чӣ гуноҳе буд?

Ба ёд меорем: - Гуноҳи аввали С.Айнӣ он буд, ки даъвати амири манғитро барои ба дарбор ба хизмат омадан рад намуд! Як таваҷҷӯҳ кунед, ки дар ҷавобҳои раддияи Айнӣ ба даъвати амир чӣ қадр фикру андешаи пурмоҷаро, пурсӯзу ҳаяҷон ниҳон аст. Ба андешаи ӯ, ба доми амир гирифтор шудан мисли Шамсиддини Шоҳин «дар рикоби амир» мурданро дошт. Айнӣ дар сӯҳбат бо Қозикалони Бухоро

Бурҳониддин, ки писари Қозикалон Бадриддин буд, чунин мегӯяд:

- Ман ба ин марҳамати олӣ шукрона ва миннатдорӣ мекунам, лекин ман як муллобачаи лоубол мебошам ва дар худ қобилияти риқоби олиро намебинам. Метарсам, ки одоби дарбори ҳумоюнро ба ҷо оварда натавониста, сабаби ранҷиши хотири мубораки олӣ гардам: дигар он ки ман бемории хафакон дорам, ки наздик ба саръ расидааст, бо андак сабаб ва гоҳҳо бесабаб, хафакон мегирад ва фарёдкунон беҳуш гардида меғалтам ва аз даҳонам кафкҳо омада соатҳо мехобам... Дар ин ҳол ман ҳеҷ гоҳ салоҳияти хизмати дарбори олӣ пайдо карда наметавонам.

Бубинед, ба хотири дарёфти халосӣ аз пойбандиҳои имконпазир, Айнӣ асрори ниҳонии дилашро фош мегардонад, то, ки ба силки ходимони дарбори манҳус дохил нашавад...

Расул Ҳодизода пас аз иҷрои нақш худро ба канор мегирад ва ҷои ӯро Раҳим Ҳошим мегирад.

Раҳим Ҳошим. (Бо овози қадре гирифта ва оҳанги форсӣ). Дӯстони гиромӣ! Гуноҳи дуввуми Айнӣ он буд, ки Амир Олимхон ӯро мударриси мадрасаи Хиёбон таъин намуд, вале ӯ ба ин таъинот дилгармӣ зоҳир накард ва маоши онро рад намуд. Худи домулло Айнӣ менависад, ки ӯ (амир) мехост, маро харида гирад, чунки дар миёни омма нуфуз пайдо карда будам. Инчунин мисолҳо дар таърих кам нестанд: масалан, даъвати устод Рӯдакӣ ба дарбори Сомониён, ё Фирдавсӣ ба силки Ғазнавиён, ҳатто шоҳи вақти Русия аз эътибори сухан ва обрӯи Лев Толстой меандешид. Дар як карикатура Толстой ба шакли як фигураи азамат дар дасташ ДОС тасвир ёфта бошад, Оқпошо мисли карлик-пакана омадааст.

Гуноҳи савӯмин. С.Айнӣ дар Бухоро мактаби аввалини типии навро ба забони тоҷикӣ таъсис дод. Амирони манғит тоҷикпарастии Айниро ошкор карда буданд ва онҳо чӣ гуна хатарҳо доштани бедории миллии ин халқро барояшон эҳсос мекарданд, зеро қатраҳои рӯи раҳи Регистон чун лола аз хуни ҷароҳатҳои Айнӣ чакида пеши чашмонашон медурахшиданд ва интиқом мехостанд...

Аз баҳри худо, моликон ҷавр,

Чандон бикунанд бар мамолик,

Шояд, ки ба подшаҳ бигӯянд:

Турки ту бирехт хуни тоҷик!

Раҳим Ҳошим баъд аз иҷрои нақш як сӯ меистад ва ба миён ҳамзамони мо Худойназар Асозода – олими Айнишинос меояд.

<u>Худойназар Асозода</u>. Устодон ва шогирдони азиз!

«Гуноҳи чаҳорум»-и Айнӣ дар он зоҳир шуд, ки ба ҷадидҳои Бухоро, ки сохтори сиёсиро барҳам заданӣ буданд, худро пайваст.

Бояд таъкид намуд, ки Айнӣ он замон дар бораи инқилоби сиёсӣ фикр ҳам надошт, балки мехост дар ҷомеа як навъ инқилоби фикрӣ амалӣ гардад. Маҳз барои ҳамин ҳам ӯро ба 75 зарба маҳкум намуданд ва хоҳони марги ҷисмонии вай буданд, вале аскарони рус наҷоташ доданд. Вақте аскари русе дар даст милтиқ ба «обхона» сар халонда, фарёд зад, ки:

- Берун оед, шуморо революцияи Россия озод кард, Айнӣ менависад, ки аз чашмонаш ашк фаввора мезанад ва ин ашкҳои шодӣ буданд...

Гуноҳи панҷуми Айнӣ дар он буд, ки баъди озод шудан ва табобат дар Когон, ба зодгоҳаш Бухоро нарафта, ба Самарқанди тобеи русҳо рафта зист, яъне маркази исломро тарк кард ва ин кор гуноҳи азим

ҳисоб мешуд.

Гуноҳи шашуми Айнӣ боз дар он буд, ки Инқилоби Октябрро бо «Марши ҳуррият» пешвоз гирифт ва дар марсияи  ба бародараш бахшида ба тахту тоҷи амир лаънат хонд.

Дӯстон! Фоҷиаи сахт биёмад ба сарам,
Рафт аз фоҷиа рӯҳ аз тану нур аз басарам...
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам...
Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам он маҳкамаи ҷавр мазористон бод!

Илова ба ин ба воситаи қиссаи «Ҷаллодони Бухоро» ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» сохти амирсолориро маҳкум намуд ва амиронро ҷаллод эълон кард.

Худойназар Асозода низ баъди иҷрои нақш як сӯ гузашта меистад ва ба саҳна Камол Айнӣ мебарояд.

Камол Айнӣ. Гуноҳи ҳафтуми Айнӣ ҳамин шуд, ки Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухороро барои забони давлатиашро туркӣ эълон кардан, намепазируфт ва ба нишони эътироз дубора ба Самарқанд баргашт ва табааи русӣ қабул намуд.

Гуноҳи аз ҳама азими Айнӣ, ки ба шумор «ҳаштум» аст, он буд, ки  дар сари номи  Ҷумҳурии мухтори шӯроии Тоҷикистон номи миллати  тоҷикро ташвиқу тарғиб намуд ва соли 1926 ба вай шиносномаи хоси ӯро дар шакли «Намунаи адабиёти тоҷик» ба расмият даровард ва бо ин китоби нодир ба даҳони пантуркистон, ки будани миллати тоҷикро инкор мекарданд, «мӯҳри хомӯшӣ» зад.

Ниҳоят «гуноҳи нӯҳум»-и устод он шуд, ки аз нахустин рӯзҳои  эълон гардидани  сохтори шӯроӣ онро пазируфт ва ба ташвиқу тарғиби он пардохт.

Солҳои сивӯм, вақте ки дар саросари Давлати Шӯроҳо маъракаи таъқиби адибону фарҳангиён оғоз гардид, фаъолияти зиддитоҷикии пантуркистон авҷ гирифт, бо истифода аз қаламбадастони «худӣ» ба муқобили Айнӣ чун адиби ду халқ – тоҷику ӯзбек, муборизаи беамон шурӯъ шуд, ки он барои маҳви ҷисмонии ӯ оварда метавонист. Танҳо бо лутфи сарвари Давлати шӯроӣ Иосиф Сталин ва кӯмаки дӯсташ Лоҳутӣ Айнӣ аз доми марг раҳоӣ ёфт.

Ба саҳна Абулқосим Лоҳутӣ мебарояд ва бо ҳаяҷони ботинӣ ба сухан оғоз мекунад, маълум мешавад, ки ӯ аз шахсияти барояш хеле азизу арҷманд гап задани.

Лоҳутӣ. Азизон! Ман, ки аз Ирон ҳиҷрат карда омадам, чанде пас ба ман гуфтанд, ки дар Осиёи Миёна кишвари зебоест, ки мардумаш форсигӯянд ва он ҷо барои кору зист басо мувофиқ аст. Дил ғунча кардаму тохтам сӯи Тоҷикистон, ки ҳанӯз як ҷумҳурияти мухтор набуд, зертобеи Ӯзбекистон буд. Ман аз таърих огаҳие дошта бошам ҳам, ба ҳайрат уфтодам... Гуфтам, ки дар ин мулк шахсе ҳаст, ки ба суолҳои ман тавзеҳ медиҳад ва он шахсро дарёфтам – он кас устод Садриддин Айнӣ буд. (Қадре танаффус мекунад. Бо номи ишон ошно будам ва он як шахсеро пеши назар меоварад, ки оғози ҷавонияш дар муҳити зулму ҷабр гашта, дар роҳи мубориза барои озодии халқ хидмат карда, бар зидди истибдод ҷасурона мубориза намуда, бародари фозили худро шаҳид дода буд. Он вақт ҳайкали муборaки вай дар пеши чашм ҷилвагар мешуд: бемор, низор, занҷир дар гардан ва кунда дар по, дар зери тозиёна ва чӯби фаррошони Бухоро, аз гардан то камар гӯшти пушташ рехта, ба тавре, ки ҳамаи устухонҳояш намоён аст. Ин ҳама ҳосили тахаюли ман буд, ки дур аз ҳақиқат нест

ва тасодуфи дигар ҳаваси дидори эшонро афзун намуд – ошноӣ бо осори адабии ӯ.

Пас аз хондану ошно гаштан бо навиштаҳои устод аз хотирам гузашт, ки амири Бухоро на танҳо золиму мустабид, балки бисёр гӯсолаву безавқ ҳам буд. Зимнан, аксари ин амирону султонҳову халифаҳо ба ҳам монанд ва дур аз афкори фалсафиву ташбеҳу талмеҳи адабӣ.

Моҳи августи соли 1925 дар шаҳри Самарқанд ба зиёрати Фозили мӯҳтарам ноил шудам. Устод дар утоқи худ даруни садҳо китоб ғарқ буд ва нусхае дар даст дошт, ки менавишт ва он «Намунаи адабиёти тоҷик» буд.

Садамоти дунё, занҷирҳо, зиндонҳо, чӯбҳо ва шиканҷаҳо устодро пиру мунҳанӣ карда чашмонашро беқувват намуда. Бо вуҷуди ин, як сол буд, ки ба ҷамъу тартиби «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохта буд... Ман онро мухтасаре мурур кардам.

Ин китоб бе ҳеҷ танқиду таҳлил навишта шудааст, аммо барои ин кор дар оянда манбаи басо пурқимати адабиёти тоҷик аст. Зиёда аз ин, «Намуна» худ як намунаи сайри таърихии адабии тоҷикон аст. Устод Айнӣ барои дарёфти нусхаҳои хаттии осори шоирони тоҷик дар ба дару кӯча ба кӯча рафта, онҳоро ғун карда ба маҷмӯа ворид намудааст.

Адабиёти имрӯзаи тоҷик гулистонеро мемонад, ки солҳои дароз на посбон дошт на боғбон ва мӯҳтоҷи обёриву ороишу пероиш мебошад.

Ман яқин дорам, ки устоди мӯҳтарам дар миёни ҷавонони навраси самимии тоҷик, тӯдаҳои адабии забонии форсӣ пойҷое муҳкаме устувор хоҳанд кард.

Асосан, таъкид мекунам, Осиёи Миёна, ҳамеша яке аз марказҳои муҳими адабиёти форсӣ буда, балки пас

аз нобуд шудани адабиёти  ин забон ба воситаи ҳуҷуми араб ва сӯзонидани  китобҳои форсӣ Осиёи Миёна қадимтарин манбаъ ва сарчашмаи адабиёти форсист.

Он рӯз дар зери зулму фишори араб рӯдакиҳо дар Осиёи Миёна паҳлавонӣ кардаву адабиёти мурдаро зинда намуданд.

Муқтазиёти ин давра – давраи адолати шӯравӣ ва озодии миллат аз устодони адаб ва нависандагони маъруфи форсӣ – фитратҳо, мунзимҳо, зеҳниҳо ва айниҳову амсоли онон барои тараққӣ додани адабиёти ин забони таърихӣ беш аз инҳо талаб мекунад.

Ҳоло порчаеро аз мактуби Айнӣ ба Лоҳутӣ аз 6 ноябри соли 1937 иқтибос меорем, то имкони дарки ҳолати равонии онрӯзаи устод ба мо даст диҳад:

Айнӣ. «Имрӯз 6-уми ноябр аст, ҳамаи СССР, ҳатто меҳнаткашони  хориҷ ҳам ба иди 20-солагии Уктабри бузург тайёр мешаванд... Амо ман, мани бадбахт, дар зарфи 20 сол танҳо ҳамин рӯз аст, ки дилам пурхун аст, аммо ҳеҷ зоҳир намекунам, то ки ба шодии бачагонам халал нарасонам. Аҳволи ҳозира ҳаминро нишон медиҳад, ки аз Ӯзбекистон ва Тоҷикистон барои беҳбудии кори ман умеде нест. Танҳо умеди ман дар Маскав, дар марказ, дар Сека... мондааст. Оҳ, кошки аз ин рӯзи ман Сталини бузург хабардор мешуд ва бори дигар ба ман ҳаёт медод... Агар  бо ҳамин кӯшишҳо кори ман бад шавад, шумо ба бачагони ман монанди як каси доғдор нигоҳ накунед...

Кӯшиш кунед, ки онҳо дар роҳ намонанд... Васияти охирини ман ҳамин аст.

Лоҳутӣ дар ҳошияи номаи Айнӣ менависад, ки рафиқ Бону мактуби 30 саҳифагии ӯро ба русӣ тарҷума карда ва як нусхаи онро  ба КМ, дигар нусха-

ро ба ҳукумат додам ва дар котиботи Иттифоқи нависандагон аз ин боб маърӯза карда, бегуноҳии Айниро исбот карда, аз хидматҳои он кас ҳарф задам. Бегоҳӣ бо телефон пурсида фаҳмидам, ки оё аризаи Айнӣ ба дасти роҳбари мӯҳтарами мо – Иосиф Виссарионович Сталин расидааст?

Оқибат С.Айнӣ ҳам дар Ӯзбекистон ва ҳам дар Тоҷикистон сафед карда шуд.

Баъдҳо маълум гашт, ки С.Айниро аслан Н.Бектош, Ф.Хоҷаев, Акмал Икромов, Ҳоҷиматов, Умаров, Закӣ Сатторов сиёҳ мекардаанд. Дар вақташ ҳамин Файзулло Хоҷа ва Икромуф ба «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳуҷум карда буданд ва ин масъаларо Икромов то Бухарин расонида буд...

Дар ин ҳолати навмедӣ Айнии 62-сола худро пири фартут ҳис мекарду агар тафтиш ба фоидаи ӯ анҷом намеёфт, аҷаб не, ҷисман маҳв мешуд.

«Агар оқибати корамро пешакӣ медонистам, ҳаргиз хонадор намешудам, ҷони зану фарзандонамро ба хатар намегузоштам...

Занам бемор аст ва бачагонам хурдсол. Дар ин аҳвол инҳо, ки ба ғайр аз зану бачаи ман будан, гуноҳе надоранд, хароб хоҳанд шуд...

Шароити Осиёи Миёна бад аст, дар ин ҷо агар касе зада шавад, бачагони хурдсолашро ҳам мезананд. Касоне мезанад, ки онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ҳеҷ дахле надоранд. Охир, шумо, дӯстам Лоҳутӣ, коммунист ва соҳиби фарзанд ҳастед. Васияти охирини ман ҳамин аст. Бо салом ва эҳтиром, Айнии бадбахт.»

Лоҳутӣ ин порчаро хонда, ба риққат меояд ва худро ба як гӯшаи саҳна мегирад.

Мусиқии ҳазин садо медиҳад.

- Парда-

## Баромади Айнӣ дар
## Анҷумани нависандагони Шӯравӣ

Москва. Соли 1934. Анҷумани нахустини нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ. Дар миёни дигар вакилон устод С.Айнӣ ҳам буд ва суханронӣ ҳам кард. Вай аз байн даҳ сол сипарӣ шуда бошад ҳам, аз боби тақдири асари безаволи худ «Намунаи адабиёти тоҷик» ёдрас шуд ва дар бораи қисмати талхи адибони форсизабони Бухорои Шарқӣ ва Туркистон бо алам ҳарф зад. Мо устод С.Айниро дар минбари анҷуман мебинем, ки бо ҳарорат нутқ мекунад.

Айнӣ. Рафиқон, нависандаҳои хушбахти шӯравӣ! Агар ман баъзе гапҳои шикваангез гӯям, боз эрод нагиред, ки ин пирамард шиква аз пирӣ оғоз кард, не, ин тавр нест, балки ман аз ҳақиқати талхи таърих гап заданӣ, дар бораи қисмати як халқ ва адабиёти қадимаи ӯ сухан рондан ва ин халқи тоҷик аст?

Аз бозе, ки вақтро таърих қайд мекунад, то имрӯз дар диёри Мовароуннаҳру Туркистон, чунон ки як қавми муаззам ба номи «Тоҷик» ё «Тозик» истиқомат дорад, ҳамчунин забону адабиёти эшон ҳам ривоҷ ёфта омадааст. Ин кор ба ҳукмронии шоҳу амир вобаста набуд. Мо мебинем, ки адабиёти тоҷик дар аҳди Сомониён, ки эронинажод буданд, ҳар қадар равнақ ёфта бошад, дар замони авлоди Чингиз Темур, шайбониҳову аштархониҳо ва баъд манғитҳо, ки ирқан муғул, турк ва узбак буданд, ҳамон қадар ривоҷ ёфт. Маълум мешавад, ки сабаби асосии ривоҷи забону адабиёти тоҷик мавҷудияти як қавми бузург ба номи тоҷик аст, ки ирқан ориёист.

Аммо пас аз Инқилоби Уктабр ҳам дар Туркистону Бухоро ҳукуматҳои шӯрой на ба номи ин қавми бумию қадима, балки ба номи ӯзбак таъсис ёфт, ҳама корҳои идории давлатӣ, рӯзномаву фармон ва китобҳои дарсӣ ва китобҳои сиёсӣ ба забони ӯзбакӣ нашр шуданд. Ба ҳамин тариқ тоҷикҳо аз меваҳои инқилоб маҳрум монданд. Мо ҳам дар ҳайрат уфтодем. Аз бехабарӣ! Ҳол он, ки моҳиятан сиёсати шӯроҳо ин расонидани ёрмандӣ ба ҳама қавму миллатҳост, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ, ҳам маърифатӣ ва ғайра. Баъди таъсиси ҳукумати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон яке аз аввалин қадамҳо ин буд, ки ба ман, ба адиби корхӯрда, супориш дода шуд, ки «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро ба чоп омода созам, намунаи эҷодиёти шоиру нависандагони моро гирд оварда, чун муште аз хирвор ба хонанда пешниҳод кунам ва ман ин вазифаро ба қадри имкон ба ҷо овардам.

Соли 1926 «Намуна»-ро Нашриёти халқҳои шӯравӣ дар Москваи олишон ба табъ расонд ва ин барои дӯстон пайғоми нек буду барои миллатчиёни туркгаро муште ба даҳон.

Пантуркистон чор тараф иғво андохтанд, ки ин асари зиддитаърихӣ, амирпарастро бояд ҷамъ оварда сӯзонд, чун китоби зарарнок.

Аммо вақти гузарон ин иштибоҳи онҳоро фош намуд. Шумо бовар ҳосил кардед, ки халқи тоҷик як қавми боҳунару созанда аст ва адабиёти қадимаву оламшумул дорад. Ман бо изҳори ташаккур аз ин анҷуман умедворона мегӯям, ки минбаъд низ барои равнақи адабиёти миллии шӯравии тоҷик хизмат хоҳам кард. Саломат бошед!

**Садо аз толор**. Устод, чӣ, шумо зидди дӯстии миллатҳоед, ки танҳо як миллати тоҷикро ин қадар ҳимоя мекунед?

Мо ӯзбекҳою тоторҳо, қирғизу қазоқҳо ба муҳаббати шумо сазовор нестем?

Айнӣ. Бародари азиз! О, шумо аз афташ дидаю дониста чунин савол медиҳед. Аз рӯи инсоф ба оинаи таърих нигариста, гап занед: Оё дар ҳамин ватани акнун воҳиди мо – Осиёи Миёна халқе ҳаст, ки ин қадарҳо ҷабру ситамро таҳаммул карда бошад? Бигзор бародарони туркман, қазоқу қирғиз ҳам гап зананд.

Садо аз толор. Нест! Ҷабри ҳама дида ҷабр, вале ҷабри тоҷикон дар ҷамъ басо кабира!

Садо аз толор. Ҳама ҷабр ҳосилаш бадбахтист, чӣ ҷои қиёс?

Айнӣ. Дӯстон! Як ба гуфтаҳои ҳамон саркардаҳои лашкари муғул диққат кунед: Чингизхон набераи худашро, яъне Усмонхонро ба Осиёи Миёна равон карда, чӣ фармоиш дод? Ӯ гуфт, ки онҷо халқест номаш тоҷик. Ба ин тоҷикон раҳм накунед, аз тифли гаҳвора то пири барҷомонда, ҳамаро сар аз тан ҷудо созед! Сабабашро оё шумо медонед?

Садо аз толор. Маълум аст, онҳо муғул фаровон куштанд, барои ҳамин ҳам ғайриирониҳо аз тоҷикон ҳарос доранд. Имрӯз ҳам.

Бухарин. (Аз ҷо бархоста). Рафиқон, як дам истед!

Ман ҳам чанде гирифтори андешаҳои зиддитоҷикона шуда, дар бораи китоби оличанoби рафиқ Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» баёнияҳои дурушт карда будам.

Аммо бо кӯмаки рафиқон ман аз ин гумроҳӣ раҳо ёфтам ва акнун гуфтаниям, ки рафиқ Айнӣ барои миллати тоҷик ва ҳамаи сокинони Осиёи Миёна як хизмати басо оличаноби фарҳангӣ ба ҷо оварданд. Мо ҳама барои ин заҳмати таърихӣ ба он кас ташаккур гӯем. Китоби «Намунаҳои адабиёти халқи тоҷик» ин як хазинаи маърифат барои ҳамаи халқҳои шӯравӣ!

(Кафкӯбиҳои бардавом)

**- Парда -**

**Мулоқоти имконпазири И.Сталин бо С.Айнӣ соли 1941**

Ҳуҷраи қабули меҳмонҳо дар Кремли Маскав. Дар қабулгоҳ С.Айнӣ бо И.Брагинский ва котиби И.Сталин Поскребишев мунтазиранд.

И.В.Сталин аз кабинет берун мешавад ва ҷониби С.Айнӣ равон мегардад.

Сталин. Салом алейкум, рафиқ Айнӣ! Кайҳо боз бо шумо вохӯрдан мехостам.

Айнӣ. Ваалайкум, Иосиф Виссарионович! Мисли ҳазорон одамони дигар ман ҳам орзуи дидани шуморо доштам.

Сталин. Рафиқони Лоҳутӣ ва Молотов ба ман хабар доданд, ки шуморо бо баҳонаи иштирок дар ҳаракати ҷадидон дар Аморати Бухоро, баъдтар ба «шоҳпарастӣ» айбдор карданд. Миёни онҳо баъзе шогирдон низ будаанд...

Айнӣ. Оре, ин як навъ турктозӣ буд ҷониби банда. Ман ба рафиқ Лоҳутӣ навишта будам: Танҳо кӯшиши шумо аз ҳимояи Ҳукумати советӣ маро аз шарри Файзуллоҳи Хӯҷа ва Икромуф нигоҳ дошта омад. Шумо медонед, ки Икромуф ба «Намунаи адабиёти тоҷик» чӣ гуна ҳуҷум карда буд, Икромуф ин масъаларо пеши Бухарин гузошта, ӯро ба майдон андохта буд.

Сталин. Аҷоиб, чаро онҳо Бухаринро ба миён дароварданд, ё гумон карданд, ки ӯ аз Бухорост?

Айнӣ. Надонам, Бухарин аз Бухорост ё Бухорист, вале ба масъалаҳои адабиёту таърих каму беш рағбат дошт ва ҳамон замон ду гуноҳи азимро ба гардани

абгори мо бор карданд ва ба ҳабси хонагӣ ҳукм баровარданд, то ки баъдтар зиндонӣ кунанд.

Сталин. Моҳияти гуноҳҳои боршуда чӣ буд?

Айнӣ. Гуноҳи азими банда тоҷикпарастии ман буд!

Тамом, вассалом. Ҳама кори ба истилоҳ «одамони поёнӣ буд, як тоифаи ношуд». Маҳз ҳамонҳо нависандаи пролетарӣ Максим Горкийро бо даҳшат қурбон карданд.

Сталин. Оре. Мо аз ин хиёнатҳои онҳо дертар воқиф гаштем, набошад, ин корҳоро пешгирӣ кардан мумкин буд...

Айнӣ. Дар боби хизмати хирсонаи баъзе шогирдҳо чӣ метавон гуфт? Ин гуна одамон гӯш ба қиморанд. Аз ҳар сӯ, ки бод вазид, фук бар он сӯянд...

Сталин. Бадтарин элементҳои аксулинқилобӣ... Ин гуна типҳоро дида наметавонам...

Айнӣ. Ба дидан ҳам арзанда нестанд. Афсус, ки ин гапҳо аз ҳақиқат дур нестанд. Аз ҳамин ҷиҳат ман ба рафиқ Лоҳутӣ охирҳои соли 1937 дарак дода будам... Хушбахтона, аз Маскав худи ӯро барои санҷидани ин қазияи нохуш командировка карданд, то ки бо чашми худ аз гуноҳҳои банда огаҳӣ ёбад. Маро шахсан надида бошад ҳам, мақолаҳои дахлдорро аз газетаҳо ёфта хонда, санҷид ва ба як қарор ҳам омад.

Сталин. Аз хулосаи ӯ мо хабар дорем: Айнӣ ҳеҷ гуноҳи сиёсӣ надорад! Ман аз номаи шумо, ки 6 ноябри соли 1937 навиштед, ба кадом вазъи ногувор афтоданатонро пай бурдам. Ба ғайр аз ин, ҳама ба иди 20-солагии Октябрь омодагӣ мегирифтанд, ҳатто тифлакони шумо. Дилатон пур аз ғам буд, вале сир бой намедодед, то ба иди бачагон халал нарасонед...

Айнӣ. Ман ба рамузфаҳмии шумо, рафиқ Сталин, қоил шудам.

Сталин. Рамузфаҳмии моро ба ҳунари характерофарии нависандагон ҳеҷ баробар наметавон кард, аммо маводи тадқиқи мову шумо як аст – инсон.

Айнӣ. Бале, чунин аст, мо ба тасвир мекашем, шумо...

Сталин. ... Мо ба дор! (механдад)

Айнӣ. Аз афташ, табиати давлатдорӣ ҳамин аст, гоҳ лутф мекунанд, гаҳе...

Сталин. Ҷабр! Оре, дӯстам, сиёсат бе зӯроварӣ намешавад, зеро одамони ҳархела... Яке мақсадро зуд дарк мекунад, дигаре суст, сеюмӣ – комилан зид аст... Масалан, бо шумо пас аз эълони ислоҳоти амир чиҳо карданд?

Айнӣ. Он худ як доме буд, ки бисёр ислоҳотхоҳони давр ба вай уфтоданд. Ман ба самимияти аморат ва кору бораш ҳеҷ бовар надоштам ва дӯстонро низ огоҳ кардам. Аммо... онҳо эътибор надоданд. Худрову маро ба бало гирифтор карданд...

Сталин. 7 апрели соли 1917 шуморо аз мадраса дошта лату кӯб карда ба майдони арк бурданд...

Айнӣ. Чорпоя карда, 75 чӯб заданд «бир, икки, уч»-гуфта, кӯша-кӯша мекӯфтанд.

Сталин. О, ин рақамҳои туркӣ-ку?

Айнӣ. Оре, авлоди ҳокимияти давр ҳама турку манғит буданд, имрӯза ҳам...

Сталин. Рафиқ Айнӣ, Шумо бо ин ҳама ҷаҳду талош чиро исбот кардан мехостед?

Айнӣ. Ман гуфтанӣ будам, ки тоҷикон аз қадим боз сокинони бумии Осиёи Марказӣ ҳастанд, дар пешрафти иқтисоду маънавиёти ин гӯшаи олам саҳми азим доранд. Онҳо турknажод не, ориёинажоданд, ягона миёни қавмҳои турку муғул. Ин халқро на ҷабру зулм, балки эҳтиром бояд кард, зеро қудрати ақлонии ка-

лон дорад, бо эрониҳо, афғонҳо қаробати хунӣ дорад, бо славянҳову аврупоиҳо наздикии маънавӣ.

Аз байни тоҷикҳо олимону адибони бузург баромадаанд, масалан, устодон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино ва Саъдӣ, Ҳофизу Дониш.

Сталин. Ва рафиқ Айнӣ!

Айнӣ. Ба қадри имкон...

Сталин. Ин тавр нагӯед. Як «Намунаи адабиёти тоҷик»-и шумо тамоми ҷомеаи туркгароёнро ба ларзиш овард ва исбот кард, ки адабиёти ин халқ аз умқи таърих оғоз ёфта то ба имрӯз расида аст. Рафиқ Лоҳутӣ онро як навъ шиносномаи маърифатии тоҷикон номид. Мо ба ин баҳо розием ва ба чопаш дар Маскав иҷозат додем.

Айнӣ. Ҳазорон ташаккур, рафиқ Сталин. Охир, магар хандаовар нест, ки ин туркгароён ба муҳити Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Тоҷикистон иғво андохта, чунин ҳарфҳо мегуфтанд: «Дар Осиёи Миёна тоҷик ном халқ нест, мнҳо ҳамон ӯзбеконанд, ки бо таъсири Эрон ва мадраса забони худро гум кардаанд».

Ана ҳамин асари «Намунаи адабиёти тоҷик» бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро дарронд ва ба даҳони онҳо мӯҳри хомӯшӣ зад.

Сталин. Осори чанд адибро дар бар мегирад?

Айнӣ. Зиёда аз 200 нафарро.

Сталин. Баъзе халқҳои дар шумор калон ҳам ин миқдор шоиру нависанда надоранд.

Айнӣ. Ман ҳар яки онҳоро аз садҳо маъхазҳо кофта, санҷида ёфтам. Ин кори ҷиддӣ буд.

Сталин. Мефаҳмам. Офарин, сад офарин, устод! Ҳоло вазъи саломатиатон чӣ навъ аст?

Айнӣ. Ташаккур, лекин росташро гӯям, ин ягона масъалаест, ки доим ба ғамхорӣ мӯҳтоҷ аст... Он давру замони лаънатии амирӣ аз ман на танҳо хешу ақрабо,

балки саломатиамро бо 75 зарба кашида бурд. Акнун ман бе кӯмаки духтурҳо як рӯз ҳам зиста наметавонам.

Сталин. Ба саломатӣ мо ҳама ниёз дорем...

Айнӣ. Хусусан айёми пирӣ... Рафиқ Сталин, вақти қимати шуморо гирам ҳам, як қиссаро нақл кунам, майлаш?

Сталин. Боке не, гап занед.

Айнӣ. Як одами пир пеши табиб рафта гуфтааст: Сарам сахт дард мекунад, даво кунед!

Табиб гуфтааст: Заъфи пирӣ аст, даво лозим нест.

Пирамард: Меъдаам дард дорад.

Табиб: Зарар надорад, аз пирӣ аст!

Пирамард: Миёнам аз дард қариб аст, ки шиканад.

Табиб: Зарар надорад, пирӣ аст.

Пирамард: Поям аз рафтор мондааст.

Табиб: Зарар надорад, аломати пирӣ аст.

Охир пирамард шӯрида бо табиб ҷанг кардааст.

Табиб боз ҳам гуфта, ки: Зарар надорад, ин ҳам аломати пирӣ аст. (механдад)

Сталин. Оре, оре, заъфи пирӣ... (механдад)

Айнӣ. Ҳамин тариқ, саломатӣ низ дар тани ман меҳмон, агар иззат карда тавонам, меистад, натавонам, ҷисми маро зуд тарк мекунад.

Сталин. Агар масалан, ба Сочи фиристем, ҷиддӣ табобат кунем, чӣ мегӯед?

Айнӣ. Аҷаб не, меҳмони муқимӣ шавад, рафиқ Сталин мо бе ин ҳам аз Ҳукумати Шӯроҳо беҳад миннатдор.

Сталин. Шумо шахси ба ҳама мукофот ва меҳру муҳаббат арзанда ҳастед. Албатта, ба яке аз санаторияҳои Қрим рафта дам гиред, шифо ёбед. Шумо ватанбон, барои ҳамаи мо азизед, корҳои нокарда бисёранд...Ба шумо саломатӣ ва навиштани асарҳои навро орзу мекунам. Хайр, рафиқ Айнӣ!

Айнӣ. Беҳад миннатдорам, рафиқ Сталин! То ҷон дар рамақ ҳаст, дар хизмати халқамон мемонем. Хайр!

**- Парда -**

## Эпилог

Душанбе. Соли 1997. Майдони назди Театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ. Тантанаҳо бахшида ба ҷашни Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар авҷанд. Мардум аз тамоми гӯшаву канори кишвар гирд омада, бо димоғи хушу табъи болида сайру гашт мекунанд. Фавvoраҳо обафшонӣ доранд. Садои карнаю сурнай ва нағора ба гӯш мерасад. Раққосу раққосаҳо мечарханд. Ширинкорон бо ҳунарашон табъи ҳозиринро хуш месозанд.

Дар экрани калон симои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон намоён мешавад. Ӯ фармонро дар бораи ба устод Садриддин Айнӣ додани унвони Қаҳрамони Тоҷикистон қироат менамояд. Сипас Президент дар бораи нақши устод С.Айнӣ дар ташаккули фарҳанг, илму адаби тоҷик ва нақши таърихии вай чун миллатсози воқеӣ сухан мегӯяд. Баромади Роҳбари давлат бо кафкӯбиҳои пурмавҷ истиқбол карда мешавад.

Фейерверк. Садои Суруди миллӣ дар фазои тантанавӣ.

**Анҷоми намоиш**

# Ф А Р М О Н И
## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
## Дар бораи додани унвони Қаҳрамони Тоҷикистон ба Садриддин Айнӣ

Барои хизматҳои бузург ва фидокориҳо дар поягузории истиқлолияти Тоҷикистон, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ, мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОН МЕДИҲАМ:

Ба фарзанди бошарафи халқи тоҷик Садриддин Айнӣ унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон
ш.Душанбе, 6 сентябри соли 1997, № 820

Аз нутқи Э. Раҳмон дар маросими тантанавии додани унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» ба С.Айнӣ.

Аллома Айнӣ бо рисола ва мақолаҳои зиёдаш дар хусуси зиндагӣ ва эҷодиёти шахсиятҳои илму маърифат ва сиёсату давлатдорӣ мардумро ба гузаштаи пурифтихор ва фарзандони некноми миллат ошно сохт, онҳоро ба таърихи ибратомӯзу пурифтихори худ пайваст. Мардум бо нигоҳи зиракона ва хирадмандонаи Айнӣ аз барору нокомиҳои ниёгон дар набарди зиндагӣ огоҳ шуданд.

*Мусиқӣ ва Суруди миллии Тоҷикистон баланд мешавад.*

- Парда -

# САЛОМ, ПАДАРИ ҶАНГОВАРАМ!
## *Нома ба падарам Холмуҳаммад Табаров*

*Ба истиқболи 70-солагии Ғалаба*
*дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ*


*Холмуҳаммад Табаров*

Имрӯз 9-уми май. Соли 2015-ум. Аз он рӯзи фирӯзи Ғалаба 70 сол гузашт. Ид муборак, падари зафаровари ман, сержанти калон, командири расчёти тӯпчиён, ҷанговари шуҷои Ҷабҳаи I Украина! Шумо агар зинда мебудед, имсол ба 106 қадам мегузоштеду бародаратон Нормуҳаммад ба 104, додархондатон Султони Ҳомид ҳам тахминан ба ҳамин син мерасад, зеро соли таваллудашро аниқ намедонист... Ҳайҳот! Амаки ман Нормуҳаммад, бародари хурдии Шумо, аз Ҷанги Олмон барнагашт. Сад ҳайф! Аммо бубинед, ки ману хонумам - Анор ба эҳтироми он кас ягона писарамонро Нормуҳаммад ном мондем. Аҷаб як ҷавони ҳам ба зоҳир, ҳам ба ботин зебою ҳушманд буд. Факултаи иқтисодии дорулфунунро акнун хатм карда, дар “Авиабонк” ба кор даромада буд. Мо дар фикри хонадориаш афтода, келини зебоеро бо маслиҳати худаш хуш карда будем, аммо... ҷанги бародаркуши

тоҷикон бо тоҷикон нагузошт, ки он орзуямон амалӣ гардад... Ӯ мисли амакаш- Нормуҳаммад ба ҳалокат расонда шуд, вале аз дасти қотили аҷнабӣ не, аз дасти тоҷикони худамон, ки барои ҳокимияти фалаҷгаштаи вақтро соҳибӣ кардан, дасту остин бар зада, дар ин роҳ омода буданд, ки хуни ҳамаи ҳарифон бирезанд...

Падарҷон, гоҳо фикр мекунам, ки тақдир ба Шумо раҳм кард, ки марги набераи худ ва писари дӯстдоратон Мирзоидиро ба чашми худ надидед. Онҳо ҳар ду мисли садҳо ҳазорони дигар қурбони васвасаи даври талош барои ҳокимият шуданд. Шукр, аз байни халқи қадимаву фарҳангсолори тоҷик фарзандони ғаюре, чун Президенти имрӯзаи кишвар Эмомалӣ Раҳмон, баромаданду пеши роҳи ҷанги хонумонсӯзро гирифта, ҷомеаро рӯ ба мусолиҳа ва ваҳдати абадӣ гардонданд.

Метавон гуфт, ки ин Ғалабаи Бузурги дигаре буд, ки мардуми мо деви ҳафтсари ҷангро маҳв сохта, ба даст овард. Бовар кунед! Бе ёди муқаддасоти фарҳангиву мазҳабӣ, ҷангиву ободкориҳо ин ғалаба дастраси мо намешуд! Хотираи таърихӣ чизи муқаддасу басо гаронмоя будааст! Шукр, ҳабдаҳ-ҳаждаҳ- сол боз дар кишвар оромиву осудагӣ ҳукмфармост, шаҳру деҳот ба таври шинохтанашаванда ободу зебо мегарданд, муҳимтар аз ҳама, ғурури миллии тоҷикон боло рафта... Корҳое амалӣ мешаванд, ки пеш дар хобу хаёл ҳам тасаввур карда наметавонистем: силсилабиноҳои баландошёнаи 20-22- қабата, роҳҳои фарохи байналмилалӣ,

хатсайрҳои ҷаҳонӣ, ки аз дили кишвар - Душанбеи дилоро мегузаранд. Дар ин ободкориҳо саҳми наберави аберахои Шумо низ ҳаст. Тоҷик имрӯз дар сохтмонҳои азими Русия, Туркия, Олмон ва Ҳинду Чин саҳмгузор аст...

Аммо сад афсӯс, ки неруҳои аҳриманӣ ором нестанд ва он кишвареро, ки замоне Шумо барояш ҷонбозиҳо карда будед, ба ҷабҳаи ҳарбу зарби ҷанги шаҳрвандӣ табдил доданд: дар он ҷо украин бо украин меҷангад, шаҳрҳо, хонадони ободи якдигарро хароб мекунанд. Айнан он фоҷиае, ки мо, тоҷикон аз сар гузаронда будем... Хайрият, пас аз ҷангу ҷидоли имсола, дар пойтахти Ҷумҳурии Беларус- шаҳри қаҳрамони Минск Аҳдномаи оташбаси умумиукраинӣ ба имзо расид: аз 15-уми феврали соли 2015-ум муқовимат бояд қатъ гардад! Шукр! Харкову Луганск, Славянску Данбасс, садҳо шаҳраку деҳоти ин кишвар осуда нафас мегиранд. Оташи низоъро боз ҳамон Амрико ангехт бо роҳбарии Баракатулло Ҳусейн Обама- як нафар сиёсатмадор, барандаи Ҷоизаи Нобел барои таҳкими сулҳи олам.

Ману ҳамкорам шоира Хосият Каст дар мазамммати аъмоли ӯ шеъре навиштем ба русӣ:

***Барак - это не брак, а жизни изобилие,***
***Оранжевый фонтан зажег ты на земле.***
***Искры расплескал по странам ты везде!***
***Когда же судный день к тебе, Барак,***
***Ответишь что Творцу за созданный бардак?***

Соли 2014-ум дар Майдони Сурхи назди Кремли

Маскав Намоиш ва паради ҳарбӣ баргузор шуда буд. Вазири дифои Федератсияи Русия Сергей Шойгу (миллаташ бурят) ба сарвари ин кишвар Владимир Путин рапорт дод. Дар сухани табрикии худ Президент Путин роҷеъ ба иштироки ҷанговарони миллатҳои гуногуни Ҷамоҳири Шӯравӣ ҳарфе назад, гӯё бори гарони ҷанг танҳо ба дӯши Русия ва русҳо уфтода бошад. Ин кораш хуб нест!

Дар Боғи Ғалабаи мо низ бо ширкати Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон парад ва гулгузорӣ барпо шуд. Президенти мо дар бораи саҳми тоҷикон ва тоҷикистониён дар ин Ғалабаи Бузург ҳарф зада, ба корномаи Шумо баҳои хоса дод. Дар рӯзномаи “Писательская правда” рӯйхати қаҳрамонҳои Иттифоқи Советӣ аз тамоми ҷумҳуриҳои собиқ СССР нашр гардид, ба ҷуз Тоҷикистон. Ҳол он ки 54 фиристодаи Ватани мо ин унвони баландро соҳиб шуда, 14 нафар дорандаи се дараҷаи Ордени “Шараф” (“Слава”) буданд. Наход онҳо шиори “Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст,”-ро дар хотир надошта бошанд?

Зимнан, Владимир Путин баъди парад аз минбар фуромада, бо собиқадорони ҷанг суҳбати тӯлонӣ дошт ва дар паҳлуяш нафаре дар сар тоқии чустӣ низ буд, ки бо роҳбари Русия аз бобе баҳс мекард. Шояд вай ҷанговари тоҷик буд ва мепурсид: «Ҷаноби Президенти Русия! Чаро саҳми ҷанговарони ӯзбеку тоҷик, қазоқу қирғиз, озариву гурҷӣ, туркману украин ва литвониву латишро фаромӯш кардед?». Аҷаб не, зеро чунин фаромӯшхотирӣ аз ҷониби Пре-

зиденти Федератсияи Русия, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳ нобахшиданист.

Имсол, яъне 9-уми майи соли 2015-ум чӣ мешуда бошад? Ба ҳар сурат мо, хешу табор, ҳамшаҳриҳою ҳамватанон, хотираи Шуморову ҳамсилоҳонатонро ҳамеша азиз медорем ва хоҳем дошт. Рӯзи Ғалаба рӯзи одӣ набуда, рӯзи ғалабаи Рӯшноӣ бар Зулмот аст, рӯзи зафари Некӣ бар Бадист. Зинда бод ёди онҳое, ки ба нақди ҷон онро ба оламиён ҳадя кардаанд!

Зинда бод чеҳраҳои тобноки қаҳрамонҳо, ки дар лавҳи дилҳо ва сафҳаи таърих сабт гардидаанд!

**Писари калони Шумо,**
**майори мустафъӣ,**
**собиқ командири взводи**
**Қӯшунҳои десантӣ**
**Нур Табаров**

**P.S.** Бояд гӯям, ки бародарони ман Саъдӣ, Исҳоқ, Хуршед ва Мирзоидӣ– ҳама дар сафҳои Артиши Шӯравӣ хидмат карданд. Хуршед, ки дар ҷанги Афғонистон иштирок карда буд, саломат баргашт. Фарзандони Шумо ба дифои Ватан, чун Шумо, ҳамеша омодаанд.

Зинда бод 9-уми майи соли 2015, Рӯзи Ғалаба!

# МУНДАРИҶА

*Мирзо Шукурзода.* Достони поси ошноиҳо.................... 5

Қиссаи як сурат. ..........................................................10
Бозор Собир ва дигарон. ................................................18
Як коса оби ҷонбахш. ....................................................26
Шоҳи мо рафт................................................................ 31
Ёвари бахт будан корест на осон....................................37
Некӣ бимонад ҷовидон. ..................................................43
Меҳмоннавозии Мусича. ................................................47
Дурӯғи маслиҳатомез. .................................................... 51
Ҳамоми усто Яъқуб.........................................................54
Мақсудҷон дар Сиетл.......................................................57
Ба муши кас корат чӣ?. ................................................... 60
Андеша ва пешниҳодот....................................................63
Он рӯзгорон ёд бод...........................................................66
Мо ба такомули маънавии ҷомеъа масъулем................72
Удачи тебе, Афганистан...................................................83
Будни собкора. ................................................................ 90
Отахон, Отаджон...............................................................93
Стихи двумя перями. .......................................................99
Ахорун-это божественный театр. ..................................105
Поэта сон. .......................................................................108
Он баҳор чӣ ба бор овард?.............................................115
Возмездие (рассказ) .......................................................166
Исёни Айнӣ (драмаи таърихӣ)........................................178
Салом, падари ҷанговарам..............................................218

**Нур Табаров**

## ЯК КОСА ОБИ ҶОНПАРВАР

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Дилбар Табарова*

Ба матбаа 10.05.2015 супорида шуд.
Чопаш 10.05.2015 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 14,0. Адади нашр 1000 нусха.

Дар Маҷмааи табъу нашри
“Шарқи озод” чоп шудааст.